Муҳаббатов Х.М., Раҳмонов Ш.Т.

# ГЕОГРАФИЯИ АҲОЛӢ



Душанбе - 2013

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

**Факултети география**

**Кафедраи географияи иқтисодӣ**

# Географияи аҳолӣ

**Душанбе 2013**

**Бо қарори Шӯрои илмӣ методии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ №1 аз «24 » «Октябри » соли 2012 ба чоп иҷозат дода шуд.**

**Китоби дарси аз фаннӣ**
**«Географияи аҳолӣ»**
барои донишҷӯёни ихтисоси география, география-демография, ҳифзи табиат ва дигар шӯъбаҳои факултети географияи донишгоҳҳои омӯзгорӣ

**Муаллифон**: д.и.г., профессор **Муҳаббатов Х.М.**,
н.и.г., и.в. дотсент **Раҳмонов Ш.Т.**

**Муҳаррири масъул:** н.и.и., дотсент **Акобиров Ш**

**Муқарризон:** д.и.г., профессор **Муртазоев У.И.**,
н.и.и., дотсент **Ҷӯраев А**

**Ҳуруфчини компютерӣ: Маҳманазарова Г.С.**

Китоби дарсӣ дар асоси нақша ва барномаи таълимӣ, барои донишҷӯёни факултети географияи донишгоҳҳои омузгорӣ пешниҳод шудааст.

Аз китоб инчунин омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳои олӣ, колеҷҳо ва омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумии миёна, ки аз фани география дарс мегузаранд истифода бурда метавонанд.

КИТОБХОНА
ДДОТ Ба номи С. Айнӣ
Уч/ф_________

# САРСУХАН

Фанни географияи аҳолӣ яке аз шохаҳои асосии географияи иқтисодӣ буда, он таркиби аҳолӣ, афзоиш ва тафовути минтақавӣ, системаи ҳудудии ҷойгиршавии нуқтаҳои аҳолинишин ва қонуниятҳои тараққиёти онҳоро меомӯзад.

Ҳар як мутахасиси соҳаи географияро лозим меояд, ки оид ба шумора ва таркиби аҳолӣ, афзоиши табиӣ, муҳоҷират, маскуншавӣ, таркиби динӣ, нажодӣ ва проблемаҳои демографии аҳолии ҷаҳон маълумоти дақиқ дошта бошад.

Китоби дарсӣ асосан равандҳои ба аҳолии ҷаҳон алоқамандро дар бар гирифта, вазифа ва аҳамияти он барои тайёр намудани муаллимони географияи мактабҳои миёна ва мутахассисони соҳаи илмҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хело муҳим аст.

Яке аз сиёсати асосии давлат дар баробари кӯмаки иҷтимоӣ ба аҳоли расонидан, инчунин шумора ва вазъи демографии аҳолии мамлакатро зери назорат гирифтан мебошад. Аз ин лиҳоз омӯзиши фанни географияи аҳоли барои донишҷӯёни соҳаи география ва иҷтимоиёт ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар китоби мазкур сухан аз боби ташакулёбии фанни географияи аҳолӣ, асосгузорони фан, асосҳои методологии он, зиччӣ, маскуншавӣ, халқиятҳо, географияи динҳо ва дигар паҳлӯҳои географияи аҳолӣ меравад.

То ҳол ягон дастур ё китоби дарсӣ бо забони тоҷикӣ аз фанни географияи аҳолӣ кам ба табъ расидааст[1]. Бо назардошти ин муаллифон то ҷое тавонистаанд кӯшиш ба харҷ додаанд, ки китоби дарсӣ ба талаботи барномаи донишгоҳ ва донишкадаҳои омӯзгорӣ ҷавобгӯй бошад.

Китоби дарсӣ барои колеҷҳо, донишкада ва донишгоҳҳои ихтисоси география, демография, иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мамлакат пешбинӣ шуда аст.

---

[1] Ба истисноӣ китоби Камолиддинов Н. «Географияи аҳолӣ бо асосҳои демография ва этнография». Хуҷанд 2009.

# МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ
# ФАННИ ГЕОГРАФИЯИ АҲОЛӢ

1. *Географияи аҳоли яке аз шохаҳои муҳими фанни географияи иқтисодӣ.*
2. *Вазифаҳои асосии илми географияи аҳолӣ.*
3. *Самтҳои омӯзиши географияи аҳолӣ.*

1.Географияи аҳоли яке аз шохаҳои муҳими фанни географияи иқтисодӣ. Гурӯҳи одамони дар ҳудуди муайян истиқоматкунандаро аҳолӣ меноманд. Ба аҳоли ва фаъолияти хоҷагии он дар ҳама давру замон олимони соҳаи география диққати ҷиддӣ медоданд. Баъд аз пайдоиши илми географияи иқтисодӣ таваҷҷӯҳи олимони соҳаи географияи иқтисодӣ дар омӯзиши аҳолӣ боз ҳам зиёдтар гардид. Зеро вазифаи асосии географияи иқтисодӣ ин омӯзиш ва ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳудуди муайян мебошад.

Аҳолӣ бошад яке аз қувваҳои асосии истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, тамоми воситаҳои истеҳсолот ва бештари неъматҳои моддӣ натиҷаи меҳнати инсонӣ ба ҳисоб меравaнд. Тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ бо туфайли инсон рушд ёфта, бо таъсири бевоситаи он камол меёбанд. Инсон дар бисёр ҳолат ҷараёни фаъол ва муҳими қувваҳои истеҳсокунанда буда, аксар офарандаи боигариҳои моддӣ ва маънавӣ низ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми омӯзиши географияи аҳолӣ ба масъалаҳои зерин эътибор бояд дод:

1. Аҳолӣ ҳамчун субъекти истеҳсолӣ ва истеҳсолкунандаи ҳақиқии неъматҳои моддӣ.
2. Истеъмолкунандаи қисми муайяни маводи истеҳсолшудаи ҷамъиятӣ.
3. Аҳоли таркиби муҳими тамоми ҷараёнҳои иҷтимоӣ буда, хусусияти аз нав эҳёшавӣ дорад.

Аз ин лиҳоз чунин хусусиятҳои хоси аҳолиро наомӯхта, мо ҳангоми таҳлил ва ҳал намудани бисёр муаммоҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва географӣ ба мушкилиҳо дучор меоем. Дар чунин маврид географияи аҳолиро олимон яке аз шохаҳои асосии географияи иқтисодӣ меҳисобанд. Аз ин сабаб ҷойгиршавии ҳудудии аҳолӣ дар ҳамешагӣ ба

ҷойгиршавии соҳаҳои хоҷагии ҳалқ ва рушди минбаъдаи он таъсири бевосита мерасонад.

Вобаста ба дараҷаи махсусгардонӣ ва тараққиёти соҳаҳо дар ҳудуд ва минтақаҳои алоҳида фаъолияти аҳолӣ гуногун мешавад.

Географияи аҳолӣ дар байни шохаҳои географияи иқтисодӣ мавқеи хосаро ишғол мекунад. Зеро аҳоли дар мадди аввал қувваи истеҳсолкунанда ва дар навбати худ ҳамчун қувваи истеъмолкунандаи ҷамъиятӣ амал карда, дар тамоми соҳаҳои истеҳсолӣ фаъолона ширкат меварзад.

2.Географияи аҳолӣ дар ҷараёни фаъолияти худ афзоиш ва тафовутҳои минтақавии ҷойгиршавии аҳолӣ, қонуниятҳои низоми афзоиш ва рушди аҳолиро низ меомӯзад.

Дар рафти омӯзиши географияи аҳолӣ онро ба гурӯҳҳои функсионалӣ ҷудо менамоянд. Яъне гурӯҳи аҳолие, ки дар соҳаҳои асосии истеҳсоли неъматҳои моддӣ, нақлиёт, кишоварзӣ ва саноат ба кор банд буда, онҳо гурӯҳи якуми функсионалиро ташкил медиҳанд.

Он гурӯҳи аҳолие, ки дар соҳаҳои ғайриистеҳсолии хоҷагии халқ: соҳаи хизматрасонӣ, маориф, илм фарҳанг, тандурустӣ ва савдо фаъолият доранд ба гурӯҳи дуюми функсионалӣ шомил мешаванд.

Дар охир гурӯҳи аҳолие, ки умуман ба монанди наврасон, нафақахӯрон, занҳои хонашин ба гурӯҳи сеюми функсионалӣ дохил мешавад.

3. Географияи аҳолӣ дар навбати худ боз ба якчанд самтҳо ҷудо мешавад:

1. Таркиби аҳолӣ, тафовути географии бозтавлид ва омӯзиши сабабҳои ин тафовут.
2. Омӯзиши фарқиятҳои географии захираҳои меҳнатӣ ва тарзи истифодабарии онҳо.
3. Тадқиқи тақсимоти ҳудудии аҳолӣ ва ҳиҷрати он.
4. Омӯзиши нуқтаҳои аҳолинишин ва системаи ҳудудии онҳо.
5. Омӯзиши маданият ва сабабҳои фарқиятҳои географии тарзи ҳаёти аҳолӣ.
6. Таърихи географияи аҳолӣ.
7. Дар харита тасвир намудани ҷойгиршавии аҳолӣ.

Дар назди фанни географияи аҳолӣ якчанд вазифаҳо меистанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

Якум, додани маълумот дар бораи аҳолии мамлакат оид ба шумора, афзоиш, ҷойгиршавии ҳудудии аҳолӣ, географияи халқҳо, инчунин вобаста ба шароити дохилию берунаи мамлакатҳои гуногун проблемаҳои дар рушди шаҳрҳо ҷойдошта мебошад. Дар ин маврид бо маълумотҳои марбут ба аҳолӣ, китобхонаҳо ва ташкилотҳои дахлдорро таъмин намудан буда, ҳамчунин талаботи муассисаҳои дахлдор ва мардумро бо китобҳои махсуси географияи аҳолӣ, рисолаҳои илмӣ, монографияю асарҳои ҷолиби географӣ ва дастурҳои методӣ қонеъ намудан зарур мебошад.

Дуюм, давом додани кору фаъолият дар самти назариявии масъалаҳои географияи аҳолӣ мебошад.

Сеюм, ҳарчи пурзӯр намудани корҳои таткикотии барои омӯзиши амалии аҳоли равона карда шуда мебошад.

Дар вақти ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда, соҳаҳои хизматрасонӣ ва ҳангоми ба нақша гирифтани истеҳсоли ин ё он маҳсулот ва ё ба роҳ мондани интиқоли он, инчунин дар масъалаи истифода ва таъмини пурраи захираҳои меҳнатӣ, ҳали проблемаҳои байни шаҳр ва деҳоти мамлакат ҳатман маслиҳату пешниҳодҳои мутахасисони соҳаи географияи иқтисодӣ, аз ҷумла географияи аҳолӣ бояд ба назар гирифта шавад.

## Маълумотҳои иловагӣ

**Географияи аҳолӣ** – илмест, ки таркиби аҳолӣ, афзоиш, тафовути минтақавии ҷойгиршавии он, қонуниятҳои таъсиси ин тафовутҳоро, инчунин системаи ҳудудии нуқтаҳои аҳолинишин ва қонуниятҳои тараққиёти онҳоро меомӯзад.

**Географияи тиббӣ** – илмест, ки ҳудуди паҳншавии ҳамагуна бемориҳоро аз нуқтаи назари шароитҳои табиӣ-географӣ меомӯзад.

**Географияи доираи хизматрасонӣ** -ин ташкили ҳудудии хизматрасонии маишӣ, маданӣ ва иҷтимоӣ ба аҳолӣ мебошад.

**Географияи рекреатсионӣ** – омӯзиши географии митақаҳое, ки барои истироҳат ва барқароркунии саломатии аҳолӣ мусоидат мекунанд.

**Демогеография** – соҳаи таткиқотиест, ки дар натиҷаи бо ҳам омадани демография ва географияи аҳолӣ таъсис ёфтааст.

**Этногеография** – соҳаи таткиқотиест, ки дар натиҷаи якҷояшавии этнография ва географияи аҳолӣ ба вуҷуд омадааст.

**Қонуниятҳои тараққиёти аҳолӣ** – қонуниятҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки ба миқдор, таркиб ва дигар нишондиҳандаҳои аҳолӣ таъсир мерасонад.

**Инвайронментализм** – таълимотест, ки тараққиёти ҷамъиятро дар алоқамандӣ бо шароитҳои табиӣ тасдиқ мекунад.

**Ба низом даровардани шумораи аҳолӣ**- маҷмӯи чорабиниҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие мебошад, ки дар байни аҳолӣ бо мақсади кам ва ё зиёд намудани нишондиҳандаҳои таваллуди аҳолӣ пешбини шуда аст.

**Манбаҳои омӯзиши аҳолӣ** – соҳаҳое, ки доир ба аҳолии ҳудуд ё минтақа маълумоти доимӣ медиҳад.

**Ҷараёнҳои замонавии этникӣ** – ҷараёни алоқаҳои муносибати иҷтимоӣ ва сиёсии байни халқҳои кураи Замин.

**Омехташавӣ** –алоқаҳои бо ҳам наздики миллату халқиятҳо дар давоми ҷараёнҳои этникӣ мебошад.

**Ҷудошавии этникӣ** –аз ҳамдигар дур шудани халқҳои гуногун дар давоми ҷараёнҳои этникӣ.

**Аҳолии доимӣ** – шумораи аҳолие, ки дар ҳудуди муайян доимӣ умр ба сар мебаранд.

**Аҳолии мавҷуда**– шумораи аҳолие, ки дар ҳудуди муайян дар якҷояги бо аҳолии муқимӣ бо таври муваққатан истиқомат мекунад.

**Таркиби аҳолӣ** – тафовути ҷинсӣ, синнусолӣ, касбӣ ва дигар тафовутҳои аҳолии муқимӣ.

**Омори демографӣ**– соҳае, ки тараққиёти демографии аҳолиро бо усули математикӣ меомӯзад.

**Ҷараёнҳои демографӣ** – ҷараёнҳое мебошанд, ки дар шакли таваллуд, фавт, никоҳ ва ғайра ҳамеша дар байни аҳолӣ амал мекунанд.

**Коэтффитсентҳои демографӣ** – нишондиҳандаи омории ҷараёнҳои демографие, ки ба сари 1000 нафар аҳолӣ ҳисоб карда мешавад.

**Мақсади асосии фанни географияи аҳолӣ:**

1. Тадқиқ намудани асосҳои назариявии дигаргуниҳои афзоиши аҳолӣ ва таъсири ин дигаргуниҳо ба тарзи ҳайёт ва шароитҳои иқтисодиву иҷтимоӣ;

2.Муқоиса намудани тафовути демографии Тоҷикистон бо ҷараёнҳои демографии мамлакатҳои ҷаҳон;

3.Маълумотҳои марбут ба афзоиши табиӣ ва муҳоҷирати аҳолиро таҳлил намуда, дар асоси ин маълумотҳо роҳҳои ба тартиб даровардани ҷараёнҳои ба аҳолӣ таалуқдоштаро ҷустуҷӯ намудан мебошад;

**Вазифаҳои асосии фанни географияи аҳолӣ:**

1. Омӯзиши хусусиятҳои ҳудудии афзоиши табиӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ.

2. Омӯзиши зиёдшавии аҳолӣ, ва омилҳои марбут ба муқоисаи ҳудудии муҳоҷират.

**Мақсади асосии демография**-омӯзиши дараҷа ва таркиби аҳолӣ.

**Вазифаҳои асосии фанни демография**-ҷамъ овардани маълумот оид ба аҳолӣ, таҳлил намудани маълумотҳо ва ба органҳои дахлдор расонидани онҳо мебошад.

**Ҳангоми барӯйхатгирии аҳолӣ масъалҳои зерин омӯхта мешаванд.**

1. Шумораи аҳолии ҳудуди мамлакат ва ҷойгиршавии он, аҳолии шаҳр ва деҳот, муҳоҷирати аҳолӣ;
2. Таркиби миллии аҳолӣ, забони модарӣ ва забони мулоқот, шаҳрвандӣ;
3. Дараҷаи маълумотнокии аҳолӣ, дар соҳаҳои хоҷагии кишоварзию саноат ва дар соҳаҳои хизматрасонӣ банд будани он, даромаднокии аҳолӣ;
4. Шумораи хоҷагиҳо;
5. Таваллуд;
6. Сатҳи зиндагии аҳолӣ.

**Саволҳои назоратӣ:**

1. *Аҳолӣ гуфта чиро мефаҳмед?*
2. *Географияи аҳолӣ дар таркиби фанни географияи иқтисодӣ чӣ мавқеъ дорад?*

3. *Ҳангоми омӯзиши географии аҳолӣ ба кадом ҷиҳатҳои асосӣ диққати ҷиддӣ додан зарур аст?*
4. *Географияи аҳолӣ чиро меомӯзад?*
5. *Ба гурӯҳи функсионалии якум, дуюм ва сеюм киҳо дохил мешаванд?*
6. *Вазифаҳои географияи аҳолӣ аз чӣ иборат аст?*

# АЛОҚАМАНДИИ ГЕОГРАФИЯИ АҲОЛӢ БО ФАНҲОИ ДИГАР

*1. Фанҳое, ки бо фанни географияи аҳолӣ бевосита алоқаманд мебошанд.*

1.Доираи алоқамандии фанни географияи аҳолӣ бо фанҳои дигар хеле гуногун ва васеъ мебошад. Зеро шумораи фанҳое, ки бо омӯзиши аҳолӣ сару кор доранд хело зиёд мебошанд. Фанҳое, ки географияи аҳолӣ ҳангоми таткиқоти хеш бо онҳо дар алоқамандӣ мешавад, шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

А) Фанни географияи аҳолӣ дар байни шохаҳои фанни география асосан бо географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва географияи табиӣ алоқаманд мебошад. Ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот дар асоси истифодаи сарватҳои табиӣ амал карда, рушд меёбанд. Махсусгардонӣ ва хусусиятҳои дигари соҳаҳои истеҳсолӣ бошанд аксар дар асоси сарват ва шароитҳои табиӣ муайян карда мешаванд.

Алоқамандии фанни географияи аҳолӣ хусусан бо географияи тиббӣ то рафт васеъ мегардад. Географияи тиббӣ илмест, ки ҳудуди паҳншавии бемориҳоро аз назари шароитҳои табиию-географӣ меомӯзад. Вобаста ба минтақаҳои географӣ ба шароити санитарию гигиении аҳолӣ баҳо додан ва муайян намудани хусусиятҳои либоспӯшӣ, истеъмоли хӯрок, инчунин дигар масъалаҳои ба шароити иҷтимоии аҳолӣ таалуқдошта низ вазифаи омӯзиши географияи тиббӣ ба ҳисоб меравад.

Алоқамандии фанни географияи аҳолӣ бо фанни географияи хизматрасонӣ низ хеле устувор аст. Географияи доираи хизматрасонӣ ин ташкили ҳудудии хизматрасонии маишӣ, маданӣ ва иҷтимоӣ ба аҳолӣ мебошад. Тамоми масъалаҳое, ки аз ҷониби географияи хизматрасони омӯхта ва ҳал бояд шаванд танҳо дар асоси маълумотҳои таҳлилгардидаи ба нуқтаҳои аҳолинишин таалуқдошта, амалӣ карда мешаванд. Географияи хизматрасонӣ сараввал дар дохили фанни географияи аҳолӣ ба вуҷуд омада, баъдан ҳамчун фанни алоҳида шинохта шуда аст.

Географияи аҳолӣ бо фанни географияи рекреатсионӣ низ алоқаманд мебошад. Географияи рекреатсионӣ илмест,

ки минтақаҳои барои истироҳат ва барқароркунии саломатии аҳолӣ мусоидат намуда онҳоро аз назари географӣ меомӯзад. Барои фанни географияи рекреатсионӣ нишондодҳои таркиби синнусолӣ, ҷинсӣ ва дигар нишондиҳандаҳои аҳолӣ муҳим мебошанд. Алоқамандии фанни географияи аҳолӣ бо географияи таърихӣ низ мустаҳкам аст, зеро муайян кардани нишондодҳои ба аҳолӣ мансуб дар муқоиса бо замони гузаштаю ҳозира аҳамияти хосса дорад. Инчунин фанни географияи аҳолӣ бо хаританигорӣ низ алоқаи зич дорад. Зеро аҳолӣ ва ҷойгиршавии он аз харита беҳтар омӯхта мешавад.

Б) Ба гурӯҳи дувум фанҳои демография, этнография ва антропология дохил мешаванд. Сабаби ба як гурӯҳи муайян ҷудо намудани фанҳои мазкур дар он аст, ки ин се фан ба омӯзиши аҳолӣ сару кор доранд. Ҳар яки ин фан аҳолиро аз назари хеш таткиқ намуда, минбаъд аз маводҳои ягдигар васеъ истифода мебаранд.

Демография аз калимаи юнони гирифта шуда «демос-халқ, аҳолӣ ва графия-омӯзиш, навистан» мебошад. Илмест, ки бозтавлиди аҳолиро меомӯзад. Масъалаҳои омӯзиши географияи аҳоли ва демография бо ҳам алоқаманд мебошанд. Географияи аҳолӣ аз маълумотҳои омории дар натиҷаи таткиқотҳои демографӣ ба даст омада васеъ истифода мебарад. Демография бошад дар навбати худ ба тафовутҳои географии нишондодҳои демографӣ аҳамият дода, дар омӯзиши худ аз нишондодҳои географӣ васеъ истифода мебарад. Он масъалаҳое, ки ҳам ба демография ва ҳам ба география таалуқ доранд фанни демогеография меомӯзад. Демогеография – соҳаи таткиқотиест, ки дар натиҷаи бо ҳамшавии демография ва географияи аҳолӣ ба вуҷуд омадааст.

Фанни географияи аҳолӣ бо фанни этнография низ алоқаи зич дорад. Этнография илм дар бораи халқиятҳои ҷаҳон буда, таърихи пайдоиш, географияи маскуншавӣ, ҳайёти маишиву маънавӣ, урфу-одат ва алоқаҳои байни халқиятҳоро меомӯзад.

Этногеография – соҳаи таткиқотиест, ки дар натиҷаи боҳамшавии этнография ва географияи аҳолӣ таъсис ёфтааст. Бинобар этногеографияро метавон ҳам ба соҳаи

этнография ва ҳам ба соҳаи географияи аҳоли дохил намуд. Ҳамин тавр этнография ва демография бо географияи аҳолӣ алоқаи ногусастанӣ доранд.

Антропология ( калимаи antropos – одам, logos – илм, омӯзиш,меомӯзам) – илмест, ки пайдоиш, ташаккул ва эволютсияи инсо инчунин пайдоиши нажод ва халқҳоро меомӯзад. Антропология ба соҳаи фанҳои табиатшиносӣ дохил гардида, он пайдоиш, ҳолати иҷтимоӣ, инкишофи организми одам ва мавҷудияти халқҳову нажодҳоро тадқиқ менамояд. Бояд қайд намуд, ки фанни географияи аҳолӣ нисбат ба фанҳои демография ва этнография аҳолиро бо таври васеъ меомӯзад ва ҳангоми омӯзиши аҳолӣ алоқамандии онро бо иқтисодиёт ва табиат васеътар таҳлил менамояд.

**Саволҳои назоратӣ:**

1. *Географияи доираи хизматрасонӣ чиро меомӯзад?*
2. *Вазифаи географияи тиббӣ аз чӣ иборат аст?*
3. *Географияи аҳолӣ бо фанни хариташиносӣ чӣ гунна алоқаманди дорад?*
4. *Демография аз кадом калима гирифта шудааст ва чӣ маъноро ифода мекунад?*
5. *Этногеография чиро меомӯзад ва кай ба вуҷуд омадааст?*
6. *Антропология чист ва фанни географияи аҳолӣ бо он чӣ муносибат дорад?*

## ТАЪРИХИ РУШДИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯИ АҲОЛӢ

1. *Ташаккулёбии фанни географияи аҳолӣ.*
2. *Саҳми олимони ватанию хориҷӣ дар рушди фанни географияи аҳолӣ.*

Фанни география ба монанди дигар илмҳо аз замонҳои қадим ба омӯзиши аҳолӣ шуғл дорад. Масалан, соли 1650 олими нидерландиягӣ Варениус, дар яке аз асарҳояш ишора кардааст: «Омӯзиши ҳамаи он маълумотҳое, ки ба аҳолӣ таалуқ дорад яке аз вазифаҳои муҳими география ба ҳисоб меравад». Географияи аҳолӣ дар асари Варениус ҳамчун шохаи алоҳида нишон дода нашудааст. Бояд хотирасон намуд, ки танҳо дар асри 19 сараввал дар Германия ва баъдан дар давлатҳои Ғарб фанни антропогеография ба вуҷуд омад. Асосгузори он географи немис Фридрих Ратселр ба ҳисоб меравад. Фанни антропогеография зери фишори тарафдорони материалистии ҳамон давра қарор гирифта, ба ақидаи онҳо ҳамаи ҳодисаю воқеаҳои ба пайдоиши аҳолӣ алоқаманд дар зери таъсири шароитҳои табиӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX сараввал дар Европаи Ғарбӣ ва минбаъд дар дигар қисматҳои Европа фанни географияи инсон ба вуҷуд меояд. Олимони француз П.Видалр де Ля Влаш (1845-1919) ва Ж.Брюн (1869-1930) асосгузорони ин равия ба ҳисоб мерафтанд. Ин равия барои таҳлили масъалаҳои географияи аҳолӣ на ба қонунҳои ҷамъиятӣ, балки ба қонунҳои фалсафаи буржуазӣ, иқтисодиёти сиёсӣ ва таърихӣ такя менамуд. Намояндагони ин равия алоқаҳои байни табиату ҷамъият, табиат ва аҳолиро аз назари илмӣ таҳлил накарда, танҳо муносибат ва алоқамандии олами алоҳидаро бо табиат меомӯхтанд. Аз ин лиҳоз намояндагони ин равия номи фанни худро географияи аҳоли не, балки географияи инсон номгузорӣ кардаанд. То асри XX дар давлатҳои собиқ иттиҳоди Шӯравӣ асарҳои ба географияи аҳолӣ марбут хеле кам буданд. Шояд аз он ҷиҳат аст, ки географияи аҳолӣ ҳамчун шохаи мустақил ҳанӯз ташаккул наёфта буд.

Айнан дар ҳамин давра таткиқотҳои П.П.Семёнов-Тяншанский, В.П.Семёнов-Тяншанский ва А.Н.Воейков мавқеи хоса пайдо намуд.

Семёнов-Тяншанский дар охирҳои асри XIX аҳолии Россия ва нуқтаҳои аҳолинишини онро аз назари географӣ таҳлил намуда, як чанд корҳои таткиқотӣ гузаронид. Ӯ дар асари худ, ки соли 1871 аз чоп баромада буд доир ба географияи ҷойгиршавии аҳолии Россия ва зичии он маълумоти мушаххас додааст. Инчунин Семёнов-Тяншанский аввалин шахсест, ки «Луғати оморӣ-географӣ»-ро ба табъ расонида харитаи аҳолии Россияро тартиб додааст. Семёнов-Тяншанский дар луғати хеш ба тамоми шаҳр, деҳот ва ноҳияҳои Россия тавсифи географӣ дода аст. Ӯ деҳотҳои Россияро тавсифи мушахаси иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва географӣ дода, онҳоро ба 27 намуд ҷудо мекунад. Дар асаре, ки соли 1880 аз чоп баромада буд, доир ба деҳот ва шаҳрҳои Россия тафсифи компелксии географӣ дода, бо ин асари худ диққати олимони дохилӣ ва хориҷиро ҷалб намуд. Сабаби диққати махсусан марксистонро ҷалб намудани Семёнов-Тяншанский дар он буд, ки ӯ дар асари хеш ба деҳот ва шаҳрҳои Россия на танҳо тавсифи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва географӣ, балки тафсифи сиёсӣ низ медиҳад. Дар ин асар масъалаи ноҳиябанди низ равшан акс ёфтааст. Семёнов-Тяншанский инчунин ташабускори асосии ба чоп омода намудани китоби бисёрҷилдаи «Тасвири пурраи географии ватанамон Россия» буд. Дар ин китоб тамоми нуқтаҳои аҳолинишини Россия тасвир ёфтаанд. Писари Семёнов-Тяншанский, Вениамин Петрович низ ба омӯзиши аҳолӣ эътибори ҷидди додаст. Асари «Аҳолии деҳот ва шаҳри қисми Европоии Россия», ки соли 1910 нашр гардид бо далелҳои мушахас диққати мутахисону олимонро ба худ ҷалб намуд. Солҳои 1922-1925 таҳти роҳбарии П.П.Семёнов-Тяншанский харитаи зичии аҳолӣ аз чоп баромад. Дар ҳамон давра чунин харита ҳанӯз дар ягон давлати ҷаҳон тартиб дода нашуда буд.

Дар байни асарҳое, ки дар авали асри XX чоп шуда буданд, мавқеи асарҳои олимони машҳур Александр Иванович Воейков назаррас аст. Бартарии асарҳои Воейков дар он аст, ки ӯ дар давраи таткиқотҳои хеш зери таъсири антропогео-

графия намондааст. Вай дар асари «Тақсимшавии аҳолии кураи Замин вобаста ба шароитҳои табиӣ», ки соли 1906 аз чоп баромад ва асари «Ба ҳам наздик ҷойгиршавии деҳотҳои Россияи Европоӣ ва Сибири ғарбӣ», ки соли 1909 аз чоп баромаданд ба масъалаҳои вобаста ба шароитҳои табиии ҷойгиршавии аҳолӣ диққати ҷиддӣ дода, бо маълумотҳои мушаххас онро маънидод намудааст.

А.И. Воейков дар асарҳои худ қайд мекунад, ки ба ҷойгиршавии аҳолӣ на шароити табиӣ, балки худи инсон нақши муҳим мебозад. Идеяҳои А. И. Воейков бар хилофи идеяҳои антропогеографие, ки дар ҳамон давра тарафдорони хеле зиёд доштанд нигаронида буд.

А. И. Воейков ба деҳот ва шаҳр маскуншавии аҳолиро таҳлил карда қайд мекунад, ки ҳангоми омӯхтани шаҳрҳо ба ҷиҳатҳои маъмуриву ҳуқуқӣ нею, балки бештар ба масъалаҳои иқтисодии он диққати ҷидди бояд дод. Ин идея барои ҳамон давра як пешравии зиёд дар ин ҷода ба ҳисоб мерафт. Зеро, ҳоло ҳам ҳангоми омӯзиши шаҳрҳо ба масъалаҳои иқтисодии он диққати асоси дода мешавад. А. И. Воейков ҳамин тавр ҳангоми таҳлил намудани географияи аҳолӣ ва муайян намудани муносибати табиат ба аҳолӣ пеш аз ҳамма ба омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ диққати муҳим дода, бо ин роҳ мавқеашро дар ин ҷода хело баланд бардошт.

Дар давраҳои аввали таъсисёбии Иттифоқи Шӯравӣ дар таркиби илмҳои географӣ шохаи нав географияи иқтисодӣ ба вуҷуд омада, рушд ёфт. Дар рушди фанни географияи иқтисодӣ саҳми Н.Н. Баранский хело назаррас аст. Бо талаби замон дар давраи аввали солҳои Шӯравӣ олимони соҳаи географияи иқтисодӣ бештар ба масъалаҳои ҷойгиркунонии ҳудудии соҳаҳои саноат машғул буданд. Солҳои 40-уми асри гузашта яке аз шохаҳои фанни географияи аҳолӣ географияи шаҳрҳо хеле рушд ёфт. Зеро проблемаи шаҳрҳо ба сифати «марказҳои истеҳсолӣ», «нуқтаи саноатӣ» ва «ядрои асосии ноҳияҳои иқтисодӣ» дар дигар соҳаҳои фанни географияи иқтисодӣ низ омӯхта мешуд. Дар рушди фанни географияи шаҳрҳо низ ҳиссаи Н.Н. Баранский бузург аст. Баъди солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҷодаи географияи аҳолӣ таткиқот, корҳои илмӣ ва экспедитсионӣ хеле зиёд гардид.

Дар ин давра метод ва усулҳои нави таткиқот дар соҳаи географияи аҳолӣ мукамал карда шуд. Дар қатори географияи шаҳрҳо дар омӯзиши аҳолии деҳот, муҳоҷирати аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва ба харита ворид намудани географияи аҳолӣ корҳои зиёд ба анҷом расонида шуд.

Дар ташкил ва рушди фанни географияи аҳолӣ ва шохаҳои он дар баробари Н.Н. Баранский саҳми олимон Р.М. Кабо, О.Л. Константинов, Ю.Г. Саушкин, В.В.Покшишевский, С.А. Коволёв ва дигарон хело зиёд аст.

Солҳои охир дар фанни географияи аҳолӣ дигаргуниҳои куллӣ ба ба назар мерасад ва махсусан ба омӯзиши ҷойгиршавӣ ва комплексии аҳолӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар ноҳибандии географии аҳолӣ ва нуқтаҳои аҳолинишин саҳми О.А. Константинов ва дар системаи ягона даровардани аҳолӣ ва нуқтаҳои аҳолинишин саҳми Б.С. Хореев назаррас аст.

Географияи аҳолӣ ҳамчун як шохаи фанни географияи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар давраи Шӯравӣ ба вуҷуд омада, инкишоф ёфт.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди фанни географияи аҳолӣ ва омӯзиши аҳолӣ саҳми олимон Ҷӯраев Қ.Ш., Ҳоҷибоев А., Хоналиев Н., Умаров Ҳ., Исломов С., Камолиддинов С. ва дигарон хело зиёд аст.

**Маълумотҳои иловагӣ:**

Джон Граунт асосгузори омори демографӣ буда, аввалин маротиба модели соддаи ҷадвали фавтидагонро тартиб додааст.

Галлей соли 1693 ҷадвали фавти аҳолии шаҳри Бреславро тартиб дода, фавти кӯдакон ва наврасонро ба ҳисоб гирифтааст.

Охири асри XVIII ва аввали асри XIX дар ИМА ҷараёни шакли замонавии барӯихатгирии аҳолӣ гузаронида мешавад. Инчунин соли 1790 дар ИМА назорати доимии тағйирёбии аҳолӣ ба роҳ монда шуд.

М. В. Ломоносов ҳанӯз дар миёнаи асрҳои XVIII бори нахуст дар Россия дигаргуншавии шумораи аҳолиро мавриди таъқиқ қарор дода буд.

**Саволҳои назоратӣ:**

1. *Аввалин маълумотҳои доир ба аҳолӣ дар асари кадом олим акси худро ёфта буд?*
2. *Асосгузори фанни географияи инсон кист?*
3. *Антропология кай ва дар куҷо ба вуҷуд омадааст?*
4. *Саҳми П.П.Семёнов-Тяншанский дар рушди фанни географияи аҳолӣ чӣ гуна аст?*
5. *Фанни географияи аҳолӣ дар Россия кай ба вуҷуд омад?*
6. *Саҳми кадом олимон дар рушди фанни географияи аҳолии Тоҷикистон назаррас аст?*



КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Уч/ф

## НАЗАРИЯ ВА АМАЛИ ҚОНУНҲО ДОИР БА АҲОЛӢ. МАНБАҲОИ ОМӮЗИШИ АҲОЛӢ

1. *Назария ва қонуниятҳои омӯзиши аҳолӣ, афзоиши аҳолӣ, омил ва оқибатҳои он.*
2. *Манбаъҳои омӯзиши аҳолӣ.*

1. Афзоиш ёфтани шумораи аҳолӣ, истифодаи захираҳои меҳнатӣ, таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа, қонеъ намудани эҳтиёҷотҳои он ва дигар муаммоҳои ба аҳолӣ марбут проблемаҳоИ омӯзиши фанни географияи аҳолӣ ва шохаҳои он мебошад. Барои омӯзиши аҳолӣ ва муайян намудани нақши он дар рушди ҷамъият корҳои зиёд ба сомон расидааст ва дар ин раванд назарияҳои гуногун вуҷуд дорад.

Усулҳои муҳими таткиқотии фанни географияи аҳолӣ чунинанд:

Усули таърихии муқоисавӣ;
Усули иқтисодӣ-математикӣ;
Усули оморӣ;
Усули муқоисавӣ ва иқтисодию- муқоисавӣ;
Усули таткиқоти хаританигорӣ;
Усули пурсишномаи иҷтимоӣ;
Усули таҳлил намудани омилҳо;
Усули пешгӯии иқтисодӣ.

Дар партави чунин назария ва қонунҳо афзоиши аҳолӣ пешбини карда шуда, барои дар оянда идора ва муайян кардани афзоиши он нақши муҳим мебозад. Бояд хотирасон намуд, ки назарияҳои доир ба рушди аҳолӣ вобаста ба шароитҳои ҷамъиятӣ амал намуда, танҳо онро вақт муайян мекунад. Масалан: тарафдорони назарияи табақабандии синфӣ қонуни барзиёдии аҳолӣ ва ё аҳолии барзиёдро пешниҳод намудаанд.

Тарафдорони таълимоти инвайронментализм (калимаи англисии «Invayronman»-ҷой, атроф, муҳит буда, таълимотест, ки тараққиёти ҷамъиятро дар алоқамандӣ бо шароитҳои табиӣ тасдиқ мекунад) дар он ақидаанд, ки дар афзоиши аҳолӣ муҳити табиӣ- географӣ нақши муҳим доранд, ки онҳо бахри амалӣ намудани баъзе аз ин амалиётҳои иҷтимоӣ, ҷанг, равнақи ғуломдорӣ ва ва дигар кирдорҳои номатлубро пешниҳод намудаанд.

Чӣ тавре дар боло қайд шуд, қонунҳои аҳолӣ ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда бевосита алоқаманд мебошанд. Дар тамоми зинаҳои тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда, аҳолии барзиёдати ва камбизоату қашшоқ вуҷуд дошт. Таълимоти марксистӣ бошад, ҳали ин масъаларо дар барҳам додани моликияти хусусӣ мебинад. Вале бояд гуфт, ки ҳалли ин масъала боз дорои бисёр муаммо ва паҳлӯҳои дигар мебошад, ки таҳлилҳои нави илмиро талаб мекунад. Дар рафти инкишофи ҷамъият нисбати афзоиши аҳолӣ боз чандин ақидаю назарияҳои дигар пайдо шудаанд. Яке аз чунин ақидаҳо ин назарияи иқтисодчӣ ва рӯҳонии англис Т.Р. Малтус (1766-1834) мебошад.

Ӯ дар асари худ «Таҷриба оид ба қонуни барзиёднуфузи дар тараққиёти ҷамъият», ки соли 1798 чоп гардид чунин навишта буд: «Шумораи аҳолӣ аз рӯи прогрессияи геометрӣ (1,2,4,16) афзоиш ёфта, дар ҳар 25 сол ду маротиба меафзояд, воситаҳои зиндагӣ бошад аз рӯи прогрессияи арифметикӣ (1,2,3,4,5) меафзояд аз ин лиҳоз эҳтиёҷоти аҳолиро қонеъ намудан ғайриимкон аст». Ин ақидаро Т.Р. Малтус дар дараҷаи пасти рушд ёфтани иқтисодиёти як қатор давлатҳои ҷаҳон, дараҷаи поёни воситаҳои зиндагӣ ва ҳосилнокии замин маънидод намудааст. Моҳияти асосии таълимоти Т. Малтус дар он буд, ки ӯ сабаби асосии камбизоатии аҳолиро дар афзоиши барзиёдатии аҳолӣ медонист (Расми 1).

Дар бисёре аз адабиётҳо навишта шуда аст, ки гӯё Малтус ҷанг, касалиҳо ва дигар ҳолатҳои номатлубро роҳи асосии пеш гирифтани суръати афзоиши баланди аҳолӣ мешуморид, ки ин ғалат аст. Малтус оила барпо накардан, як бор ва дер акти никоҳ бастанро ҳамчун усули ба меъёри муайян нигоҳ доштани афзоиши аҳолӣ меҳисобид. Ба ақидаи Малтус зиёдшавии аҳолӣ тарафҳои мусбӣ низ дорад. Масалан, зиёдшавии коргарон боиси рақобат ба ҷои кор ва баланд гардидани маҳсулнокии меҳнат мегардад.

Баъди паҳн гардидани назарияи Малтус доир ба он фикру ақидаҳои гуногун баён гардиданд. Баъзеҳо ин назарияро хилофи инсонпарварӣ ва баъзеи дигарон онро ба тамоми давру замон мувофиқ мешумориданд. Малтусчиёни замони ҳозира бошанд, беандоза қашшоқии аҳолиро ба афзоиши барзиёдатии аҳолӣ мансуб медонанд.

Расми 1.




**Бӯҳрони инсони вобаста ба ақидаи Малтус**

**Дарачаи таъминот бо озуқа (прогресси арифметикӣ)**

**Шумораи аҳолӣ (прогреси геометрӣ)**

Дар асл зиёдшавии воситаҳои зиндагӣ дар зинаи аввал боиси афзоиши тавлид гардида, минбаъд ба мисоли давлатҳои мутараққӣ беҳтар гардидани сатҳи зиндагӣ ва саводнокии одамон, ба камшавии шумораи таваллуд оварда мерасонад, ки дар натиҷа на танҳо шумораи аҳолӣ як хел меистад, балки кам мегардад.

Барои рушди аҳолии кураи замин назарияҳои гуногун бароварда шудаанд, ки қисми зиёди онҳо дар рафти воқеаҳои таърихӣ инкор шудаанд. Проблемаи таъмини аҳолӣ бо хӯрока, проблемаҳои экологӣ ва бартараф намудани бемориҳои сирояткунанда ба дарачаи афзоиши аҳолии кураи Замин зич алоқаманд аст. Мувофиқи маълумотҳои коршиносони СММ соли 2025 аҳолии кураи Замин ба 8,3 млрд нафар мерасад. Дар айни замон шумораи солонаи таваллуд дар кураи замин 140 млн нафар буда, шумораи фавт ба 50 млн нафар ва афзоиши табиӣ бошад ба 90 млн нафар мерасад. Суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ ба давлатҳои қафомонда ва рӯ ба инкишофи қитъаҳои Осиё, Африка ва минтақаи Америкаи Лотинӣ рост меояд.

Масалан, агар соли 1990 шумораи аҳолии кураи Замин ҳар рӯз 254 ҳазор нафар зиёд шуда бошад, пас аз ин микдор 13 ҳазораш ба давлатҳои мутараққӣ ва 241 ҳазораш ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ рост меояд. Агар ин нишондиҳанда аз рӯи қитъа ва минтақаҳо муқоиса шавад, пас 60% он ба давлатҳои минтақаи Осиё, 20% ба Африка ва 10 % ба минтақаи Америкаи Лотинӣ рост меомад. Аксарияти давлатҳои ин қитъаҳо на танҳо аҳолии худро бо озуқа, балки қудрати наврасонро бо маълумоти миёна ва аҳолии қобили меҳнатро бо ҷои кор таъмин карданро надоранд. Аз тарафи дигар чунин суръати баланди афзоишро бо неъматҳои моддӣ таъмин намудан рӯз то рӯз душвориҳо ба бор меорад.

Мувофиқи маълумотҳои баъзе аз коршиносони СММ захираи ашёи хом ва энергияи тадқиқшуда танҳо барои таъмини эҳтиёҷоти 1 млрд нафар аҳолии давлатҳои мутараққӣ (ИМА, Европа ва Япония) кифоя асту баст. Ин давлатҳоро «шашгонаи тиллоӣ» низ меноманд. Ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ аз нисф зиёди қувваи барқ ва 70% металлро истифода намуда, ба ҳиссаи онҳо ¾ партовҳо рост меояд. Танҳо ИМА 40% сарватҳои табииро истифода намуда, бештар аз 60% партовро ҳосил мекунад.

Ба гуфти баъзе аз коршиносон агар давлатҳои дигар низ бо чунин суръат мисли аҳолии ИМА сарватҳоро истеъмол кунанд, пас захираи нефт дар муддати 7- сол, гази табиӣ дар 5-сол, захираи ангишт бошад дар муддати 18-сол метавонад ба охир расад. Аз соли 1984 то ин ҷониб дар миқёси ҷаҳонӣ ҷамъоварии ҳосили ғалладонагӣ ҳамагӣ 1%, вале шумораи аҳолӣ бошад соле то 2% меафзояд. Шумораи аҳолии нимгурусна соли 1970-ум ба 460 млн нафар, соли 1990-ум 550 млн нафар ва ҳоло бошад ба 650-660 млн нафар расидааст. Ҳар рӯз дар кураи Замин 35 ҳазор нафар аз гуруснагӣ мефавтанд. Ҳамин тавр аҳолии кураи Замин солее то 90 млн нафар афзоиш меёбад. Аз ин ҳисоб таъмини аҳолӣ бо озуқа дар кураи Замин нобаробар аст ва боигарии асосии тамоми кураи Замин ба 6% аҳолии он таалуқ дорад.

Масъалаи таъмини аҳолии бо суръат афзоишёбандаро ба минтақаи барои зисту зиндагонӣ мувофиқ таъмин намудан яке аз проблемаҳои ҷиддӣ ва доимӣ мебошад. Ҳанӯз аз таърих маълум аст, ки англисҳо Америкаи Шимолӣ, испаниҳо ва

португалиҳо Америкаи Лотинӣ, русҳо Сибир, Кавказ ва Осиёи Миёнаро ба тассаруфи худ даровարданд. Германия, ки аз тақсимоти кураи Замин бенасиб монда буд ба оғоз намудани ҷанги якум ва дуюми ҷаҳонӣ сабаб гардид.

Айни замон номувофиқии маконҳои зисту зиндагонӣ ва афзоиши нобаробар аҳолии кураи Замин боиси авҷ гирифтани муҳоҷирати меҳнатӣ гардид. Солҳои охир муҳоҷирати меҳнатӣ аз давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба сӯи давлатҳои мутараққӣ суръат гирифт.

Ҳамчунин дар натиҷаи заду хӯрдҳои дохилӣ ва қабилавӣ дар ин давра шумораи гурезаҳо хеле афзуд. Мувофиқи маълумотҳои СММ шумораи гурезаҳо танҳо соли 1990-ум 15 млн нафарро ташкил дод, ки ин сабаби минбаъд вазнин гардидани вазъи иқтисодию иҷтимоӣ дар як қатор давлатҳо гардид.

Афзоиши аҳолии кураи Замин боиси ба вуҷуд омадани проблемаҳои глобалӣ низ гардид. Бартараф намудани ин проблемаҳо бе иштироки якҷояи ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ғайриимкон буд. Бинобар соли 1969 дар назди СММ фонди махсус (YUNFPA) таъсис ёфт. Ин фонд то ҳоло се маротиба доир ба проблемаҳои сайёра конфренсияҳои байналмиллалӣ ташкил намуд. Ин фонд вобаста ба аҳолии кураи Замин дастури махсус омода намуд, ки он дар 100 давлати ҷаҳон бо 1400 лоиҳа амалӣ карда мешавад. Солҳои охир фонди мазкур барои амали намудани лоиҳаҳои хеш дар ҳаҷми 100 млн доллар маблағ харҷ намуд. Танҳо соли 1998 барои омода намудани дастурҳои байналмиллалӣ 56,3 млн доллар ҷудо кард.

Фонд (YUNFPA) конфренсияи байналмиллалиро соли 1974 дар Бухарест, соли 1984 дар Мехико ва соли 1994 дар Қоҳира баргузор намуд. Дар конфренсияи охироне, ки соли 1994 дар Қоҳира гузашт 179 мамлакат иштирок намуд ва дар он дастури 20 сола иборат аз 16 боб ба имзо расид. Дар дастур масъалаҳои дараҷаи тавлид, фавт ва ба ҳисобгирии онҳо, вазъи оила, никоҳ, дараҷаи сатҳи дониш ва сиёсати демографии давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар замони муосир сиёсати демографии баъзе давлатҳои ҷаҳон, ки барои ба тартиб даровардан ва беҳтар

намудани сифати аҳолӣ пешбини шуда аст яке аз роҳҳои қобили қабул ба ҳисоб меравад.

Барои ба тартиб даровардани шумораи аҳолӣ мунтазам назорат намудан ва ба ҳисоб гирифтани маълумотҳои ба аҳолӣ мансуб мувофиқи матлаб аст. Ба ин маълумотҳо таркиби аҳоли (сину сол, ҷинс, никоҳ), нишондодҳои демографӣ (таваллуд, фавт, афзоиши табиӣ), муҳоҷират ва дигар нишондодҳои омории демографӣ дохил мешаванд. Маълумотҳои омории демографӣ ба маълумотҳои яккарата ва дукарата ҷудо мешавад. Ба маълумотҳои яккарата маълумотҳои умумӣ, яъне ҳамаи маълумотҳои доир ба аҳоли дохил мешавад. Ба маълумотҳои дукарата бошад маълумотҳои омории демографие, ки таҳлил карда шудаанд дохил мешавад.

Маълумотҳои доир ба аҳолӣ дар ҳуҷҷатҳои ба аҳолӣ таалуқдошта сабт гашта аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ, аз ҷумла шӯъбаҳои махсуси ба корҳои иҷтимоӣ машғулбуда гирд оварда мешаванд. Маълумотҳои ба аҳолӣ таалуқдошта аз қадимулайём боз дар ҳар давлат ҷамъ карда мешудаанд. Ин маълумотҳо на танҳо барои манфиати давлат, балки барои баланд бардоштани шароити иҷтимоии аҳолӣ, оила ва ҳали дигар масъалаҳо пешбини мешудаанд. Масалан, дар империяи Рим бо чунин мақсадҳо барӯихатгирии аҳолӣ гузаронида шудаанд. Бақайдгирии никоҳ, таваллуд, фавт ва дигар нишондиҳандаҳои аҳолӣ аввалин маротиба соли 1621 дар Канада гузаронида шуда аст. Дар Европа бошад ин масъала соли 1628 бори аввал дар Шветсария ба роҳ монда шуда аст.

Маълумоти мушаххас ва пурраро доир ба аҳолӣ барӯйхатгирии аҳолӣ медиҳад. Барӯйхатгирии аҳолӣ дар як вақти муайян ва дар асоси барномаи махсус гузаронида мешавад. Ҳангоми барӯйхатгирии аҳолӣ географияи ҷойгиршавии аҳолӣ, ҷинс, синусол, вазъи оилавӣ ва таркиби миллии он муайян карда мешавад. Ғайр аз ин ба тарзи илова касб, манбаи даромад ва ҳолати иҷтимоии аҳолӣ низ диққат дода мешавад. Давраи барӯйхатгири дар баъзе давлатҳо 10 сол ва дар баъзеи дигараш то 5-солро ташкил медиҳад. Барӯйхатгирии аҳолӣ дар асоси барномаи шаҳрвандӣ як чанд саволҳои муайян ҷой дода шудаанд.

Барӯйхатгирии аҳолӣ ин чорабини ва яке аз тадбирҳои муҳими давлат буда, барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқ, таъмини аҳолии қобили меҳнат бо ҷои кор, баланд бардоштани сифати аҳолӣ ва ҷори намудани сиёсати демографии давлат аҳамияти муҳим дорад. Барӯихатгирии аҳолӣ вақти муайянро талаб карда, маълумотҳо бояд дар ҳамин давр (рӯз ва соати муайян) ҷамъовари карда шавад.

Барӯихатгирии аҳолӣ аввалин маротиба соли 1790 дар ИМА гузаронида шуда аст. Дар Франсия соли 1801, дар Австрия соли 1818, дар Белгия соли 1846, дар Канада соли 1851, дар Германия соли 1852, дар Италия ва Куба соли 1861, дар Аргентина соли 1869, дар Япония ва Бирма соли 1972, дар Миср соли 1882, дар Мексика соли 1895 ва дар Россия соли 1897 барӯихатгирии аҳолӣ гузаронида шуд.

Маълумотҳои доир ба аҳолӣ дар вақти баҳисобгирии равияҳои демографӣ ҷамъовари карда мешавад. Омори демографӣ барои таҳлили чунин маълумотҳо машғул аст.

**Саволҳои назоратӣ:**

1. *Назарияҳои доир ба афзоиши аҳолӣ дар асоси кадом ҷараёнҳо омода карда шудаанд.*
2. *Баҳисобгирии аҳолӣ чӣ аҳамият дорад.*
3. *Барӯихатгирии аҳолӣ чӣ тавр гузаронида мешавад.*
4. *Аввалин маротиба барӯихатгирии аҳолӣ дар кадом давлат гузаронида шуда аст.*

## ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ АҲОЛӢ

1. *Маълумот доир ба географияи маскуншавии аҳолӣ.*
2. *Вазъи демографии аҳолӣ дар замони гузашта.*

Доир ба пайдоиши таърихи инсоният дар адабиётҳои илмӣ далелҳои бо ҳам номувофиқ вуҷуд доранд. Қисми зиёди олимҳои соҳаи антропология дар он ақидаанд, ки инсони аввалин яъне «австралопитекҳо» 5-7 миллион сол қабл дар Африка ва минтақаҳои тропикии Осиё пайдо шудаанд. Ақидае, низ вуҷуд дорад, ки 2-3 миллион сол қабл «архатропҳо» дар Африкаи шарқӣ зиндаги намудаанд ва 600-700 сол қабл онҳо ба палеантропҳою питекантропҳо омехта шуда ба неандерталҳо табдил ёфта, дар Осиёи Ҷанубу-Шарқӣ ва Ҷанубу Ғарбӣ паҳн гардидаанд. Аз ин 40-50 ҳазор сол пеш бошад инсонҳои бошуур «Homo Sapines» ба вуҷуд омадааст.

Дар замонҳои қадим тасаввурот оид ба узвҳои бадани инсон ниҳоят кам буд ва бурдани корҳои таткиқотӣ ва ҷарроҳӣ намудани одами фавтида қатъиян манъ буд. Ҳатто шакли бо ин ё он сурат сохта шудаи одамонро вохӯрдан душвор буд. Таткиқотчии машҳури Рим, табиби бузург Клавдий Гален, ки солҳои 131-201 милодӣ умр ба сар бурдааст, барои омӯзиши анатомияи инсон маймунҳоро ҷарроҳӣ намудааст ва аз рӯи узвҳои маймун шакл-ҳайкали инсонро тартиб дода буд. Сохти берунаи шакл-ҳайкал аз одам ва узвҳои дохилаш бошад аз маймун буданд. Ин шакл-ҳайкал ҳоло дар осорхонаи Ватикан нигоҳ дошта шудааст. Бурдани корҳои таткиқотӣ дар ҷасади инсон қариб 1400 сол манъ буд, ки дар ин давра асарҳои Гален аз тарафи табибон ва донишҷӯёни соҳаи тиб ҳамчун дастурамал истифода бурда мешуд. Дар давоми 1000 сол бошад номи Гален ҳаммаънои «тиб»-ро дошт.

Соли 1543 баъд аз тарафи Вазалий тартиб дода шудани атласи анатомии ҳақиқии одам маълум гардид, ки атласи анатомии Гален дар бисёр маврид ба ҳақиқат мувофиқ набуд. Вазалий якчанд ҷасадҳоро ҷарроҳӣ намуда, бадани дохили инсонро пурра меомӯзад ва хатогиву камбудиҳои дар атласи Гален ҷойдоштаро нишон медиҳад.

Кашфиётҳои бузурги географӣ барои омӯзиши олами наботот ва ҳайвоноти қитъаҳои кураи Замин шароити мусо-

ид фароҳам овард. Дар асри XVIII доир ба олами наботот ва ҳайвоноти як қатор қитъаҳои кураи Замин маълумотҳои мушаххас ҷамъ оварда шуд. Оҳиста-оҳиста зарурати маълумотҳои гирдовардашударо ба як тартиб даровардан пеш омад, ки ин корро табиатшиноси машҳури шведӣ Карл Линней (1707-1778) ба ӯҳда гирифт. Карл Линей «Систематикаи табиат»-ро тартиб дода, тамоми олами ҳайвонотро ба шаш қисм ҷудо мекунад. Инсонро вай ба қатори оилаи ширхӯрон ҳамроҳ намуд.

К. Линей тафовути байни инсон ва маймунро таҳлил карда, таъкид намуд, ки дар байни инсон ва маймун тафовути зиёд ҷой дорад.

Пас аз 100 соли асари Линей оид ба пайдоиши олами зинда ва инсон фикру ақидаҳои нав ба вуҷуд омаданд. Ин фикру ақидаҳо аз тарафи табиатшиноси бузурги англис Чарлз Дарвин (1809-1882) баён гардид.

Чарлз Дарвин дар асарҳои худ қайд мекунад, ки олами наботот ва ҳайвонот аз тарафи ягон фавқултабиат не, балки бо роҳи табиӣ ба вуҷуд омадаанд. Ӯ монандии байни олами набототу ҳайвонҳоро натиҷаи аз як авлод пайдо шудани онҳоро маънидод мекард. Масалан, ба ақидаи вай монандии ду бародар ин мерос аз волидайн мебошад.

Чарлз Дарвин соли 1871 дар асари «Пайдоиши одам ва интихоби ҷинсӣ» оид ба пайдоиши одам чунин навиштааст: «Одам ба маймунҳои одамшакл хеле монанди дошта, яке аз авлодони маймунҳои одамшакл ба ҳисоб меравад ва аз олами ҳайвонот пайдо шудааст». Ҳангоми зинда будани Чарлз Дарвин ба ӯ савол медиҳанд, ки агар одам аз маймунҳои одамшакл пайдо шуда бошад пас чаро то ҳол устухонҳои онҳо ёфт нашудааст? Чарлз Дарвин дар ҷавоб гуфтааст, ки «солномаи геологӣ» то ҳол пурра нест ва қабату қабатҳои замин пурра омӯхта нашудааст.

Мувофиқи ақидаҳои Ф. Энгелс барои ба одам табдил ёфтани маймунҳои одамшакл меҳнат нақши калон бозидааст. Қисми зиёди меҳнат бо воситаи даст иҷро мегардад. Барои ин бояд даст аз вазифаи бо таври чорпоя ҳаракат намудан озод бошад. Аз ҳамин сабаб Энгелс аз чорпоя ба ду пой роҳ рафтани инсонро роҳи асосии аз маймун ба одам гузаштан меномад.

Дар охирҳои асри XIX ва авали асри XX ҷонибдорони Чарлз Дарвин бо мақсади исбот намудани фикру ақидаҳояшон ба кофтукови археологӣ машғул мешаванд. Онҳо дар Европа ва Осиёи Ҷанубӣ як қатор кашфиётҳои аҷоиб мегузаронанд. Соли 1924 дар Африкаи Ҷанубӣ онҳо устухонҳои австралопитекҳоро дарёфт мекунанд. Аз минтақаи Африкаи Ҷанубӣ дарёфт шудани устухонҳои одамони қадима ҳаммаи олимонро ба тааҷҷуб овард. Сабаби ба тааҷҷуб омадани олимон дар он буд, ки австралопитекҳо чаро маҳз дар ҳамин минтақаи хушки дорои шароити номувофиқи табиӣ дошта истиқомат намудаанд. Сабаб он буд, ки дар давраи сеюми яхбандӣ ин минтақа дорои шароитҳои хуби иқлимӣ буд. Дар бисёр аз адабиётҳо қайд шудааст, ки авлоди қадимаи инсон австралоптекҳо дар давраи чоруми яхбандӣ зиндаги кардаанд, ки ин фикр ғалат аст.

Австралопитекҳо аз олотҳои сангӣ васеъ истифода мебурданд. Ҳангоми кашфиётҳои этнографӣ ва антрапологӣ як чанд тӯдаҳои сангро дарёфт намуданд, ки онро олимон минбаъд «эолитҳо» яъне давраи аз ҳамма қадимтарини асри санг номиданд.

Авлодони баъдинаи австралопитекҳо баъди истифодаи санг ба дараҷаи баланди тарзи ҳаётгузарони қадам гузошта номи «маймун-одам» ё инки «питекантроп»-ро гирифтанд. Питекантроп аз калимаи юнони буда, маънои «питекс»-маймун ва «антропос»-одам –ро дорад. Питекантропҳо ба сохтани аслиҳа оғоз карда, тарзи ҳаёти онҳо аз маймунҳо фарқ мекард. Онҳо дар сарҳади наздик ба одам қарор доштанд.

Неандерталлиҳо бошанд авлоди гузаштаи ба одами ҳозира наздик ба ҳисоб меравад. Одами кадимаи намуди ҳозираро Линней «одами бошуур» номидааст. Устухонҳои «одами бошуур» аввалин маротиба соли 1960 дар ғори Кро-Манони Франсия ёфт шуд. Сабаби «одами кроманон» ном гирифтани он ба мавқеи ҷои дарёфти он зич марбут аст. Кроманониҳо дар охирҳои давраи чорум, яъне дар охирҳои давраи яхбандӣ зиндагӣ мекарданд.

Кроманониҳо нисбат ба неандерталҳо руштёфта буданд. Онҳо ғайр аз санг боз устухон, шохи ҳайвонҳо ва чӯбро низ васеъ истифода мебурданд. Инчунин дар онҳо каме намунаи

санъат низ нисбати неандерталҳо хубтар рушт ёфта буд. Қисме аз ярокҳои ҷангии онҳо нақшу нигор доштанд. Дар натиҷаи кофтуков ҳайкали одамон ва ҳайвонҳое, ки аз сангу лой ва чӯб сохта мешуданд ёфт гардид. Энгелс кроманонесҳоро «одамҳои тайёр» номидааст. Баъди пайдо шудани кроманонесҳо дар тараққиёти ҷамъияти инсонӣ давраи нав ба вуҷуд меояд. Дар ин давраи тараққиёт инсоният ба тамоми кураи Замин паҳн шуда, тамоми ҷойҳои барои зистан мутобиқро аз худ мекунанд.

Дар давраи пеш аз милод аҳолии кураи Замин якчанд ҳазор нафарро ташкил медод. Мувофиқи маълумотҳои илмӣ 7 ҳазор сол қабл аз милод дар кураи Замин ҳамаги 10 миллион аҳолӣ зиндаги мекард. Аҳолӣ дар ҳамон давра дар ҳар 1000 сол тахминан 10-20% зиёд мешуд. Сабаби чунин суст афзоиш ёфтани аҳолӣ ба дараҷаи баланди фавти онҳо алоқаманд буд. Аҳолӣ бисёртар аз бемориҳо ва ҷангҳои байни қабилавӣ нобуд мегаштанд. Дарозумрии миёнаи аҳолӣ аз 20 сол зиёд набуд.

Бояд хотирасон намуд, ки зиёдшавии аҳолии ҳар як давр ба шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии он зич алоқаманд аст. Дар давраи аввали рушди ҷамъиятӣ афзоиши аҳолии кураи Замин ниҳоят суст буд. Дар ҷойгиршавии аҳолӣ омилҳои табиӣ (иқлим, релеф, об, замин) ва ҷойгиршавии қабилавӣ мавқеи хос дошт. Зери таъсири офатҳои табиӣ (зимистони шадид, сел, обхезӣ) миллионҳо одамон нобуд мешуданд. Аз ин лиҳоз дар қисми шимолии материки Евроосиё зичии аҳолӣ хеле паст буд. Дар Америка ва Австралия низ дар давраи палеолит аҳолӣ ниҳоят кам зиндагӣ мекард. Қисми зиёди аҳоли дар минтақаҳои дорои шароити хуби табиӣ (сарватҳои обӣ, замин, иқлимӣ мусоид)-и атрофи баҳри Миёназамин, Африкаи Шимолӣ ва қисми ҷанубии материки Евроосиё маскун шуда буданд.

Дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ сатҳи шароити иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ хеле вазнин буд. Одамон бештар дар ғорҳо, ки ҳамчун хонаи истиқомати хизмат менамуд зиндагӣ мекарданд. Дар ҳамон давра мақсади рӯзмараи асосии одамон қонеъ намудани талабот бо хӯрока ва дар ягон ҷои бехавфу гарм шабгузаронӣ буд. Онҳо бештар ба шикори ҳайвонҳои ваҳшӣ ва истеъмоли меваҳои

ҷангалӣ машғул буданд. Аз сабаби бар зидди офатҳои табиӣ нотавон ва шароити бади иқтисодиву иҷтимоӣ дараҷаи фавт хеле баланд буд. Мувофиқи маълумотҳои таърихӣ дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ дараҷаи миёнаи дарозумри 20-25 солро ташкил медод. Одамони ҷамъияти ибтидоӣ нисбат ба одамони ҳозира 2,7-2,9 маротиба камтар умр медиданд. Новобаста ба чунин вазъи демографӣ шумораи аҳоли оҳиста – оҳиста меафзуд.

Сабаби асосии афзоиши табиӣ дар ҷамъияти ибтидоӣ ин ба зиёд будани дараҷаи таваллуд вобаста аст. Дар минтақаҳои Осиёи Ҷанубӣ, Европаи Ҷанубӣ ва Африка аҳолӣ нисбатан зич ҷойгир шуда буд. Дар ин давра дар минтақаҳои қисми шимолии Европа ва Осиё, Австралия ва Америка зичии аҳолӣ хеле паст буд. Дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ суръати афзоиши аҳолӣ хеле суст буд. Тахминан 15 ҳазор сол қабл дар аввали давраи мезолит дар кураи Замин ҳамаги як чанд миллион аҳолӣ истиқомат мекард (Ҷадвали №1).

*Ҷадвали №1*

**Афзоиши шумораи аҳолии ҷаҳон**

| Солнома | Давра | Давомнокии давр | Шумораи аҳоли дар аввали давр (млн нафар) | Шумораи миёнаи афзоиши аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|
| 7000 сол пеш аз эраи мо | Неолит | 5000 | 10 | - |
| | Давраи Антиқӣ | 7000 | 50 | 0.03 |
| (Эраи нав) | Саршавии эраи нав, солҳои аввали асри миёна | 2000 | 230 | 0,1 |
| Соли1000 | Асрҳои миёна | 1000 | 305 | 0.02 |
| Соли1500 | Давраи охирини асри миёна | 500 | 440 | 0,1 |
| Соли 1650 | Саршавии замони нав | 150 | 550 | 0,3 |
| Соли 1800 | Замони нав | 150 | 952 | 0,5 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Соли 1900 | Давраи охири замони нав | 100 | 1656 | 0,8 |
| Соли 1950 | Замони аз ҳама нав | 50 | 2527 | 1,0 |
| Соли 1980 | Давраи наздики гузашта | 30 | 4430 | 1,9 |
| Соли 2000 | Замони ҳозира | 20 | 6024 | 1,5 |
| Соли 2004 | Замони ҳозира | 4 | 6272 | 1,4 |

Дар давраи аввали неолит бошад аҳолии кураи Замин ба 9,9 млн нафар расид. Қисми асосии аҳолӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Африка ва Европаи Ҷанубӣ маскун шуда буд. Дар ҳудуди Австралия ва Америка аҳолӣ бениҳоят кам буданд. Дар Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ 100-200 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекарду халос.

Дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ дараҷаи таваллуд ба сари 1000 кас 45-50 нафарро ташкил медод. Баланд будани дараҷаи таваллуд ба акти никоҳи барвақтӣ, бенизоми дар издивоҷ ва моногомия (бисёрникоҳӣ) алоқаманд буд. Мутаасифона қисми зиёди занҳо дар давраи репродуктивии худ зиндаги карда наметавонистанд, яъне зуд мефавтиданд. Сабаби фавти барвақтии занҳо ба шароити бади иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, мавҷуд набудани хизматрасонии тиббӣ, поймол шудани ҳуқуқҳои онҳо ва ғайра алоқаманд буд. Қисми зиёди занҳо ҳангоми таваллуд намудани фарзанд мефавтидаанд. Дар ин давра на фақат фавти занҳо, балки фавти кӯдакон ва калонсолон низ зиёд буд. Аҳолӣ дар натиҷаи мавҷуд набудани шароити санитарӣ, иқтисодиву –иҷтимоӣ, ва ҷангҳои байниқабилавӣ, ҳуҷуми ҳайвонҳои ваҳшӣ, офатҳои табиӣ ва такрори эпидемияҳо нобуд мегаштанд. Шумораи аҳолии қабилаҳое, ки дар шароити нисбатан хуби табиӣ зиндагӣ мекарданд тез меафзуд.

Ривоҷ ёфтани кишоварзӣ дар таърихи инсоният дигаргунии куллӣ ба вуҷуд оварда, боиси ғани гардидани хӯрока ва беҳтар шудани шароити модию маънавӣ гардид. Пайдоиши моликияти хусусӣ ҷамъияти синфиро ба вуҷуд овард. Марказҳои маданӣ пайдо гардид, ки дар онҷо ба аҳолӣ

хизмати тиббӣ низ расонидан ба роҳ монда шуд. Дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии аҳолӣ ба вуҷуд омадани дигаргуниҳо боиси як миқдор кам шудани дараҷаи фавт ва зиёд шудани дарозумрии аҳоли гардид. Мувофиқи маълумотҳои таърихи дар Мисри қадим дар давраи фиръавнҳо 7 миллион ва дар Вавилон дар ҳамин давра 4-5 миллион аҳолӣ истиқомат мекарданд. Дар аввали солшумории мо аҳолии кураи Замин 190-240 миллион нафарро ташкил медод, ки 50 миллиони он дар империяи Рим, 40-50 миллионаш дар Хитой ва Ҳиндустон истиқомат мекард. Дар Европаи Шимолу-Ғарбӣ шумораи аҳоли ҳамаги 1 миллион нафарро ташкил медод. Дар асрҳои миёна шумораи аҳолии ҷаҳон тамоили зиёдшави мегирад, лекин суръати афзоиши он хеле паст буд. Дар охирҳои ҳазорсолаи якум шумораи аҳолии ҷаҳон ба 240-290 млн нафар ва дар мобайни ҳазорсолаи дуюм ба 400-500 миллион нафар мерасад. Аз ин миқдор 250 миллионаш дар Осиё, 65-80 миллионаш дар Европа, 30-50 миллионаш дар Америка, 15-20 миллионаш дар ҳудуди ҳозираи ИДМ истиқомат мекарданд.

### Маълумотҳои иловагӣ

**Аҳолии барзиёд-** аҳолие, ки дар рушти иқтисодиёт ва истеҳсолот иштирок карда наметавонад. Бекорон.

**Ба қайдгирии ҳолати шаҳрвандӣ-** дар байни аҳолӣ ба қайдгирии холатҳои таваллуд, никоҳ ва вайроншавии оилаҳо.

**Барӯихатгирии аҳолӣ-** тадбирҳои иҷтимоӣ-сиёсие, ки аз тарафи ҳукумат бо мақсади ҷамъ намудани маълумоти мушаххас оид ба аҳолӣ дар мӯҳлатҳои муайян гузаронида мешавад.

### Саволҳои назоратӣ:

1. *Аввалин авлоди қадимаи инсоният чӣ ном дошт?*

2. *Давраҳои таърихии ташакулёбии инсониятро номбар кунед?*

3. *Нишондодҳои таваллуд, фавт ва афзоиши табиӣ аҳоли дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ чӣ гуна буд?*

4. *Омилҳое, ки дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ ба афзоиши табиии аҳолӣ таъсир мерасониданд кадомҳоянд?*

5. *Дар давраи қадим шумораи умумии аҳолӣ чӣ қадарро ташкил медод, географияи маскуншавии аҳолӣ чӣ гуна буд.*

## ШУМОРА ВА АФЗОИШИ АҲОЛИИ КУРАИ ЗАМИН

*1. Нишондодҳои аҳолӣ дар гузашта ва замони муосир.*

*2. Марҳалаҳои афзоиши аҳолӣ.*

Дар таърихи рушди инсоният «Инқилоби илмӣ-техникӣ» саҳми назаррас дорад. Инқилоби илмӣ-техникӣ боиси зиёд шудани ҳаҷми озуқа ва шумораи аҳолӣ гардид. Дар аввали солшумории мо дар кураи Замин ҳамаги 200-250 млн аҳолӣ истиқомат менамуд, ки қисми зиёди онҳо дар империяи Рим, Хитой ва Ҳиндустон маскун шуда буданд. Дар асрҳои XI-XV бинобар сабабҳои ҷангҳои ғоратгаронаи қавмҳои турку муғул ва норасогии хурока сабаби талаф ёфтани қисми зиёди аҳолии кураи Замин гардид. Аз ҳуҷуми турку муғулҳо бисёртар аҳолии Европаи Шарқӣ ва Ҷанубу-Шарқӣ зарар диданд. Новобаста аз ин аҳолии кураи замин ҳамеша афзоиш меёфт. Масалан, агар дар солҳои 1000-1500 яъне дар 500 сол шумораи аҳолии кураи Замин ба миқдори 135 миллион афзуда бошад, пас солҳои 1500-1750 яъне дар 250 сол ин нишондиҳанда ба 288 миллион расид. Аз нимаи дуюми асри XVIII бошад афзоиши аҳолӣ боз ҳам зиёд гардид. Дар асри XX суръати афзоиши аҳолии кураи Замин ҳар сол то 1% зиёд шуд.

Аҳолӣ ин қувваи асосии истеҳсолкунанда ва дар навбати худ истеъмолкунандаи неъматҳои модии ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз таҳлили шумораи аҳолӣ таркиб ва суръати афзоиши аҳолӣ дар рушд додану ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда саҳми махсус дорад.

Агар афзоиши аҳолии кураи заминро аз соли 1000 то соли 2011 таҳлил намоем дидан душвор нест, ки суръати баланди он ба нимаи дуввуми асри XX рост меояд(Ҷадвали №1).

Ҷадвали №1

**Шумораи умумӣ, динамика ва дар баъзе ҳудудҳо ҷойгиршавии аҳолии ҷаҳон (млн. нафар)**

| Минтақаҳо | 1950 | 1960 | 1970 | 1980 | 1990 | 1995 | 1999 | 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҷаҳон | 2516 | 3019 | 3694 | 4433 | 5246 | 5702 | 5982 | 8054 |
| Осиё (бе Россия) | 1399 | 1702 | 2147 | 2623 | 3123 | 3451 | 3637 | 4923 |
| Осиёи Ғарбӣ | 50 | 66 | 86 | 112 | 145 | 168 | 186 | 303 |
| Осиёи Марказӣ | 496 | 619 | 787 | 972 | 1215 | 1355 | 1451 | 2101 |
| Осиёи Ҷанубу- | | | | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шарқӣ | 182 | 226 | 288 | 356 | 439 | 485 | 520 | 722 |
| Осиёи Шарқӣ | 671 | 791 | 986 | 1183 | 1324 | 1442 | 1481 | 1798 |
| Россия | 113 | 119 | 130 | 138 | 148 | 147 | 147 | 138 |
| Европа (бе Россия) | 436 | 487 | 527 | 556 | 578 | 581 | 582 | 580 |
| Европаи Шимолӣ | 78 | 82 | 87 | 89 | 91 | 94 | 95 | 99 |
| Европаи Ғарбӣ | 133 | 154 | 166 | 173 | 180 | 181 | 183 | 188 |
| Европаи Шарқӣ | 116 | 133 | 146 | 155 | 162 | 162 | 159 | 150 |
| Европа Ҷанубӣ | 109 | 118 | 128 | 139 | 145 | 144 | 145 | 143 |
| Африка | 224 | 280 | 361 | 481 | 645 | 720 | 771 | 1290 |
| Африка Шимолӣ | 52 | 65 | 83 | 109 | 140 | 162 | 170 | 249 |
| Африкаи Ғарбӣ | 65 | 81 | 106 | 144 | 198 | 159 | 223 | 408 |
| Африкаи Шарқӣ | 63 | 80 | 106 | 142 | 196 | 226 | 235 | 387 |
| Африкаи Марказӣ | 27 | 33 | 40 | 52 | 69 | 83 | 94 | 188 |
| Африкаи Ҷанубӣ | 17 | 21 | 26 | 33 | 42 | 50 | 49 | 57 |
| Америка | 331 | 415 | 570 | 612 | 726 | 774 | 815 | 1083 |
| Америкаи Шимолӣ | 166 | 199 | 227 | 252 | 275 | 193 | 303 | 374 |
| Америкаи Марказӣ | 37 | 50 | 68 | 92 | 119 | 126 | 135 | 700 |
| Америкаи Ҷанубӣ | 111 | 146 | 190 | 239 | 297 | 319 | 339 | 463 |
| Ҳавзаи Кариб | 17 | 20 | 25 | 29 | 35 | 36 | 37 | 46 |
| Австралия ва Океания | 13 | 16 | 19 | 23 | 26 | 28 | 30 | 41 |

***Манбаъ: Маълумотномаи СММ. Максаковский В.П. Географическая картина мира ч. 1 - Ярославль; Верхневолжское издательство, 1996; Симагин Ю.А. Территориальная организация населения. М, 2004**

Аҳолии кураи Замин дар давоми 850 сол ба 1 млрд. расида бошад, барои ба 2 млрд расиданаш 85 сол, барои ба 3 млрд расиданаш 25 сол, барои ба 4 млрд расиданаш 15 сол, барои ба 5 млрд расиданаш 20 сол, барои ба 6 млрд расиданаш 15 сол, барои ба 7 млрд расиданаш 11 сол лозим шуд. Дар зиёдшавии ҳудудии аҳолии кураи Замин низ тафовути калон ҷой дорад. Шумораи аҳолӣ дар давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон низ гуногун аст (Ҷадвали №2).

Ҷадвали №2

| № | Мамлакатҳо | Шумораи аҳолӣ дар соли 2006 |
|---|---|---|
| 1. | Тамоми ҷаҳон | 6,525,170,264 |
| 2. | Хитой | 1,313,973,713 |
| 3. | Ҳиндустон | 1,095,351,995 |
| 4. | ИМА | 298,444,215 |

| | | |
|---|---|---|
| 5. | Индонезия | 245,452,739 |
| 6. | Бразилия | 188,078,227 |
| 7. | Покистон | 165,803,560 |
| 8. | Бангладеш | 147,893,540 |
| 9. | Россия | 142,893,540 |
| 10. | Нигерия | 131,859,731 |
| 11. | Япония | 127,463,611 |
| 12. | Мексика | 107,449,525 |
| 13. | Филлипин | 89,468,677 |
| 14. | Ветнам | 84,402,966 |
| 15. | Германия | 82,422,299 |
| 16. | Миср | 78,887,007 |
| 17. | Эфиопия | 74,777,981 |
| 18. | Туркия | 70,413,958 |
| 19. | Эрон | 68,688,433 |
| 20. | Таиланд | 64,631,595 |
| 21. | Франция | 62,752,136 |
| 22. | Ҷум. дем. Конго | 62,660,551 |
| 23. | Иттиҳоди шоҳигарӣ | 60,609,153 |
| 24. | Италия | 58,133,509 |
| 25. | Кореяи Ҷанубӣ | 48,846,823 |
| 26. | Бирма | 47,382,633 |
| 27. | Украина | 46,710,816 |
| 28. | Африкаи Ҷанубӣ | 44,187,637 |
| 29. | Колумбия | 43,593,035 |
| 30. | Судан | 41,236,378 |
| 31. | Испания | 40397,842 |
| 32. | Аргентина | 39,921,833 |
| 33. | Полша | 38,536,869 |
| 34. | Танзания | 37,445,392 |
| 35. | Кения | 34,707,817 |
| 36. | Морокаш | 33,241,259 |
| 37. | Канада | 33, 098,932 |
| 38. | Алҷазоир | 32,930,091 |
| 39. | Афғонистон | 31,056,997 |
| 40. | Перу | 28,302,603 |
| 41. | Непал | 28,287,147 |
| 42. | Уганда | 28,195,754 |
| 43. | Ӯзбекистан | 27,307134 |
| 44. | Арабистони Саудӣ | 27,019,731 |
| 45. | Ироқ | 26,783,383 |
| 46. | Венесуэла | 25,730,435 |
| 47. | Малайзия | 24,385,858 |
| 48. | Кореяи Шимолӣ | 23,113,019 |
| 49. | Тайван | 23,036,087 |
| 50. | Гана | 22,409,572 |
| 51. | Руминия | 22,303,552 |
| 52. | Яман | 21,456,188 |
| 53. | Австралия | 20,264,082 |
| 54. | Шри-Ланка | 20,222,240 |
| 55. | Мозамбик | 19,686,505 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 56. | Сурия | 18,881,361 | |
| 57. | Мадагаскар | 18,595,469 | |
| 58. | Код И'Вуар | 17,654,843 | |
| 59. | Камерун | 17,340,702 | |
| 60. | Нидерландия | 16,491,461 | |
| 61. | Чилй | 16,134,219 | |
| 62. | Қазоқистон | 15,233,244 | |
| 63. | Буркино Фасо | 13,902,972 | |
| 64. | Камбоҷа | 13,881,427 | |
| 65. | Эквадор | 13,547,510 | |
| 66. | Малавй | 13,013,926 | |
| 67. | Нигер | 12,525,094 | |
| 68. | Гватемала | 12,293,545 | |
| 69. | Зимбабве | 12,236,805 | |
| 70. | Ангола | 12,127,071 | |
| 71. | Сенегал | 11,987,121 | |
| 72. | Мали | 11,716,829 | |
| 73. | Замбия | 11,502,010 | |
| 74. | Куба | 11,382,820 | |
| 75. | Юнон | 10,688,058 | |
| 76. | Португалия | 10,605,870 | |
| 77. | Белгия | 10,379,067 | |
| 78. | Белоруссия | 10,293,011 | |
| 79. | Чехия | 10,235,455 | |
| 80. | Тунис | 10,175,014 | |
| 81. | Венгрия | 9,981,334 | |
| 82. | Чад | 9,944,201 | |
| 83. | Гвинея | 9,690,222 | |
| 84. | Сербия | 9,396,411 | |
| 85. | Ҷумҳурии Доминикан | 9,183,984 | |
| 86. | Шветсия | 9,016,596 | |
| 87. | Боливия | 8,989,046 | |
| 88. | Сомали | 8,863,338 | |
| 89. | Руанда | 8,648,248 | |
| 90. | Гаитй | 8,308,504 | |
| 91. | Австрия | 8,192,880 | |
| 92. | Бурундй | 8,090,068 | |
| 93. | Озорбойҷон | 7,961,619 | |
| 94. | Бенин | 7,862,944 | |
| 95. | Шветсария | 7,523,934 | |
| 96. | Болгария | 7,385,367 | |
| 97. | Гондурас | 7,326,496 | |
| 98. | Тоҷикистон | 7,320,815 | |
| 99. | Эл Салвадор | 6,822,378 | |
| 100. | Парагвай | 6,506,464 | |
| 101. | Лаос | 6,368,481 | |
| 102. | Исроил | 6,352,117 | |
| 103. | Серра Леоне | 6,005,250 | |
| 104. | Иордания | 5,906,760 | |
| 105. | Ливия | 5,900,754 | |
| 106. | Папуа Гвинеяи Нав | 5,670,544 | |

| | | |
|---|---|---|
| 107. | Никарагуа | 5,570,129 |
| 108. | Того | 5,548,702 |
| 109. | Дания | 5,450,661 |
| 110. | Словакия | 5,439,448 |
| 111. | Финляндия | 5,231,372 |
| 112. | Қиргизистон | 5,213,898 |
| 113. | Туркманистон | 5,042,920 |
| 114. | Эритрея | 4,786,994 |
| 115. | Гурҷистон | 4,661,473 |
| 116. | Норвегия | 4,610,820 |
| 117. | Босния, Герсеговина | 4,498,976 |
| 118. | Хорватия | 4,494,749 |
| 119. | Сингапур | 4,492,150 |
| 120. | Молдова | 4,466,706 |
| 121. | Ҷум Афр.Марказӣ | 4,303,356 |
| 122. | Зеландияи Нав | 4,076,140 |
| 123. | Коста Рика | 4,075,261 |
| 124. | Ирландия | 4,062,235 |
| 125. | Пуэрто Рико | 3,927,188 |
| 126. | Ливан | 3,874,050 |
| 127. | Конго | 3,702,314 |
| 128. | Литва | 3,585,906 |
| 129. | Албания | 3,581,655 |
| 130. | Уругвай | 3,431,932 |
| 131. | Панама | 3,191,319 |
| 132. | Мавритания | 3,177,388 |
| 133. | Оман | 3,102,229 |
| 134. | Либерия | 3,042,004 |
| 135. | Арманистон | 2,976,372 |
| 136. | Муғулистон | 2,832,224 |
| 137. | Ямайка | 2,758,124 |
| 138. | АМА | 2,602,713 |
| 139. | Қувайт | 2,418,393 |
| 140. | Бутан | 2,279,723 |
| 141. | Латвия | 2,274,735 |
| 142. | Македония | 2,050,554 |
| 143. | Намибия | 2,044,147 |
| 144. | Лесото | 2,022,331 |
| 145. | Словения | 2,010,347 |
| 146. | Гамбия | 1,641,564 |
| 147. | Ботсвана | 1,639,833 |
| 148. | Гвинея-Бискау | 1,442,029 |
| 149. | Габон | 1, 424,906 |
| 150. | Эстония | 1,324,333 |
| 151. | Маврикий | 1,240,827 |
| 152. | Свазиленд | 1,136,334 |
| 153. | Тринидад ва Тобаго | 1,065,842 |
| 154. | Тимори Шарқӣ | 1,062,777 |
| 155. | Фиджӣ | 905,949 |
| 156. | Қатар | 885,359 |

| | | |
|---|---|---|
| 157. | Кипр | 784,301 |
| 158. | Гайана | 767,245 |
| 159. | Баҳрайн | 698,585 |
| 160. | Ҷазираҳои Комор | 690,948 |
| 161. | Черногория | 630,548 |
| 162. | Ҷазираҳои Соломон | 552,438 |
| 163. | Экваториал Гвинея | 540,109 |
| 164. | Джибутӣ | 486,530 |
| 165. | Люксембург | 474,413 |
| 166. | Макао | 453,125 |
| 167. | Суринам | 439,117 |
| 168. | Кабо-Верде | 420,979 |
| 169. | Малта | 400,214 |
| 170. | Бруней | 379,444 |
| 171. | Ҷазираҳои Малдив | 359,008 |
| 172. | Ҷазираҳои Багам | 303,770 |
| 173. | Исландия | 299,388 |
| 174. | Белиз | 287,730 |
| 175. | Барбадос | 279,912 |
| 176. | Полинезияи Франсуз | 274,578 |
| 177. | Саҳрои Ғарбӣ | 273,008 |
| 178. | Ҷазираҳои Антил | 221,736 |
| 179. | Ҷазираҳои Ян. Каледон. | 219,246 |
| 180. | Вануату | 208,869 |
| 181. | Самоа | 176,908 |
| 182. | Ғуам | 171,019 |
| 183. | Люсияи муқаддас | 168,458 |
| 184. | Сент-Винсент, Грена. | 117,848 |
| 185. | Тонга | 114,689 |
| 186. | Ҷазираҳои Виргин | 108,605 |
| 187. | Микрон.Федер. Штат. | 108,004 |
| 188. | Кирибати | 105,432 |
| 189. | Ҷазираҳои Ҷерсӣ | 91,084 |
| 190. | Гренада | 89,703 |
| 191. | Ҷаз. Марианнаи Шимолӣ | 82,459 |
| 192. | Ҷум. ҷаз.Сейшел | 81,541 |
| 193. | Ҷазираи Мэн | 75,441 |
| 194. | Аруба | 71,891 |
| 195. | Андорра | 71,201 |
| 196. | Антигуа ва Барбуда | 69,108 |
| 197. | Доминика | 68,910 |
| 198. | Ҷазираҳои Бермуд | 65,773 |
| 199. | Ҷазираҳои Ғернсӣ | 65,409 |
| 200. | Ҷазираҳои Маршал | 60,422 |
| 201. | Самоаи Америка | 57,794 |
| 202. | Гренландия | 56,361 |
| 203. | Ҷазираҳои Фарер | 47,246 |
| 204. | Ҷазираҳои Кайман | 45,436 |
| 205. | Сент Киттис ва Невис | 39,129 |
| 206. | Лихтенштейн | 33,987 |
| 207. | Монако | 32,543 |

| | | |
|---|---|---|
| 208. | Сан Марино | 29,251 |
| 209. | Гибралтар | 27,928 |
| 210. | Ҷаз. Виргин Брит. | 23,098 |
| 211. | Ҷазираҳои Кук | 21,388 |
| 212. | Ҷазираҳои Палау | 20,579 |
| 213. | Ҷазираҳои Валис ва Футуна | 16,025 |
| 214. | Науру | 13,287 |
| 215. | Тувалу | 11,810 |
| 216. | Ватикан | 932 |

Дар асрҳои гузашта бо сабаби тез-тез ба вуҷуд омадани гуруснагӣ, қашоққӣ, вабо ва дигар эпидемияҳо садҳо ҳазор одамон нобуд мешуданд. Чунин ҳодисаҳо дар кураи Замин солҳои 200-400, 1600-1650 ба қайд гирифта шудаанд. Солҳои 1300-1400 дар натиҷаи эпидемияи «марги сиёҳ» 1/4 ҳиссаи аҳолии кураи Замин, дар натиҷаи ҷангҳои асри XVIII бошад 5,2 миллион одамон фавтиданд.

Дар асри XIX дар ҷараёнҳои вазъи демографии аҳолии кураи замин тағироте ба вуҷуд наомадааст. Минбаъд нишондодҳои афзоиши табии аҳолӣ ҷараёни «гузариши демографӣ» оғоз мегардад. Ин гузариш ба дигар шудани вазифаи оила, беҳтаршавии шароити иҷтимоию иқтисодӣ, дигаргуншавии таркиби синусол ва дигар омилҳо вобаста аст.

Олимони соҳаи демография ҷараёнҳои афзоиши аҳолиро ба чор марҳилаи пай дар пай ҷудо намуда, аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудаанд:

**Марҳилаи якум-** ба ин мархила дар натиҷаи боқи мондани дараҷаи баланди таваллуд ва камшавии фавт, суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ хос аст.

**Марҳилаи дуввум-** аз оилаи серфарзанд ба оилаи камфарзанд гузаштан, камшавии фавт ва дар натиҷаи камшавии дараҷаи таваллуд пасшавии афзоиши табии аҳолӣ ифода меёбад.

**Марҳилаи сеюм** – бори аввал дар байни аҳолӣ шумораи пиронсолон зиёд мегардад ва дар натиҷаи оҳиста-оҳиста паст шудани дараҷаи таваллуд фавт каме зиёд мешавад. Дар зинаи зерин шумораи аҳолӣ ба микдори хеле кам меафзояд ва ё тамоман кам мешавад.

**Марҳилаи чорум-** нишондиҳандаҳои таваллуд ва фавт баробар мешавад, суръати афзоиши аҳолӣ паст мегардад.

Ҷараёни гузариши демографӣ сараввал дар асри XVIII дар Европа оғоз гардид. Дар ин давра афзоиши табии ба 20-

30% баробар шуд, ки онро олимон инқилоби демографӣ номиданд. Зеро 15-20 сол авал (асри XVIII) дар Европа афзоиши табиии 5-10%-ро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар мӯҳлати кӯтоҳ 2-3 маротиба афзуд. Чунин ҷараён дар Европа 120-150 сол идома ёфт. Баъд аз он минтақаи Европа ба марҳилаи дуюми гузариши демографӣ гузашт. Ҳоло дар қисми зиёди давлатҳои Европа марҳилаи сеюми гузариши демографӣ ҳукмрон мебошад. Аз ин лиҳоз дар давлатҳои Германия, Австрия, Белгия, Италия, Дания, Венгрия, Нидерландия, Латвия, Белоруссия ва ғайра шумораи таваллуд аз шумораи фавт кам мебошад, ки дар натиҷа такрористеҳсолкунии аҳолӣ таъмин намегардад. Қисми зиёди давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар марҳилаи якуми гузариши демографӣ қарор доранд. ИМА, Япония, Канада ва Австралия марҳилаи дуюмро аз сар мегузаронанд. Тоҷикистон ва дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ бошанд дар арафаи аз марҳилаи якум ба марҳилаи дуюм гузаштан қарор доранд.

### Маълумотҳои иловагӣ

**Таркиби синнусолии аҳолӣ** – равияи бо ҳам алоқаманд намудани гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ дар байни аҳолӣ.

**Таркиби ҷинсии аҳолӣ** – мафҳуми дар байни аҳолӣ миқдори тафовути ҷинсҳоро ифодакунанда.

### Саволҳои назоратӣ:

1. *Кадом омилҳо боиси дар марҳилаҳои таърих зиёд шудани афзоиши аҳолӣ гашт?*
2. *Дар асри XX аҳолии кураи Замин ҳар сол чӣ қадар зиёд мешуд?*
3. *Зиёд будани дараҷаи фавти аҳоли дар таърих ба кадом омилҳо алоқаманд буд?*
4. *Ҷараёнҳои афзоиши демографиро олимон ба кадом марҳилаи пайдар пай ҷудо намудаанд?*

## ГЕОГРАФИЯИ ҶОЙГИРШАВИИ АҲОЛИИ КУРАИ ЗАМИН ВА ОМИЛҲОИ БА ОН ТАЪСИРКУНАНДА

1. *Маскуншавии аҳолӣ дар кураи Замин.*
2. *Омилҳое, ки бевосита ба ҷойгиршавии аҳолӣ таъсир мерасонанд.*

Мувофиқи маълумоти манбаъҳои таърихӣ қисми зиёди маконҳое, ки аҳолӣ ҳоло зиндагӣ мекунанд аз давраҳои қадим ташаккул ёфта омадааст. Маълумоти аввалини таърихӣ доир ба аҳолӣ ба 5 ҳазор сол пеш аз солшумории мо таалуқ дошта, дар ин давра 65% аҳолӣ дар Осиёи хориҷӣ, 18% дар Африка, 10% дар Европаи хориҷӣ, 3% дар ИДМ, 3% дар қитъаи Америка, 1% дар Австралия ва Океания маскун шуда буданд.

Дар қадим маҳалҳои аҳолинишин асосан дар минтақаҳое, ки дорои сарватҳои табиӣ ва барои зисту зиндагони мувофиқ буд ҷойгир буданд. Ба чунин минтақаҳо асосан Осиёи Ҷанубӣ, Африкаи Шимолӣ ва минтақаи баҳри Миёназамин дохил мешуд. Дар ин минтақаҳо аҳолӣ дар мӯҳлати дуру дароз ба шокорчигӣ машғул буданд. Баъдан дар ин минтақаҳо дараҷаи биёбоншавӣ афзуда барои зистан шароитҳо маҳдуд мегарданд.

Дар аввалҳои солшумории мо аҳолӣ оҳиста-оҳиста аввал ба чорводорӣ ва минбаъд ба зироаткорӣ машғул мешаванд. Аҳолӣ барои дар як минтақаи муаяйн зиндагӣ намудан мутобиқ шуда, дар онҷо манзилгоҳҳои доимӣ барпо менамоянд. Дар натиҷа сараввал маҳалҳои деҳот ва баъдан шаҳрҳо пайдо мешаванд. Тарзи ҳаёт ва дараҷаи истеъмол намудани хӯрока низ беҳтар мегардад. Дар ҳаёти инсон тағиротҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, илм, фан, тиб ва маданият ташакул меёбад. Хуб шудани шароити иҷтимоии аҳоли боиси кам шудани дараҷаи фавт ва зиёд шудани дарозумрии аҳоли мегардад. Дар натиҷа дар кураи Замин шумораи аҳолӣ ва минтақаҳои аҳолинишин сол то сол меафзояд. Зичии аҳолӣ махсусан, дар минтақаҳое, ки барои парвариши зироат ва чорво мусоид мебошанд хеле афзуд. Масалан, дар водии дарёҳои Нил, Фрот, Даҷла, Ганг, Хуанхэ ва соҳилҳои баҳри Миёназамин зичии аҳолӣ дар 1км² 9-10 нафарро ташкил медод. Зичии аҳолӣ дар минтақаи

биёбон ва нимбиёбонҳои Осиё ва Африка дар 1 км² 1-нафарро ташкил медод.

Инкишоф ёфтани ҷамъият ва ташаккулёбии қувваҳои истеҳсолкунанда дар вазъи демографии ҷаҳон як қатор тағиротҳоро ба вуҷуд овард.

Дар асрҳои XIX-XX аҳолии кураи Замин бо суръати хеле баланд афзуд, дар ҷойгиршавии ҳудудии аҳолӣ низ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омад. Аз минтақаҳои зичии аҳолиаш баланди Европа ба минтақаи Америка ва Австралия аҳолӣ кӯч бастанд. Дар солҳои аввали солшумории мо 83% аҳолии кураи Замин дар материки Евро-Осиё ҷойгир шуда бошад, пас дар соли 2000 ин нишондиҳанда 15% кам шуда, ба 68% расид. Дар соли 2000 аҳолии кураи Замин ба 6 млрд 55 млн, соли 2011 ба 7 млрд расид, ки 59,4% он дар Осиёи хориҷӣ, 8,3% дар Европаи хориҷӣ, 12,2% дар Африка, 3,8% дар ИДМ, 14,3% дар Америка, 0,6% дар Австралия ва Океания маскун шудаанд. Дар ҳазорсолаи охир аҳолии Америка, ИДМ, Австралия ва Океания 4,5 маротиба афзуданд.

Дар кураи Замин аҳолӣ нобаробар ҷойгир шуда аст, минтақаҳоеро дарёфт намудан мумкин аст, ки зичии аҳолӣ дар 1 км² 1000 нафар ва минтақаҳое мавҷуданд, ки дар 1 км² зичии аҳолӣ ба 1-2 нафар мерасад. Ғайр аз ин дар ҷаҳон минтақаҳое мавҷуданд, ки дар онҷо аҳолӣ тамоман зиндагӣ намекунанд. Чунин минтақаҳо 8-10% хушкии кураи Заминро ташкил дода, ба онҳо қутби шимолӣ ва ҷанубӣ, биёбонҳо, сатҳи болоии кӯҳҳо, Антарктида ва ғайра дохил мешаванд. Дар 50% хушкии кураи замин бошад шароитҳои табиӣ барои зисти аҳоли номувофиқ буда дар маҷмӯъ зичии аҳолӣ хеле кам аст. Ба чунин минтақаҳо тундра, беша-тундра, тайгаи шимолӣ, биёбон, нимбиёбон ва ҷангалҳои сернами экваториалӣ дохил мешаванд. Дар 25% хушкии кураи Замин зичии аҳолӣ дар 1 км² 1-10 нафарро ташкил медиҳад, ки дар инҷо зичии аҳолӣ нисбатан кам мебошад. Дар 15% боқимондаи хушкии кураи Замин зичии аҳолӣ дар 1 км² ба 10 нафар мерасад.

Ҳудудҳое, ки аҳолӣ хеле зич ҷойгир шудаанд дар қадимулайём марказҳои маданӣ ба ҳисоб мерафтанд, ки ба онҳо шаҳрҳои саноатӣ ва фарҳангии Осиёи Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу-Шарқӣ, Африкаи Шимолӣ ва марказҳои

саноатии Европа шомиланд. Ин минтақаҳо 7% хушкиро ташкил дода дар инҷо 70% аҳолии кураи Замин маскун шудаанд. 4/5 аҳолии кураи Замин дар ҳамвориҳо ва минтақаҳои аз сатҳи баҳр дар баландии 500 м воқеъгашта ҷойгиранд. Чунин ҳудудҳо 27% хушкии кураи заминро ташкил медиҳад.

Ҳоло дар минтақаҳои барои зисти аҳолӣ мувофиқи хушкии Замин зичии аҳолӣ дар 1 км² ба 48 нафар рост меояд. Агар зичии аҳолии кураи Замин дар 1 км² ба 50 нафар расад зичии аҳолӣ баланд ба ҳисоб меравад. Дар қитъаҳои кураи Замин низ аҳолӣ нобаробар ҷойгир шуда аст. Мувофиқи маълумотҳои омории СММ зичии аҳолӣ (дар 1 км² ) дар Осиё 75 нафар, дар Европа 70 нафар, дар Африка 22 нафар, дар Америка 19 нафар, дар Австралия ва Океания 3 нафарро ташкил медиҳад (Ҷадвали №1).

Ҷадвали №1

**Тағирёбии ҷойгиршавии аҳолии ҷаҳон**

| Нишондодҳо | Аҳолии, млн нафар | | | Зичии аҳолӣ, нафар/км | | | Суръати афзоиши аҳолӣ, % | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Солҳо | 1950 | 1975 | 2000 | 1950 | 1975 | 2000 | 1950-1955 | 1975-1980 | 2000-2010 |
| Африка | 224 | 414 | 820 | 7,4 | 13,7 | 27,1 | 2,2 | 2,8 | 2,5 |
| Осиё | 1402 | 2406 | 3689 | 44,1 | 75,7 | 116,1 | 1,9 | 1,9 | 1,3 |
| Европа | 547 | 676 | 729 | 23,8 | 29,4 | 31,7 | 1 | 0,5 | -0,1 |
| Америкаи Лотинӣ | 166 | 320 | 515 | 8,1 | 15,6 | 25,1 | 2,7 | 2,1 | 1,4 |
| Америкаи Шимолӣ | 172 | 244 | 309 | 8 | 11,3 | 14,3 | 1,7 | 0,9 | 0,7 |
| Океания | 13 | 21 | 28 | 1,5 | 2,5 | 3,3 | 2,2 | 2,1 | 1,3 |
| Дар ҷаҳон | 2524 | 4081 | 6090 | 18,6 | 30,1 | 44,9 | 1,8 | 1,7 | 1,3 |

***Манбаъ: Максаковский В.П. Географическая картина мира ч. 1 - Ярославль; Верхневолжское издательство, 1996; Симагин Ю.А. Территориальная организация населения. М, 2004**

Дар маскуншавии аҳолӣ омили асосии табииро об, замин ва баъдан иқлиму релеф ташкил медиҳад. Об омили асосии ҳайёти инсон ва рушд ёфтани истеҳсолот ба ҳисоб меравад. 1/3 ҳиссаи аҳолии кураи Замин дар масофаи 50 км аз соҳили укёнусҳо, яъне дар назди соҳилҳо ҷойгир шудаанд. Чунин минтақаҳо ҳамаги 11,5% хушкии кураи заминро ташкил медиҳанд. Аз нисф зиёди аҳолии кураи замин бошад дар масофаи 200 км дуртар аз соҳилҳои Укёнуси Ҷаҳонӣ ҷойгир шудаанд. Шумораи аҳолие, ки дар соҳили укёнус ва баҳрҳо,

соҳили дарёҳо ҷойгиранд сол то сол афзуда истодааст (Ҷадвали №2).

Ҷадвали №2

**Маскуншавии аҳолӣ наздик ба баҳр дар минтақаҳои кураи Замин**

| Ҳудудҳо | Фоизи ба баҳр дар масофаи гуногун ҷойгиршавии аҳолӣ | | | | | Масофаи миёнаи байни ҳудуд ва баҳр (км) | Тараққиёти минтақаҳое, ки дар соҳилҳо наздик анд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 0-50 км | 50-200 км | 200-500 км | 500-1000 км | Аз 1000 км зиёд | | |
| Европа | 29,1 | 25,8 | 30,3 | 11,9 | 2,9 | 329 | 3,98 |
| Осиё | 27,1 | 20,2 | 21,9 | 19,9 | 10,9 | 756 | 4,16 |
| Африка | 18,1 | 27,0 | 18,6 | 23,5 | 12,8 | 664 | 1,71 |
| Америкаи Шимолӣ | 31,5 | 19,8 | 20,1 | 18,5 | 10,1 | 384 | 5,49 |
| Америкаи Ҷанубӣ | 24,4 | 38,4 | 27,9 | 9,0 | 0,3 | 540 | 1,87 |
| Австралия ва Океания | 79,1 | 15,2 | 4,9 | 0,8 | - | - | 1,50 |
| Тамоми хушкӣ (ғайр аз Антарктида ва Грелландия) | 27,.5 | 22,7 | 23,5 | 17,7 | 8,6 | 572 | |

**Манба: Максаковский В.П. Географическая картина мира ч. 1 - Ярославль; Верхневолжское издательство, 1996; Симагин Ю.А. Территориальная организация населения. М, 2004**

Дар охирҳои асри XX ва аввали асри XXI ҳамаги 42-73% аҳолии кураи Замин дар пастхамиҳои 200м аз сатҳи баҳр ҷойгир шуда буданд (Ҷадвали №3). Айни замон 15% хушкии кураи Замин умуман аз худ карда нашудаанд, ё инки минтақаҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар инҷо аҳолӣ доимӣ истиқомат намекунанд.

Ҷадвали №3

**Географияи маскуншавии аҳолии ҷаҳон вобаста ба баландии маҳал аз сатҳи баҳр**

| Ҳудудҳои ҷаҳон | Баланди аз сатҳи баҳр | | | | | | Баландии миёнаи ҷои зист | Баландии миёнаи ҳудуд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аз 200 м паст | 200-500 м | 500-1000 м | 1000-1500 м | 1500-2000 м | Аз 2000 м баланд | | |

| | Аҳоли бо % | | | | | | Бо метр | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Европа | 68,8 | 23,5 | 7,2 | 0,5 | - | - | 170 | 300 |
| Осиё | 56,5 | 23,5 | 11,7 | 4,9 | 2,5 | 0,9 | 320 | 950 |
| Африка | 32,5 | 24,1 | 20,8 | 13,8 | 6,8 | 2,0 | 590 | 750 |
| Америкаи Шимолӣ | 46,9 | 33,3 | 7,9 | 4,1 | 4,0 | 3,8 | 430 | 700 |
| Америкаи Ҷанубӣ | 42,3 | 15,0 | 22,8 | 4,7 | 4,2 | 11,0 | 645 | 580 |
| Австралия ва Океания | 72,9 | 17,8 | 8,4 | 0,9 | | - | 95 | 350 |
| Тамоми хушкӣ (Ғайр аз Антарктида ва Греландия) | 56,2 | 24,0 | 11,6 | 4,4 | 2,3 | 1,5 | 320 | 725 |

**Манбаъ: Максаковский В.П. Географическая картина мира ч. 1 - Ярославль; Верхневолжское издательство, 1996; Симагин Ю.А. Территориальная организация населения. М, 2004**

Аҳолии кураи Замин дар минтақаҳои амудӣ низ нобаробар ҷойгир шуда аст. Ҳоло 56% аҳолии кураи Замин дар минтақаҳои баландиаш 250 м аз сатҳи баҳр, 24% аҳолӣ бошад дар минтақаҳои баландиаш аз 200 то 500м ва 10% аҳолии кураи замин дар минтақаҳои баландиаш 2000 м аз сатҳи баҳр маскун шудаанд.

**Саволҳои назоратӣ:**

1. *Маскуншавии аҳолии кураи Замин дар марҳилаҳои таърихӣ чӣ тавр суръат гирифта буд?*
2. *Маҳалҳои деҳот ё минтақаҳое, ки аҳолии доимӣ дар онҷо зиндагӣ мекарданд чӣ гуна ба вуҷуд омадаанд?*
3. *Омилҳои табиие, ки дар ҷойгиршавии аҳолӣ таъсири зиёд мерасонад кадомҳоянд?*
4. *Сабабҳои ба уқёнус наздик ҷойгиршавии аҳолӣ дар чист?*
5. *Сабабҳои нобаробар ҷойгиршавии аҳолии кураи Заминро шарҳ диҳед?*

## ЗИЧИИ АҲОЛИИ КУРАИ ЗАМИН

*1. Географияи ҷойгиршавии аҳолӣ дар кураи Замин.*
*2. Сабабҳои нобаробар ҷойгиршавии аҳолӣ.*

Аҳолӣ дар кураи Замин нобаробар ҷойгир шудааст. Ҳоло 70% тамоми аҳолии кураи Замин дар 7% хушкӣ зиндаги мекунанд. Аз 149 млн $км^2$ хушкии сайёра дар 22,4 млн $км^2$ ё ин ки дар 15% он аҳолӣ доимӣ истиқомат намекунад. Ба чунин минтақаҳо ҷазираи Греландия (ғайр аз қисми ҷанубии ҷазира), қисми шимолии архипелаги Арктикии Канада, қисми зиёди биёбонҳои Саҳрои Кабир, Руб-ал-Холӣ, Виктория, материки Антарктида ва қисми кӯҳсори баланд дохил мешавад.

Инчунин дар ҷаҳони имрӯза давлатҳое во мехӯранд, ки шумораи аҳолии онҳо ниҳоят каманд: Масалан, Ватикан (1000 нафар), Тувалу (10 000 нафар), Науру (11 000 нафар) ва ғайра.

Вобаста ба ҷойгиршавии аҳолӣ дар кураи замин се минтақае ба назар мерасад, ки зичии аҳолии онҳо хело зиёд аст.

1. Осиёи Ҷанубу-Шарқӣ. Дар ин минтақа зичии аҳолӣ дар 1$км^2$ аз 200 нафар зиёд мебошад. Дар баъзе қисмҳои минтақа зичӣ дар 1$км^2$ то 1400-1900 нафар ва аз он ҳам зиёд ба назар мерасад. Масалан, дар Сингапур зичии аҳолӣ дар 1$км^2$ 6785 ва дар Бангладеш ба 1035 нафар мерасад. Зиёд будани аҳолӣ бештар ба маскуншавии таърихии он, дар бисёр ҳолат шуғли онҳо ба шоликорӣ ва инчунин афзоиши баланди табиии аҳолӣ алоқаманд аст.

2. Давлатҳои Европа (ғайр аз Европаи шимолӣ). Дар ин минтақа зичии аҳолӣ дар 1$км^2$ 200-400 нафар, дар баъзе ҷойҳо 1200-1600 нафар ва аз ин ҳам зиёдро дар бар мегирад. Масалан, давлати Монако, ки дар ҷаҳон аз ҷиҳати зичӣ дар ҷои аввал меистад, дар 1$км^2$ қаламрави он 33104 нафар . Сабаби дар ин минтақа зич ҷойгир шудани аҳолӣ ин таърихан ба ҷойгиршавии он дар маркази «тамаддун» ва ба дараҷаи баланд рушд ёфтани соҳаҳои саноат вобаста мебошад.

3. Қисми шимолу шарқии ИМА. Ин минтақа нисбатан ҷавон буда, баъди кашфиётҳои географӣ ва дар асрҳои XIX-XX ҳангоми муҳоҷирати аҳолии Европа ба ИМА ва аз Африка зӯран овардани ғуломони сиёҳпӯст ба ин қитъа ва минбаъд ба инкишофи баланди соҳаҳои саноату кишоварзӣ дар ИМА зич алоқаманд мебошад.

Дар ин минтақа зичии аҳолӣ дар 1 км² аз 100 нафар зиёд ва дар баъзе мавзеҳои он то 1500 нафар мерасад.

Мувофиқи ҳисоботҳои оморӣ зичии аҳолии ҷаҳон дар 1км² 49 нафарро ташкил медиҳад, вале ин нишондиҳанда дар давлатҳои ҷаҳон якхела нест (Ҷадвали №1).

**Ҷадвали №1**

| Соли 1975 | | Соли 2005 | | Соли 2007 | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Давлатҳо** | **Зичӣ** | **Давлатҳо** | **Зичӣ** | **Давлатҳо** | **Зичӣ** |
| ***Давлатҳое, ки зичии аҳолӣ хеле кам аст*** | | | | | |
| Гвиана (Франция) | 0,7 | Саҳрои Кабир | 0,1 | Саҳрои Кабир | 2 |
| Ботсвана | 1 | Намибия | 2 | Муғулистон | 2 |
| Муғулистон | 1 | Гвиана (Франция) | 2 | Гвиана | 2 |
| Намибия | 1 | Суринам | 2 | Намибия | 3 |
| Ливия | 1,5 | Муғулистон | 2 | Ботсвана | 3 |
| Мавритания | 1,5 | Ливия | 3 | Канада | 3 |
| Австралия | 1,8 | Мавритания | 3 | Австралия | 3 |
| Габон | 2 | Ботсвана | 3 | Исландия | 3 |
| Исландия | 2 | Канада | 3 | Габон | 3 |
| Канада | 2,3 | Исландия | 3 | Мавритания | 3 |
| ***Давлатҳое, ки зичии аҳолӣ хеле зиёд аст*** | | | | | |
| Малта | 950 | Сингапур | 6781 | Монако | 33104 |
| Барбадос | 568 | Малта | 1333 | Сингапур | 6785 |
| Бангладеш | 533 | Ҷазираҳои Малдив | 1000 | Малта | 1388 |
| Баҳрайн | 411 | Бангладеш | 981 | Баҳрайн | 1098 |
| Ҷазираҳои Малдив | 400 | Барбадос | 750 | Бангладеш | 1035 |
| Пуэрто-Рико | 348 | Баҳрайн | 700 | Ҷазираҳои Малдив | 1020 |

Дар ҷойгиршавии аҳолии кураи Замин омили ба роҳҳои нақлиёт ва роҳҳои савдо аз ҷумла дар соҳили баҳру укёнусҳо зиндаги кардан таъсири зиёд мерасонад. Масалан, дар соҳили баҳру укёнусҳо нисфи аҳолии кураи Замин ҷойгир шудаанд. Дар давлатҳои ҷазиравӣ ва нимҷазиравии дар соҳили баҳру укёнусҳо ҷойгирбуда ин нишондиҳанда боз ҳам зиёд мебошад. Масалан, дар ҷазираи Ява зичии аҳолӣ дар 1км² ба 2000 нафар мерасад. Қисми асосии шаҳрҳои миллионери ҷаҳон низ дар соҳили баҳру укёнусҳо ҷойгир шудаанд.

Дар ҷойгиршавии аҳолӣ дар дохили материку қитъаҳо низ дигаргуниҳои куллӣ ба назар мерасад (Ҷадвали №2).

*Ҷадвали №2*

**Зичии миёнаи аҳолӣ дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон (нафар/км²)**

| Номи минтақа | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 1950 | 1990 | 1995 | 2000 | 2025 (пешгӯӣ) |
| Тамоми ҷаҳон аз ҷумла: | 19,4 | 40,3 | 43,8 | 46,2 | 63,8 |
| Европа | 74,7 | 97,0 | 101,9 | 102,5 | 103,5 |
| Осиё | 45,1 | 100,7 | 113,3 | 116,3 | 159,3 |
| Африка | 7,6 | 21,8 | 24,3 | 27,5 | 51,0 |
| Америкаи Шимолӣ | 11,0 | 21,4 | 22,8 | 23,8 | 31,0 |
| Америкаи Ҷанубӣ | 6,4 | 17,1 | 18,3 | 19,6 | 26,4 |
| Австралия ва Океания | 1,5 | 3,1 | 3,3 | 3,.7 | 4,6 |

Бояд хотирасон намуд, ки дар ҷойгиршавии аҳолӣ шароитҳои табиӣ, иқтисодӣ ва мӯҳлати дар минтақа маскуншавии он, намуди хоҷагидорӣ (чорводорӣ, зироаткорӣ ва ё саноат) инчунин суръати муҳоҷирати дохилӣ ва беруна таъсир мерасонад (Расми №1). ***Расми №1.***

**Ҷойгиршавии аҳолӣ**:




Масалан, дар ҷойгиршавии аҳолии Африка шароити таърихӣ ва хариду фурӯши ғуломон таъсири калон расонидааст. Барои рушди ҳар давлат меъёри муаяни зичии аҳолӣ хос мебошад.

## Маълумотҳои иловагӣ

**Зичии аҳолӣ** – аҳолие, ки дар ҳудуди муайян доимӣ истиқомат мекунанд ва бо ченаки дар 1км² ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Ҷойгиршавии аҳолӣ** – ин ба шароитҳои мувофиқи табиӣ ва географӣ ҷойгир шудани аҳолӣ мебошад.

**Саволҳои назоратӣ:**

1. *Аҳолӣ дар кураи Замин чӣ гуна ҷойгир шудааст?*
2. *Мамлакатҳое, ки шумораи аҳолии онҳо хеле кам аст номбар кунед.*
3. *Ҳоло дар кураи Замин чанд минтақаи зичии аҳолиаш зиёдро ҷудо намудан мумкин аст?*
4. *Дар ҷаҳон зичии аҳолӣ дар 1км² чӣ қадар аст?*
5. *Давлатҳои зичии аҳолиашон зиёд ва камро номбар кунед.*
6. *Сабаби нобаробар ҷойгир шудани аҳолии кураи Замин дар чист?*
7. *Зичии миёнаи аҳолӣ дар минтақаҳои кураи Замин чӣ гуна аст?*
8. *Кадом намудҳои нуқтаи аҳолинишинро ҷудо намудан мумкин аст?*

## АФЗОИШИ ТАБИӢ, ТАРКИБИ ҶИНСӢ ВА СИНУСОЛИИ АҲОЛИИ КУРАИ ЗАМИН

1. *Афзоиши табиӣ аҳолии кураи Замин.*
2. *Таркиби ҷинсии аҳолии кураи Замин.*
3. *Таркиби синусолии аҳолии кураи Замин.*

1. Афзоиши табиии аҳолӣ аз маҷмӯи ҳодисаҳои таваллуд ва фавт ба вуҷуд меояд. Ин ҳодисаҳо barқарор намудани шумораи доимии аҳолӣ ва нав шудани оилаҳоро таъмин мекунад. Коэфисенти нишондиҳандаҳои таваллуд ва фавтро бо промилле(‰) чен мекунанд. Дар ҷаҳон коэфиссенти таваллуд 21 ‰ буда, ин нишондиҳанда дар Гвинея-Бисау, Либерия ва Ҷумҳурии Кореяи Демократӣ 50 ‰-ро ташкил медиҳад. Бараъкс дар Ҷумҳурии Федеративии Германия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой-8‰, дар Япония, Тайван, Литва, Австрия ва Белоруссия бошад 9‰-ро ташкил медиҳад.

Дараҷаи фавт дар ҷаҳони муосир 9‰-ро ташкил медиҳад, лекин ин нишондиҳанда дар Свазиленд 29‰, Ботсвана 27‰ ва Ангола 22‰-ро ташкил медиҳад. Баръакс дар Қатар, Қувайт ва АМА ин нишондиҳанда ба 2‰ баробар аст.

Дараҷаи фавти аҳолӣ ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, санитарию гигиенӣ ва хизматрасонии тиббӣ зич вобаста аст(Ҷадвали №1).

***Ҷадвали №1***

**Тамоили каму зиёдшавии аҳолӣ дар минтақаҳои ҷаҳон**

| Навъҳои зиёдшавии аҳолӣ | Нишондиҳандаҳо | | | Минтақаҳо |
|---|---|---|---|---|
| | Таваллуд | Фавт | Афзоиши табиӣ | |
| Ананавӣ | Бисёр баланд | Баланд | Бисёр баланд | Африка |
| Мобайнӣ | Баланд | Паст | Баланд | Америкаи Лотинӣ, Осиё, Австралия ва Океания |
| Замонавӣ | Бисёр паст | Паст | Бисёр паст | Европа, ИМА, Канада |

Ба афзоиши аҳолӣ ҷангу бемориҳо ва қафомонии иқтисодӣ низ таъсири назаррас мерасонад.

Суръати афзоиши табиии аҳолии ҷаҳон дар як сол ба 2% расида, ё худ дар як сол то 90 миллион нафар зиёд мешавад. Ба қатори давлатҳое, ки афзоиши табииашон хело паст аст-ин Эстония (-0,2), Латвия (-0,5), Литва (-0,4),

Белоруссия (-0,5), Украина (-0,6), Булғория (-0,5) ва Венгрия (-0,5) шомил мебошанд. Баръакс ба давлатҳои афзоиши табииашон баланд Нигерия 3,4 %, Яман 3,2 % , Тимори Шарқӣ 3,3 %, Ҷазираҳои Маршал 3,3 % дохил мешаванд.

**<u>Ҳоло ду намуди бозтавлиди аҳолиро фарқ мекунанд:</u>**

1. «Маҳдудияти демографӣ» ба ин намуд давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда ва баъзе давлатҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ дохил мешаванд. Дар давлатҳои ба ин намуд хос нишондиҳандаҳои таваллуд ва фавт паст буда, афзоиши табиӣ ба «0» наздик, ва дар баъзе давлатҳо бошад камшавии табиӣ аҳолӣ ба чашм мерасад. Ба ин намуд давлатҳои Америкаи Шимолӣ ва Европа мисол шуда метавонад (Германия, Дания, Италия, Австрия, Венгрия, Болгария, Латвия, Белорус, Россия). Сабаби асосии ба чунин навъи бозтавлиди аҳоли рӯ ба рӯ шудани давлатҳо ин пеш аз ҳама ба дараҷаи урбанизатсия, ба истеҳсолот бештар ҷалб намудани аҳолӣ, омилҳои иқлимӣ, расму русуми миллӣ, рушди илму техника, кам будани шумораи мардҳо, пиршавии аҳолӣ (дар шумораи умумии аҳолӣ сол то сол шумораи пиронсолон меафзояд) ба ҳисоб меравад. Афзоиши табиии аҳоли дар ин давлатҳои номбурда ба сари 1000 нафар 4-кас ва аз он ҳам камтарро ташкил медиҳад. Масалан, дар Германия шумораи миёнаи фарзанд дар оилаҳо 2,7 нафар буда, аз ҳар 4 оила яктояш бефарзанд мебошад. Дар Россия низ афзоиши табиии аҳолӣ хело паст буда, шумораи оилаҳои камфарзанд сол то сол меафзояд. Меъёри миёнаи фарзанд дар оилаи Россия 3,2 нафарро ташкил медиҳад. Дар қисми зиёди давлатҳои ба ин намуд хос сиёсати демографӣ барои зиёд намудани шумораи таваллуд нигаронида шуда аст.

2. «Таркиши демографӣ» ба ин давлатҳо нишондиҳандаҳои баланди таваллуд ва нисбатан паст будани фавт хос аст. Ба ин намуд як қатор давлатҳои минтақаи Африка, Осиё ва Америкаи Лотинӣ дохил мешавад.

Сабабҳои асосии ба ин намуди бозтавлиди аҳолӣ рӯ ба рӯ шудани ин давлатҳо чунин аст: аз сохти мустамликавӣ озод гаштани аҳолӣ; аз дараҷаи пасти зиндагӣ ба дараҷаи миёна гузаштан; аз бурдбориҳои санитариву гигиенӣ васеъ истифода бурдан; бар зидди ҳар гунна бемориҳои сирояткунанда мубориза бурдан; дараҷаи пасти урбанизатсия; дар

иқтисодиёт баланд будани мавқеи соҳаҳои кишоварзӣ (дар соҳаҳои кишоварзӣ зиёд будани шумораи коргарон); бесаводӣ; нокифоя будани фарҳанги санитарӣ; иҷозати акту никоҳи барвақтӣ; мавҷуд набудани назорат аз низоми таваллуд; расму русуми миллӣ ва динӣ, ки барои бисёрфарзандӣ ташфиқу тарғиб менамоянд.

Дар давлатҳое, ки «маҳдудияти демографӣ» ҳукмрон аст формулаи бозтавлиди миёнаи аҳолӣ 13-10 =3, дараҷаи болоии афзоиши табиии аҳолӣ дар сол аз 12‰ зиёд намешавад. Дар давлатҳое, ки «таркиши демографӣ» ҳукмрон аст, формулаи бозтавлиди миёнаи аҳолӣ 28-9=19, дараҷаи пасти афзоиши табиии аҳолӣ аз 12‰ зиёд мешавад. Ба қисми зиёди давлатҳое, ки ба намуди дуввум хос аст, афзоиши табиӣ аз меъёр зиёди аҳолӣ номи «таркиши демографӣ»-ро гирифтаанд. Таркиши демографӣ дар солҳои 60-уми асри XX ба вуҷуд омада, асосан ба давлатҳои Осиё ва Африка хос аст. Масалан, дар давлатҳои Танзания, Мали, Уганда, Буркино-Фасо ва Нигерия таваллуд дар як сол аз 50‰ зиёд аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки 7 давлати шумораи аҳолиашон аз 100 млн зиёд  дар қитъаи Осиё ҷойгир мебошанд. Дар ин давлатҳо сиёсати демографӣ барои кам кардани шумораи таваллуд равона карда шуда аст. Дар баъзе давлатҳо ҳатто сиёсати демографӣ ба Конститутсияи давлат ворид карда шуда аст.

Чӣ тавре, қайд шуд, коэффисенти тавваллуд, фавт ва афзоиши табии дар қитъаҳои кураи Замин гуногун аст(Ҷадвали №2). Давлатҳои дараҷаи таваллуд ва афзоиши табииашон баланди ҷаҳон аксар дар қитъаи Осиё ва Африка ҷойгир шудаанд. Дар қитъаи Осиё ва Африка миқдори миёнаи фарзанд дар оилаҳо 6 нафарро ташкил медиҳад. Афзоиши табиии аҳолӣ бошад ба сари 1000 нафар 30 кас рост меояд. Дар солҳои 90-уми асри гузашта аввалин давлате, ки дар ҷаҳон аз ҷиҳати афзоиши табиӣ (1000:41) ва дараҷаи таваллуд (1000:54) пешсаф ин Кения буд. Аҳолии давлати Кения дар 17 сол 2 баробар афзуд. Барои 2 баробар афзудани аҳолии аҳолии Британияи Кабир 63 сол кифоя мекунад.

*Ҷадвали №2*

**Коэффисенти таваллуд, фавт ва афзоиши табии дар қитъаҳои кураи Замин (Нисбат ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ)**

| | Коэффисенти таваллуд | Коэффисенти фавт | Коэффисенти афзоиши табии | Коэффисенти фавти кӯдакон | Дарозумрӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Мардон | Занон |
| Тамоми ҷаҳон | 23 | 9 | 14 | 81 | 65 | 69 |
| Африка | 36 | 14 | 22 | 120 | 52 | 54 |
| Америка | 21 | 8 | 13 | 26 | 70 | 75 |
| Америкаи Шимолӣ | 21 | 9 | 12 | 7 | 74 | 80 |
| Америкаи Марказӣ | 24 | 7 | 17 | 29 | 68 | 74 |
| Америкаи Ҷанубӣ | 23 | 8 | 15 | 41 | 66 | 72 |
| Ҳавзан Қариб | 22 | 8 | 14 | 30 | 68 | 72 |
| Осиё | 24 | 9 | 15 | 73 | 65 | 68 |
| Осиёи Ҷанубу-Ғарбӣ | 31 | 8 | 23 | 61 | 66 | 69 |
| Осиёи Миёна ва Ҷанубӣ | 28 | 11 | 17 | 96 | 61 | 62 |
| Осиёи Ҷанубу-Шарқӣ | 26 | 8 | 18 | 62 | 63 | 66 |
| Осиёи Шарқӣ | 17 | 6 | 11 | 33 | 69 | 73 |
| Россия | 9 | 16 | 7 | 21 | 59 | 72 |
| Австралия ва Океания | 19 | 8 | 11 | 8 | 73 | 76 |
| Аврупо | 11 | 11 | 0 | 13 | 72 | 78 |

Таркиби ҷинсии аҳолии ҷаҳон. Дар қитъаи Африка ва Австралия шумораи зану мард баробар мебошад. Дар Хитой, Ҳиндустон, Покистон, Туркия, Ливия ва давлатҳои нимҷазираи Арабистон бошад шумораи мардҳо нисбат ба занҳо зиёданд. Дар Россия, давлатҳои Европаи Шарқӣ ва Марказӣ баръакс шумораи занҳо аз мардҳо зиёданд. Масалан дар Аморати Мутаҳидаи Араб ба 100 зан 147 мард, дар Қувайт ба 100 зан 152 мард рост меояд. Вале дар Бутан ба 100 мард 128 зан, дар Украина ба 100 мард 116 зан, ва дар Россия ба 100 мард 113 зан рост меояд (Ҷадвали №3).

Ҳангоми таҳлил намудани таркиби ҷинсии аҳолии ҷаҳон ҳисоби миёнаи дарозумрии аҳолӣ вобаста ба ҷинс бояд ба инобат гирифта шавад.

*Ҷадвали №3*

**Тафовути шумораи зан ва мард дар минтақаҳо ва мамлакатҳои ҷаҳон**

| Мамлакатҳое, ки шумораи мардҳо аз занҳо зиёданд | Мамлакатҳое, ки шумораи занҳо аз мардҳо зиёданд | Мамлакатҳое, ки шумораи мардҳо ва занҳо баробаранд | Тафовути зан ва мард дар минтақаҳои ҷаҳон (Ба ҳар 100 зан чанд мард рост меояд) |
|---|---|---|---|
| **ОСИЁ** | | | |
| 1.Хитой<br>2.Ҳиндустон<br>3.Бангладеш<br>4.Давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ<br>5.Покистон<br>6.Аф□онистон<br>7.Эрон<br>8.Ироқ<br>9.Давлатҳои Араб<br>10.Респуб. Корея<br>11.Туркия<br>12.Давлатҳои Шарқи наздик | 1.Як қатор давлатҳои Осиёи Марказӣ<br>2.Давлатҳои Паси Кавказ<br>3.Япония<br>4.Ветнам<br>5.Индонезия<br>6.Бруней<br>7.Ҷум.дем. Корея<br>8.Қариб ҳаммаи давлатҳо Европа | 1. Муғулистон<br>2. Маяма<br>3. Папуа-Гвинеяи Нав | 1.Европа -96<br>2.Осиё – 105<br>3.Африка – 99<br>4.ИМА ва Канада-95<br>5.Америкаи Лотинӣ -100<br>6.Австралия ва Океания – 101.<br>7.Дар тамоми ҷаҳон – 102 |
| **АФРИҚА** | | | |
| 1.Миср<br>2.Литвия<br>3.Тунис<br>4.Судан<br>5.Кот-Ди-Увар | Ғайр аз 5 давлат боқимонда ҳаммааш | 1. Марокаш | |
| **АМЕРИКА** | | | |
| 1.Куба<br>2.Гаитӣ<br>3.Панама<br>4.Колумбия<br>5.Венесуела<br>6.Перу<br>7.Боливия<br>8.Парагвай | 1.ИМА<br>2.Канада<br>3.Аргентина<br>4.Чилӣ<br>5.Суринам | 1. Бразилия<br>2. Уругвай<br>3. Мексика | |
| **АВСТРАЛИЯ** | | | |
| | 1. Зеландияи Нав | Австралия | |

Дар замони муосир дар давлатҳои руштёфта дарозумрии занҳо сол то сол зиёд шуда истодааст (Ҷадвали №4).

*Ҷадвали №4*

**Нишондоди дарозумрии аҳолӣ дар баъзе давлатҳои ҷаҳон**

| № | Давлатхо | Занхо | Мардхо |
|---|---|---|---|
| 1 | Япония | 83 | 76 |
| 2 | Франсия | 82 | 75 |
| 3 | Шветсария | 82 | 76 |
| 4 | Канада | 81 | 75 |
| 5 | Австралия | 81 | 75 |

Таркиби синнусолии аҳолии ҷаҳон. Таркиби ҷинсӣ ва синнусолии аҳолӣ дар нишондодҳои демографӣ аҳамияти муҳим дорад. Зеро ба захираи меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ нигоҳ карда мавқеи аҳолиро дар ҷомеа ва аҳамияти онро муайян мекунанд. Дар тамоми ҷаҳон шумораи мардҳо аз занҳо қариб 30 млн нафар зиёд мебошад.

Дар синнусоли бачаҳои наврас дар тамоми қитъа ва минтақаҳо шумораи писарбачаҳо зиёд аст. Дар ҷаҳон ба 1000 нафар духтари 9-14 сола, 1040 писарбачаи ҳамин синну сол рост меояд. Ин нишондиҳанда дар Европа 1060 нафар, дар Осиё-1050 , дар Австралия ва Океания-1059, дар Африка 1008 ва дар қитъаи Америка 1029 нафарро ташкил медиҳад. Сабаби тафовути духтар ва писарбачаи ин синну сол дар ҷаҳон дар он аст, ки аз 1000 нафар кӯдаки таваллудшуда 520 нафарашро писарбачаҳо дар бар мегиранд. Ба 1000 зани аҳолии синнусоли 15-65 солае, ки қисми асосии аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад 1020 марди ҳамин сину сол рост меояд. Дар Европа зан ва марди 15-65 сола баробар буда, дар Осиё ба ба 1000 зан 1049 мард, дар Австралия ва Океания 1039, дар Африка 979, дар қитъаи Америка 990 мард рост меояд. Ба тофовути мард ва зани 15-65 сола ҷангҳо, мавқеи зан ва мард дар ҷомеа, давомнокии синну сол ва дигар омилҳо таъсири зиёд расонидаанд. Дар таркиби синусолии аҳолии ҷаҳон ҳиссаи кӯдак ва наврасон кам шуда, аҳолии синнусоли қобили меҳнат афзуда истодааст. (Ҷадвали №5, №6).

*Чадвали №5*

## Таркиби синнусолии аҳолии ҷаҳон

| Қитъа ва минтақаҳо | Соли 1970 | | | Соли 1985 | | | Соли 1999 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Гурӯҳи синнусолӣ | | | | | | | | |
| | 0–14 | 15–64 | 65 | 0–14 | 15–64 | 65 | 0–14 | 15–64 | 65 |
| Тамоми ҷаҳон | 36,6 | 57,9 | 5,5 | 33,7 | 60,6 | 5,7 | 32,0 | 62,0 | 6,0 |
| Европа | 24,9 | 63,7 | 11,4 | 20,9 | 66,7 | 12,4 | 19,0 | 67,0 | 14,0 |
| Осиё | 38,9 | 57,0 | 4,1 | 35,5 | 60,6 | 4,4 | 33,0 | 62,0 | 5,0 |
| Африка | 44,1 | 53,0 | 2,9 | 45,4 | 51,5 | 3,1 | 45,0 | 52,0 | 3,0 |
| Америка | 36,4 | 57,2 | 6,4 | 31,6 | 61,2 | 7,2 | 29,0 | 63,0 | 8,0 |
| Австралия ва Океания | 32,2 | 60,5 | 7,3 | 28,6 | 63,3 | 8,1 | 26,0 | 64,0 | 10,0 |

**Манбаъ: Слука А.Е., Слука Н.А. География населения с основами демографии. Учебно-методическое пособие. –М.: Изд. МГУ. 2000.**

Аз маълумотҳои ҷадвали №5 бар меояд, ки дар солҳои 1970-1999 аҳолии 0-14 сола аз 36,6% ба 31% кам шуда, ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат бошад аз 57,7% ба 62,0% расид. Ҳиссаи аҳолии пиронсол ба 7,0% расид. Дар дигаргуншавии таркиби ҷинсии баъзе минтақаҳои ҷаҳон нақши муҳоҷират низ калон аст.

*Ҷадвали №6*

### Пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии афзоиши аҳолӣ дар минтақаҳои кураи Замин (солҳои 1995-2015)

| Минтақаҳо | Шумораи аҳолӣ (млн (нафар) | Нишондоди миёнаи дарозумрӣ (сол) | Аҳолии шаҳр % | Ҳиссаи гурӯҳҳои синнусолӣ дар шумораи аҳолӣ, % | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | То 15 сола | 65 сола ва аз он баланд |
| Дар ҷаҳон | | | | | |
| 1995 | 5759 | 64,7 | 45,2 | 31,9 | 6,5 |
| 2015 | 7609 | 70,2 | 55,6 | 27,1 | 7,8 |
| Давлатҳои тараққикарда | | | | | |
| 1995 | 1224 | 74,6 | 74,2 | 20,9 | 12,9 |
| 2015 | 1366 | 77,5 | 80,8 | 19,5 | 15,4 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Давлатҳои рӯ ба тараққӣ<br>1995<br>2015 | <br><br>4515<br>6242 | <br><br>62,4<br>68,6 | <br><br>37,2<br>50,1 | <br><br>34,9<br>28,9 | <br><br>4,8<br>6,2 |
| Африка<br>1995<br>2015 | <br>744<br>1265 | <br>53,0<br>61,1 | <br>34,7<br>47,6 | <br>44,8<br>40,0 | <br>3,1<br>3,3 |
| Америкаи Лотинӣ<br>1995<br>2015 | <br>482<br>637 | <br>68,0<br>72,0 | <br>74,2<br>81,8 | <br>33,8<br>26,4 | <br>5,1<br>7,1 |
| Америкаи Шимолӣ<br>1995<br>2015 | 292<br>341 | 76,1<br>78,8 | 76,4<br>82,2 | 21,8<br>19,0 | 12,6<br>14,4 |
| Осиё<br>1995<br>2015 | <br>3408<br>4461 | <br>64,8<br>71,1 | <br>31,2<br>47,3 | <br>32,2<br>25,5 | <br>5,4<br>7,3 |
| Европа<br>1995<br>2015 | <br>516<br>540 | <br>75,2<br>78,0 | <br>75,0<br>81,6 | <br>19,0<br>18,2 | <br>14,1<br>16,8 |

**Манбаъ: Слука А.Е., Слука Н.А. География населения с основами демографии. Учебно-методическое пособие. –М.: Изд. МГУ. 2000.**

Европа ва Америкаи Шимолӣ маркази қабули муҳоҷирон ва қитъаи Осиё ва Африка бошад тавлидкунандаи муҳоҷирон ба ҳисоб меравад. Дар таркиби синнусолии аҳолии ҷаҳон низ фарқиятҳои калони ҳудуди ҷой доранд.

### Маълумотҳои иловагӣ

**Равандҳои демографӣ** – шароити таваллуд, фавт, афзоиш, муҳоҷират ва таркиби ҷинсиву синнусолии ноҳия ва ё ҳудуди муайнро меноманд.

**Нишондиҳандаҳои таваллуди аҳолӣ** – дар давоми сол ба сари 1000 нафар аҳолӣ шумораи таваллудшудагони солим.

**Нишондиҳандаҳои фавт**– шумораи фавт нисбат ба 1000 нафар.

**Афзоиши табиӣ** – нисбат ба нишондиҳандаҳои фавт баланд будани ҳолати тавалуд.

**Депопуляция** – дар ҳудуди муайян бо сабабҳои комплексӣ кам шудани аҳолӣ.

**Бозтавлиди аҳолӣ** – ҷараёнҳои ивазшавии оилаҳо дар натиҷаи афзоиши табиии аҳолӣ.

Дар миқёси ҷаҳон коэффисенти баланди таваллуд 3,3 ва коэффисенти нетто-и бозтавлиди аҳолӣ ба 1,6 баробар

аст. Ғайр аз ин ҳисоби миёнаи дарозумрии аҳолӣ дар ҷаҳон 65 сол, дараҷаи таваллуд ва фавт бошад дар як сол тахминан 15,5 ‰ –ро ташкил медиҳад.

Таркиби синнусолии аҳолӣ дар Хитой ҳанӯз замони қадим чунин тақсим карда мешуд:

То 20 сола — ҷавонӣ;

То 30 сола - давраи акти никоҳ;

То 40 сола- сину соли идоракунии вазифаҳои иҷтимоӣ;

То 50 сола -ақли пурра гирифтан;

То 60 сола- давраи охири бунёдкорӣ дар ҳаёт;

То 70 сола – давраи бо қувватӣ;

Аз 70 сола боло — пиронсолӣ.

**Саволҳои назоратӣ:**

1. *Афзоиши табиии аҳолӣ кадом давраҳоро дар бар мегирад?*
2. *Дар ҷаҳони муосир дараҷаи таваллуд ва фавт чанд ‰-ро ташкил медиҳад?*
3. *Сабаби тафовути ҳудудӣ доштани дараҷаи фавт ва таваллуди аҳолии кураи Замин дар чист?*
4. *Намудҳои зиёдшавии аҳолиро номбар кунед?*
5. *Кадом намуди бозтавлиди аҳолӣ мавҷуд аст?*
6. *Афзоиши табиии аҳолӣ дар минтақаҳои ҷаҳон чӣ гуна аст?*
7. *Доир ба таркиби ҷинсии аҳолии кураи Замин маълумот диҳед ва сабабҳои тафовути ҳудудии таркиби ҷинсии аҳолиро шарҳ диҳед.*
8. *Оид ба таркиби синнусолии аҳолии ҷаҳон маълумот дода, сабабҳои тафовути ҳудудии таркиби синнусолиро нишон диҳед.*

# ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ-ГЕОГРАФИИ ҶОЙГИРШАВИИ АҲОЛӢ ДАР ҚИТЪАҲОИ КУРАИ ЗАМИН

1. *Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии ҷойгиршавии аҳолӣ дар қитъаи Европа.*
2. *Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии ҷойгиршавии аҳолӣ дар қитъаи Осиё.*
3. *Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии ҷойгиршавии аҳолӣ дар қитъаи Африка.*
4. *Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии ҷойгиршавии аҳолӣ дар қитъаи Америка.*
5. *Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии ҷойгиршавии аҳолӣ дар Австралия ва Океания*

1.Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии ҷойгиршавии аҳолӣ дар қитъаи Европа.

Дар Европа аз миёнаи асри XIV илму- техника ниҳоят рушд ёфт, ки дар адабиётҳои илмӣ ин давраро барои Европа давраи «Бедоршавӣ -Реносанс» номидаанд.

Қитъаи Европа дар байни қитъаҳои кураи замин аз ҷиҳати нишондодҳои зичии миёнаи аҳолӣ пешсаф мебошад. Зичии миёнаи аҳолӣ дар деҳот ва шаҳрҳои қитъаи Европа кулан фарқ мекунад. Дар ин қитъа минтақае, ки аҳолӣ дар он истиқомат намекунад вуҷуд надорад. Ҳудудҳое, ки аҳоли хеле кам ҷойгир шудааст ин давлати Исландия ва Норвегия мебошанд. Зичии зиёд ва бештари аҳолӣ дар давлати Монако ба қайд гирифта шуда аст (дар 1 км² 33104 нафар). Қисми зиёди минтақаҳои зичии аҳолиаш зиёд дар соҳилҳои дарёҳо ба мушоҳида мерасад. Аз рӯи далелҳои таърихӣ ба маскуншавии аҳолии минтақаи Европа иқлим, релеф, об ва дигар омилҳои табии таъсири зиёд расонидааст. Масалан, Европаи Ҷанубӣ ва Марказӣ, ки шароити мусоиди рушди соҳаҳои хоҷагии халкро доро мебошанд, зичии аҳолӣ нисбатан баланд аст, вале дар Европаи Шимолӣ, ки шароити иқлимӣ барои зисту зиндагонӣ ва инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқ мусоид нест зичии аҳолӣ камтар мебошад. Дараҷаи баланди урбанизатсия боиси ба вуҷуд омадани тафовути зичии аҳолии шаҳр ва деҳот дар ин қитъа гардид. Ин тафовут чунин аст, ки зичии аҳолӣ дар 1 км² солҳои 1970-2011 аз 93 ба 124 нафар расид.

Рушди илму техника боиси баланд гардидани шароити иқтисодиву иҷтимоии аҳолии қитъаи Европа гардида, афзоиши табии аҳолӣ нисбат ба солҳои пештара каме баланд шуд. Лекин эпидемияҳо (солҳои 1624, 1639), гуруснагӣ (солҳои 1739-1741 дар Италия) ва ҷангҳо (ҷанги Туркия ва давлатҳои нимҷазираи Балқан дар асри XVI; ҷанги 30 сола –солҳои 1618-1648; ҷанги 12 сола (1701-1713) дар Испания дар зиёдшавии аҳолӣ таъсири манфӣ расонид. Минбаъд ба афзоиши аҳолии Европа муҳоҷират низ таъсири калон расонидааст. Кашф шудани қитъаи Америка сабаби ба ин қитъа кӯчидани испаниҳо, португалиҳо, англисҳо, голандиҳо ва французҳо гашт. Дар асрҳои XVI-XVIII аз Европа ба қитъаи Америка зиёда аз 2 млн аҳолӣ муҳоҷир шуданд. Новобаста ба ин дар асрҳои XVI-XVIII афзоиши табии аҳолӣ нисбат ба давраҳои пеш камее баланд буд. Масалан, агар соли 1700 аҳолии қитъа тахминан 100 млн. нафарро ташкил медод, пас соли 1800 он ба 155 млн. нафар расид. Дар ҳамин давра Франсия, Англия, Германия ва Испания давлатҳои сераҳолитарини қитъаи Европа ба ҳисоб мерафтанд.

Дар асри XIX бозтавлиди аҳолии қитъаи Европа аз як шакл ба шакли дигар мегузарад. Камшавии дараҷаи фавт, зиёдшавии дараҷаи дарозумрӣ ва дар як сатҳ мондани дараҷаи таваллуд боиси афзоиши табии аҳолӣ гардид.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар ҳамон давра коэффитсиенти таввалуд дар Европа 35-40 промил ва фавт бошад 20-25 промиллро ташкил медод. Афзоиши табии аҳолӣ ба 1000 кас 15-20 нафар рост меомад. Дар ин давр аз Европа ба Америка кӯчидани аҳолӣ ва амалиётҳои императори Франсия Наполеон ба афзоиши аҳолии Европа таъсири манфӣ расонид. Бо сабаби баланд будани афзоиши табиии аҳолӣ муҳоҷират ва ҷангҳо боиси камшавии шумораи аҳолии қитъаи мазкур нагардидааст. Дар асри XIX аҳолии давлатҳои Франсия, Англия ва Германия то 1,5-2 баробар зиёд гардидаанд.

Асри XX дар бозтавлиди аҳолии қитъаи Европа давраи нав буд. Дар нимаи дуюми асри XX дар як қатор давлатҳои Европа таваллуд ва фавт яку якбора кам шуд, ки он ба суръати афзоиши аҳолӣ таъсири манфӣ расонид. Агар солҳои 1900-1950 аҳолии Европа ҳар сол ба микдори 1,8 миллион афзуда бошад пас ин нишондиҳанда дар солҳои

1970-2000 ба 1,2 млн нафар расид. Ҳоло шумораи аҳолии Европа 728 миллион нафар расидааст, ки ин 11,4% аҳолии кураи Заминро ташкил медиҳад.

2.Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии ҷойгиршавии аҳолӣ дар қитъаи Осиё.

Осиё яке аз қитъаҳои сераҳолитарини ҷаҳон ба ҳисоб рафта, вале доир ба аҳолии ин қитъа маълумотҳои таърихӣ хеле кам ба назар мерсаад. Дар асрҳои XVI-XVIII суръати афзоиши табиии аҳолии Осиё ба қитъаи Европа баробар буд. Зеро дар ин давра ҷангҳои шадид нисбат ба давраҳои пеш камтар буд.

Минбаъд дар ҷараёнҳои демографии баъзе давлатҳои Осиё дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, дар натиҷаи оғоз гардидани назорати таваллуд дар Япония суръати афзоиши табиии аҳолӣ паст гардида шумораи аҳолии он нисбат ба солҳои пештара камтар меафзояд.

Дар оғози асри XIX давлатҳои сераҳолитарини қитъаи Осиё Хитой, Ҳиндустон ва Япония ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра дар Хитой 300-350 миллион, дар Ҳиндустон 160-215 миллион ва дар Япония 27-30 миллион аҳоли истиқомат мекарданд.

Асри XIX дар сиёсати давлатҳои Осиё дигаргуниҳои куллӣ ба амал овард, як қатор давлатҳо ба мустамлака табдил гардиданд. Мустамлака на танҳо ба шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, балки нишондиҳандахои афзоиши табиии аҳолӣ низ таъсири манфӣ расонид.

Дар натиҷаи ҷангу гуруснагӣ миллионҳо одамон нобуд шуданд. Дар ҳамин давра танҳо дар Ҳиндустон 20 маротиба гуруснагӣ ба амал омад, ки ҳаёти бештар аз 20 миллион одамонро рабуд. Гуруснагие, ки соли 1887 дар қисми шимолии Хитой ба вуҷуд омад, боиси фавти 4-6 миллион одамон гардид. Умуман дар асри XIX дар як қатор давлатҳои қитъаи Осиё дараҷаи таваллуд ба 45-50 промилл ва фавт 40-45 промил расид. Дар ин давра афзоиши табиии аҳолӣ нисбатан хеле паст буд. Соли 1900 аҳолии қитъаи Осиё аз 900 миллион ба 1 млрд мерасад, ки аз он 400-500 миллионаш дар Хитой, 285 миллионаш дар Ҳиндустон ва 44 миллионаш дар Япония истиқомат мекарданд.

Дар ин марҳила дар як қатор давлатҳои Осиё камшавии дараҷаи фавт ба қайд гирифта шуд, ки он он ба зиёдша-

вии шумораи аҳолии қитъаи Осиё оварда расонид. Солҳои 1900-2010 аҳолии қитъаи Осиё 3,5 маротиба афзуд ва ё аз 950 миллион ба 3585 миллион нафар расид. Аз тарафи дигар дар ин муддат сиёсати демографии як қатор давлатҳои Осиё боиси каме паст шудани дараҷаи зиёдшавии аҳолӣ гардид. Аз ин ҳисоб ҳиссаи аҳолии қитъаи Осиё дар таркиби аҳолии ҷаҳон аз 63,8% ба 59,4% коҳиш ёфт.

Ҳоло бошад (соли 2010) дар Осиё 60,7% аҳолии кураи Замин истиқомат мекунад. Осиёи Шарқӣ яке аз минтақаҳои сераҳолитарини ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Қисми асосии аҳолии Осиё дар нимҷазираи Ҳинду Хитой ва ҷазираҳои Индонезия ҷойгир буда, дар ин минтақа зичии аҳолӣ низ хеле баланд аст (дар 1 км² 400-500 нафар). Дар нимҷазираи Арабистон, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон бошад зичии аҳолӣ нисбатан кам мебошад. Ба ҳиссаи қитъаи Осиё қисми зиёди аҳолии деҳоти ҷаҳон низ рост меояд. Масалан, водии дарёҳои Ҳинду Ганг, Брахмапутра, Меконг, Хуанхэ, қисми ҷанубии Корея, ҷазираҳои Япония ва Ява, ки дар якҷоягӣ 2,5 миллион км² масоҳат доранд, вале зиёда аз 2 миллиард аҳоли истиқомат мекунанд. Зичии миёнаи аҳолии водиҳои Ҳинду Ганг, делтаи Хуанхэ ва Янцзи ба 1000-1500 нафар мерасад. Давлатҳои зичии аҳолиашон баланд дар қитъаи Осиё Бангладеш, Баҳрайн, ҷазираҳои Малдив ва Кореяи Ҷанубӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Осиё минтақаҳое, ки аҳолӣ қариб зиндагӣ намекунад ин кӯҳҳои баланд (Тибет, Ҳиндукуш, Ҳимолой ва ғайра), биёбон ва нимбиёбонҳо (Руб-ал-Хали, Такла-Макон, Гобӣ ва ғайра) ба ҳисоб меравaнд.

3.Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии ҷойгиршавии аҳолӣ дар қитъаи Африка.

Африка макони қадимтарини зисту зиндагонии инсон мебошад. Ҳоло дар ин қитъа зичии аҳолӣ хеле кам мебошад. Солҳои 1970- 2010 зичии аҳоли дар 1 км² аз 12 ба 30 нафар расид. Сабаби асосии кам будани зичии аҳолии қитъаи Африка ин бештар ба омилҳои иқлимӣ ва захираи об алоқаманд аст. Солҳои тӯлони зери мустамликаи як қатор давлатҳо будани давлатҳои Африка ба афзоиши табиӣ аҳолӣ таъсири манфӣ расонид. Дар баъзе давлатҳои Африка зичии аҳолӣ дар 1 км² ба як нафар мерасад. Зичии аз ҳама зиёди аҳолӣ дар соҳили кӯлҳои Маврикий, Реюнон, Виктория ва водии дарёҳои Нилу Конго ба

назар мерасад. Масалан, дар давлатҳои Руанда ва Бурундӣ зичии аҳолӣ дар 1 км² 400-500 нафарро ташкил медиҳад. Дар минтақаҳои биёбониву нимбиёбонӣ бошад, зичии аҳолӣ хеле паст буда, дар баъзе минтақаҳо аҳолӣ тамоман истиқомат намекунанд. Масалан, ба қатори давлатҳои зичии аҳолиаш хеле кам Сахараи Ғарбӣ, Ботсвана, Ливия ва Намибия дохил мешавад, ки дар ин давлатҳо дар 1 км² як нафар зиндагӣ мекунад. Дар ҷойгиршавии аҳолии қитъаи Африка об омили асоси ба ҳисоб меравад.

Дар афзоиши аҳолии Африка ғайр аз омилҳои табиии боз омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ низ таъсири калон расонидааст. Дар асрҳои миёна бинобар сабаби ҳуҷуми арабҳо ба Африкаи Шимолӣ қисми зиёди аҳолии минтақа нобуд гардид. Минбаъд бошад аҳолии Африка дар ҳамин давра асосан аз ҳисоби Судони Ғарбӣ ва Африкаи Шарқӣ каме зиёд шуд. Дар Африкаи Шарқӣ шоҳигарии араб ташкил ёфта, алоқаҳои савдоӣ бо давлатҳои Осиё аз ҷумла бо Ҳиндустон ба роҳ монда мешавад.

Сохти мустамликадорӣ дар як қатор давлатҳои Африкоӣ ба паст гардидани шароитҳои иҷтимоиву-иқтисодии аҳолии ин минтақа оварда расонид. Хариду фурӯши аҳолии сиёҳпӯст ҳамчун ғулом, дар корҳои вазнин истифода шудани онҳо, иқлими гарм, норасогии об ва гуруснагӣ боиси пахн гардидани эпидемияҳои гуногун гардид. Дар натиҷа дар қитъаи Африка дараҷаи фавт меафзояд. Танҳо дар байни солҳои 1650-1800 аҳолии Африка аз 100 то ба 89 миллион кам гардид.

Ҳамчун ғулом аз Африка ба Америка бурдани аҳолии маҳаллӣ низ ба шумораи он таъсири манфӣ расонид. Таи солҳои 1680-1786 аз Африка ба Америкаи Шимолӣ зиёда аз 2 миллион сиёҳпӯстонро ба сифати ғулом бурданд. Аз ин ҳисоб дар Ангола, Мозамбик ва Судони Ғарбӣ аҳолӣ хело кам шуд.

Дар асри XIX вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии қитъаи Африка каме беҳтар гардид, зеро як қатор давлатҳои он аз мустамлака озод гардиданд. Минбаъд дар нимаи дувуми асри XX барои аз мустамлика озод шудани давлатҳои қитъаи Африка, Осиё, Европа ва Америка саҳми собиқ СССР ва ташкилотҳои байналмиллалие, ки ба ҳифзи манфиат ва ҳуқуқҳои инсон машғуланд назаррас аст. Соли 1960

қисми зиёди давлатҳои Африка аз зери мустамликадорӣ озод гардиданд. Минбаъд соли 1960-ро озодшавии Африка номиданд. Минбаъд кам шудани дараҷаи фавт ва боло рафтани дараҷаи таваллуд ба афзоиши баланди аҳолии Африка мусоидат намуд. Агар соли 1900 аҳолии қитъаи Африка 130 миллион нафарро ташкил дода бошад пас ин нишондиҳанда дар соли 2010 ба 890 млн нафар расид, ки ин 13,8% аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Аз соли 1900 то 2010 аҳолии қитъаи Африка бештар аз 6,8 маротиба афзуд.

4. Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии ҷойгиршавии аҳолӣ дар қитъаи Америка.

Мувофиқи маълумотҳои таърихӣ то давраи кашф гардидани қитъаи Америка аз тарафи Христофор Колумб дар ин минтақа ҳамагӣ 25 миллион нафар аҳолӣ истиқомат мекарданд, ки қисми асосии онҳо дар давлати атсекҳо(Мексикаи Марказӣ) ва империяи инкҳо (Перу) маскун шуда буданд. Аҳолии маҳалии қитъаи Америка ҳиндуҳо ба шумор рафта, онҳо ба қабилаҳои хурд ҷудо шуда буданд. Дар ҳудуди ИМА-и ҳозира зиёда аз 1 миллион ҳиндуҳо истиқомат мекарданд.

Дар натиҷаи ҷангҳои европоиҳо бо аҳолии маҳаллии Америка, миллионҳо ҳиндуҳо нобуд гардиданд. Танҳо дар ҷазираҳои ҳавзаи баҳри Кариб зиёда аз 1 миллион ҳиндуҳо зиндагӣ мекарданд. Махсусан дар асри XVI шумораи аҳолии маҳаллӣ хеле кам шуд. Мувофиқи манбаҳои оморӣ аввалҳои асри XIX дар ИМА 200 ҳазор ва дар Мексика 1,5 млн ҳинду боқи монда буду халос. Ғайр аз ҷангҳо инчунин шароити вазнини иқтисодиву иҷтимоӣ ва эпидемияҳо боиси фавти мардуми маҳалли гардид.

Қитъаи Америка низ яке аз қитъаҳои зичии аҳолиаш кам ба ҳисоб меравад. Дар инҷо зичии аҳолӣ дар 1км$^2$ солҳои 1970-2010 аз 12 ба 24 нафар расид. Аз ҷиҳати зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км$^2$ қитъаи Америка ва Африка қариб баробар мебошанд. Дар Америкаи Шимолӣ нисбат ба Америкаи Ҷанубӣ аҳоли камтар ҷойгир шуда аст. Дар шататҳои Род-Айленд, Нью-Жерси ва Пенсилванияи ИМА (соҳилҳои укёнусии қисми укёнуси Атлантика) зичии аҳолӣ хело зиёд аст. Ҳангоми ба қисми ғарбӣ ҳаракат намудан зичии аҳолӣ кам гардида, пас аз водии Миссисипӣ кӯхсор оғоз мегардад, ки дар инҷо зичии

миёнаи аҳолӣ дар 1 км² 1 нафарро ташкил медиҳад. Дар соҳилҳои уқёнуси Ором махсусан дар штати Калифорния зичии аҳолӣ боз баланд мегардад. Дар Канада низ зиччии аҳоли кам буда дар 1 км² 3 нафарро ташкил медиҳад. Қисми зиёди ҳудуди Канадаро минтақаи тайга ва тундра ишғол мекунад. Дар қисми шимолии Канада, дар ҷазираҳои арктикӣ, ва штати Аляскаи ИМА зичии аҳолӣ хеле кам буда, дар баъзе минтақҳо аҳолӣ ба куллӣ истиқомат намекунанд.

Дар минтақаи Америкаи Ҷанубӣ низ қисми зиёди аҳолӣ ҳарчи ба манбаҳои об наздик, яъне дар соҳилҳои уқёнус ҷойгир шудаанд. Дар штати Сан-Пауло-и Бразилия, қисми шарқии Бразилия ва пастхамии Парана зичии аҳоли нисбатан зиёд буда, дар 1 км² 50-55 нафарро ташкил медиҳад. Дар соҳилҳои баҳри Қариб ва ҷазираҳои Бермуд зиччии аҳоли дар 1 км² ба 300-400 нафар мерасад. Дар ҷангалзорҳо, ботлоқзорҳо, биёбони Атакама ва кӯҳҳои баланди қисми тропикии водии Амазонка аҳоли тамоман истиқомат намекунад.

Аҳолии қитъаи Америка то асри XIX танҳо аз ҳисоби муҳоҷирони аз Европа омада ва сиёҳпӯстони ғуломи аз Африка овардашуда оҳиста-оҳиста меафзуд. Дар ҳамон давра дар қитъаи Америка ҳамаги 25 миллион аҳолӣ зиндаги мекард, ки аз онҳо 18 миллионашон дар Америкаи Лотинӣ ва 5,3 миллионашон дар ИМА истиқомат мекарданд.

Дар асри XIX шумораи муҳоҷирон аз Европа ба Америка бо суръат меафзояд, ҳиссаи зиёди онҳо ба ИМА рост меомад. Дар нимаи дуюми асри XIX (солҳои 1821-1900) муҳоҷирони ба ИМА омада 20 миллион нафарро ташкил медод. Аҳолии ИМА аз ҳисоби муҳоҷирон ба суръати баланд афзуда, дар соли 1900 ба 76 миллион расид, ки аз он 10 миллионашро сиёҳпӯстон ташкил медод.

Асри XIX ба Канада низ ҷараёни муҳоҷират афзуд. Агар дар аввали асри XIX дар Канада ҳамаги 310 ҳазор аҳолӣ истиқомат карда бошад пас ин нишондиҳанда соли 1851 ба 1,8 млн ва соли 1900 ба 5,8 миллион нафар расид. Дар аввали асри XIX қисми зиёди аҳолии Канадаро французҳо ташкил мекарданд ва дар нимаи дуюми асри XIX бошад баъди пурра аз худ карда шудани ҳудуди ИМА самти ҷараёни муҳоҷират (махсусан англисҳо) ба Канада хело зиёд шуд.

Аҳолии Америкаи Лотинӣ бошад дар асри XIX нисбат ба аҳолии Канада ва ИМА камтар меафзуд. Аҳолии Амрикаи Шимолӣ дар ин давра аз ҳисоби афзоиши механикӣ вале аҳолии Америкаи Ҷанубӣ бошад аз ҳисоби афзоиши табиӣ меафазуд. Дар ин давра ба Америкаи Лотинӣ омадани муҳоҷирон нисбат ба Америкаи Шимолӣ камтар буд. Қисми зиёди онҳо асосан ба Аргентина, Бразилия ва Уругвай меомаданд. Соли 1900 агар дар Америкаи Лотинӣ 62-66 миллион аҳолӣ истиқомат мекарда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2000 ба 145 миллион нафар расид. Дар давраи солҳои 1900-2000 аҳолии Америкаи Лотинӣ 2,2 маротиба афзуд. Агар соли 1000 ба ҳиссаи қитъаи Америка 4,6% аҳолии ҷаҳон рост омада бошад пас ин нишондиҳанда соли 2010 ба 13,9% расид.

5. Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии ҷойгиршавии аҳолӣ дар Австралия ва Океания.

Аз ҷиҳати шумора ва зичии аҳолӣ дар байни қитъаҳои олам (ғайр аз Антарктида) дар ҷои охирон меистад. Солҳои 1970-2010 зичии аҳолӣ дар 1км² аз як нафар ба 3,8 кас расид. Лекин дар дохили материк аҳолӣ нобаробар ҷойгир буда, дар ҷазираҳо зичии аҳолӣ нисбатан баланд мебошад. Масалан, дар ҷазираи Гуам зичии аҳолӣ дар 1км² 200 нафар бошад, вале дар Самоаи Ғарбӣ аз 50 нафар зиёд мебошад. Дар қисми Шарқӣ, Ҷанубу Шарқӣ ва Ҷанубу Ғарбии Австралия (штатҳои Уэлси Нави Ҷанубӣ, Виктория ва Квинсленд) зичии аҳолӣ нисбатан баланд мебошад. Дар ин минтақаҳо зиёда аз 80% аҳолии Австралия истиқомат мекунад. Дар қисмати биёбонии Австралияи Марказӣ ва Шимолӣ бошад аҳолии маҳаллӣ «аборигенҳо» истиқомат мекунанд. Шумораи «аборигенҳо» хеле кам мебошад аз ин лиҳоз зичии аҳолӣ низ дар ин минтақа хеле кам аст. Дар қисми ҷанубии Гвинеяи Нав низ зичии аҳолӣ кам мебошад. Зеро дар ин минтақа шароитҳои табиӣ барои зиндагӣ намудани аҳолӣ номусоид буда, қисми зиёди минтақа аз ботлоқзор ва ҷангалзорҳо ташкил ёфтаанд.

Дар географияи ҷойгиршавии аҳолии кураи Замин шароитҳои табиӣ, хусусиятҳои таърихии ташакулёбӣ ҳудудҳои истиқоматӣ, вазъи демографӣ, дараҷаи рушд ва таркиби хоҷагӣ ва омилҳои дигари иқтисодиву иҷтимоӣ сабаб шудаанд. Қисми зиёди аҳолии кураи замин дар

минтақаҳои шароитҳои мусоиди табиӣ барои зистан ва рушди кишоварзӣ доштаи минтақаҳои тропикӣ ва субтропикӣ маскун шудаанд. Дар соли 1788 дар қитъаи Австралия ҳамагӣ 200-300 ҳазор аҳолии маҳаллӣ «аборигенҳо» ва дар Океания 3 миллион аҳолӣ истиқомат мекарданд.

Дар зиёдшавии аҳолии Австралия ва Океания низ ба монанди қитъаи Америка муҳоҷирати европоӣ таъсири калон расонидаанд. Баъд аз омадани европоиҳо дар ин минтақа эпидемияҳои гуногун паҳн гардид, ки дар натиҷаи он қисми зиёди аҳолии маҳаллӣ нобуд гардид. Дар охири асри XIX дар ин минтақа ҳамаги 100 ҳазор аҳолии маҳаллӣ (аборигенҳо) боқи мемонаду халос. Аҳолии Зеландияи Нав низ дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX аз 250 ҳазор нафар ба 37,5 ҳазор нафар, гавайиҳо бошад аз 300 ҳазор ба 31 ҳазор нафар кам гардид.

Охири асри XIX аҳолии Австралия ва Океания аз ҳисоби милатҳои омехта ва европоиҳо каме меафзояд. Сабаби аз ҳисоби европоиҳо зиёд шудани аҳолии Австралия ва Зеландияи Нав ин кашф гардидани як қатор конҳои канданиҳои фоиданок мебошад. Аҳолие, ки дар Европа корҳояшон на он қадар хуб рушд меёфт бо мақсади беҳтар намудани зиндагӣ ба Австралия ва Зеландияи Нав меомаданд. Солҳои 1800-1850 зиёда аз 405 ҳазор муҳоҷирон аз Европа ба ин минтақа омада буданд. Дар натиҷа ҳиссаи аҳолии Австралия ва Океания 2 баробар афзуд. Агар соли 1900 аҳолии Австралия ва Океания ҳамагӣ 6 миллионро ташкил медод пас ин нишондиҳанда соли 2000 ба 30 миллион ва ҳоло бошад зиёда аз 34 миллионро дар бар мегирад.

**Саволҳои назоратӣ**

1. *Сабаби ҷой доштани тафовути солҳо дар нишондиҳандаҳои зиёдшавии аҳолии ҷаҳон чист?*
2. *Омилҳое, ки ба зиёдшавии аҳолии қитъаҳои кураи Замин таъсир расонид кадомҳоянд?*
3. *Сабаби нобаробар будани зичии миёнаи аҳолӣ дар қитъаҳои кураи Замин дар чист?*
4. *Сабаби кам будани дараҷаи афзоиши табиии аҳолӣ дар қитъаҳои кураи Замин дар чист?*

## ГЕОГРАФИЯИ МУҲОҶИРАТИ АҲОЛИИ ҶАҲОН

1. *Тавсифи умумии муҳоҷират.*
2. *География ва таърихи муҳоҷирати байналмилалӣ.*
3. *Муҳоҷирати байналмилалии қувваи корӣ*

1.Тавсифи умумии муҳоҷират. Мигратсия аз калимаи лотинии «migratio» гирифта шуда, маънояш муҳоҷират мебошад. Ба таври дигар аз якҷо ба ҷои дигар ҷой иваз намудани аҳолиро муҳоҷират меноманд. Муҳоҷирати аҳолӣ ғайр аз шумора ва бозтавлиди аҳолӣ, инчунин ба ҷараёнҳои демографӣ ва тараққиёти этникиву фарҳангии аҳолӣ низ таъсири зиёд мерасонад. Аз ин лиҳоз дар гузашта муҳоҷирати халқиятҳои кураи Замин ба ташакулёбии таркиби аҳолии минтақа ва давлатҳо таъсири назаррас дорад. Таъсири муҳоҷирати аҳолӣ ба ҷараёнҳои демографӣ боиси бо тариқи механикӣ кам ё зиёдшавии аҳолӣ мегардад. Фарқияти байни аз ҳудуди муайян кӯчида рафтагон ва кӯчидаомадагонро салдои муҳоҷират меноманд. Ҳиссаи кӯчидаомадагон нисбат баҳиссаи кӯчидарафтагон баланд бошад салдои муҳоҷиратро мусбӣ ва агар баракс бошад салдои муҳоҷират манфӣ мешавад. Ба мамлакат кӯчида омадагонро иммигрантҳо аз мамлакат берун кӯчандагонро эммигрантҳо ва ба мамлакати хеш кӯчида омадани нафарони кӯчидарафтаро реэмигрантҳо меноманд.

Дар тавсиф намудани муҳоҷирати аҳолӣ бояд омилҳои гуногун ба инобат гирифта шавад. Ба ин омилҳо миқёси муҳоҷират, вақти муҳоҷират, шаклҳои муҳоҷират ва сабабҳои муҳоҷират дохил мешавад.

Вобаста ба миқёс, гузариши сарҳад муҳоҷират ба ду навъ: дохили ва беруна ҷудо мешавад. Берун аз сарзамини хеш ё ин ки ба таври васеъ аз як қитъа ба қитъаи дигар ҷой иваз намудани аҳолиро муҳоҷирати беруна меноманд. Дар дохили як давлат ё ин, ки бо таври васеъ дар дохили як қитъа ҷой иваз намудани аҳолиро муҳоҷирати дохилӣ меноманд.

Вобаста ба вақт муҳоҷиратро ба доимӣ, муваққатӣ ва мокувор ҷудо мекунанд. Муҳоҷирати муваққатӣ ин дар як вақти муайян аз як ҷо ба ҷои дигар ҷой иваз намудани аҳолӣ мебошад. Муҳоҷирати доимӣ ба ҷойивазкунии ҷои истиқоматии доимӣ алоқаманд мебошад. Бо мақсади кор,

таҳсил ва ғайра ҳаммарӯза ҷой иваз намудани аҳолиро муҳоҷирати мокувор меноманд. Инчунин вобаста ба дараҷаи ташкил намудан муҳоҷират ба ду навъ: муҳоҷирати муташаккил ва ғайримуташакил ҷудо мешавад.

Муҳоҷирати муташаккил ин бо мақсади оқилона ҷойгир намудани қувваи меҳнатӣ ва дар асоси нақшаи муайян ба роҳ мондани муҳоҷирати аҳолӣ мебошад. Дар муҳоҷирати муташаккил ба аҳолӣ аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ имтиёзҳои муайян дода мешавад. Муҳоҷирати муташаккил бояд дар амалиёти худ чунин корҳоро ба анҷом расонанд:

- вобаста ба соҳаҳои кишоварзӣ дар ҳолати норасогии мутахасис ва кормандон аз якҷо ба ҷои дигар кӯчонидани аҳолӣ;
- ба кор қабул намудани аҳолии қобили меҳнате, ки дар ҷои зисти доимии худ ҷои кор вуҷуд надорад;
- ба кор равон намудани мутахасисоне, ки донишгоҳҳоро хатм намудаанд ва ғайраҳо.

Муҳоҷирати ғайримуташаккил ё инки муҳоҷирати шахсӣ бисёртар бо сабабҳои иқтисодӣ(барои дарёфти музди меҳнати баланд), иҷтимоӣ ва демографӣ (ба шавҳар баромадан ва ғайра..) ба вуҷуд меояд.

Огози муҳоҷирати аҳолӣ аз давраҳои кашфиётҳои бузурги географӣ дар микёси хеле васеъ амалӣ шуда истодааст.

Сабабҳои асосии муҳоҷират асосан ба равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, диннӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва табиӣ алоқаманд мебошанд.

Муҳоҷирони байналмилалӣ ба 5 қисм ҷудо карда мешаванд:

1. Иммигрант ва ғайриимигрантҳои ба мамлакат ошкоро воридшуда.

2. Муҳоҷир мардикороне, ки вобаста ба шартнома кор мекунанд. Охирҳои соли 1990 шумораи чунин нафарон зиёда аз 25 миллион нафар буд. Қисме аз мамлакатҳо ба коргарони хориҷӣ ниёз доранд. Дар ин ҳолат бо давлатҳои дорои захираи меҳнатии зиёд дошта шартнома ба имзо мерасонанд.

3. Иммигрантҳои пинҳонӣ ё инки ғайриқонуни воридшуда. Дар соли 1990 шумораи чунин нафарон аз 30 миллион нафар зиёд буд. Қариб, ки дар ҳамаи давлатҳое, ки саноати вазнин рушд ёфтааст иммиғрантҳои пинҳони воридшуда

мавҷуд аст. Як қисми чунин нафарон барои дар нисфи маблағи ҳаққи хизмат фаолият намудан низ розӣ мешаванд.

4. Шахсоне, ки бошишгоҳ мепурсанд. Чунин нафарон то соли 1980 дар ҷаҳон хеле кам буданд, охирҳои соли 1990 бошад шумораи онҳо ба 1 миллион нафар расид. Чунин шахсон бо сабабҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бештар бошишгоҳ мепурсанд.

**Таснифоти муҳоҷирати аҳолӣ:**




5. Гурезаҳо. Мувофиқи маълумотҳои СММ охирҳои соли 1990 дар ҷаҳон шумораи гурезаҳо зиёда аз 23 миллион-ро ташкил медод. Қисми зиёди гурезаҳо дар замони муосир дар лагерҳои махсус истиқомат мекунанд.

2.География ва таърихи муҳоҷирати байналмиллалӣ. Инкишоф ёфтани ҷараёнҳои демографӣ дар асрҳои XVIII-XIX боиси рушд гардидани алоқаҳои тиҷоратӣ, пайдо шудани киштиҳо дар бандаргоҳҳо ва ташаккулёбии минтақаҳои иқтисодӣ гардид. Дар ин давра аз ҷиҳати шумораи эмигрантҳо давлатҳои Европа пешсаф буд. Дар байни

давлатҳои Европа аз ҷиҳати шумораи эмигрантҳо ҷои аввалро Англия ишғол мекард. Солҳои 1815-1900 шумораи эмигрантҳои Англия ба 13 миллион мерасид, ки аз онҳо 65% ба ИМА, 15% ба Канада, 9% ба Австралия, 5% ба Америкаи Ҷанубӣ ва боқимонда ба минтақаҳои дигар рост меомад. Дар ҷои дуюм Германия меистод, ки шумораи эмигрантҳои он аз соли 1841 то соли 1900 ба 4853 ҳазор нафар мерасид. Дар ин давра эмигрантҳои Италия ба муҳоҷирати мавсимӣ рӯ оварда буданд. Эмигрантҳои Италия фасли баҳор барвақт ба Австрия, давлатҳои нимҷазираи Балкан, Швейцария ва Франсия бо мақсади азхудкунии заминҳои бекорхобида рафта, охири фасли тирамоҳ ба Италия бар мегаштанд.

Самти муҳоҷирати доимии аҳолӣ дар ин давра бисёртар ба давлатҳои Аргентина, Бразилия ва ИМА равона карда шуда буд. Эмигрантҳои Италиявӣ вобаста ба тақсимоти қитъавӣ 80% ба Америка, 19% ба Африка, 0,5% ба Осиё ва 0,5% ба Австралия рост меомад. Эмигратсияи европоиҳо ба Америкаи Шимолӣ аз соли 1900 то соли 1939 идома ёфт, ки дар ин давра 305 000 эмигрант аз Шветсия, 360 000 аз Норвегия ва 206 000 аз Дания ҳиҷрат карданд. Дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҷараёни migratsия дар ҳудуди Европа ниҳоят бенизом буд. Аҳолӣ бештар ба ҳудудҳои бехавф мекӯчиданд. Бо сабаби амалиётҳои ҷангӣ муҳоҷират бештар хусусияти муваққатиро дошт. Минбаъд дар асри XX ҷараёнҳои демографӣ мураккаб гардид. Новобаста аз оне, ки инсоният ҳазорҳо ҷангҳои хурд ва ду ҷанги бузурги ҷаҳониро аз сар гузаронид дар ин муддат аҳолии ҷаҳон то соли 1950 яъне дар давоми 50 сол ба 440 миллион нафар афзуд. Солҳои 1950-1980 яъне дар давоми 30 сол аҳолии кураи Замин 2,1 маротиба афзуд. Соли 1997 бошад аҳолии ҷаҳон ба 5840 миллион ва соли 2011 ба 7 миллиард нафар расид (Ҷадвали №1).

Дар бозтавлиди аҳолии минтақа ва қитъаҳои алоҳида омилҳои экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъсири назаррас доранд. Дар ин давра нодуруст азхудкунии Замин, сарватҳои табиӣ ва дигар омилҳо проблемаҳои глобалиро пеш овард, ки боиси дар давлатҳои мутараққӣ авҷ гирифтани депопулятсия яъне «бӯҳрони демографӣ» гардида бошад дар аксари давлатҳои рӯ ба тараққӣ «таркиши демографӣ»-ро ба амал овард. Мувофиқи пешгӯиҳои СММ

соли 2025 аҳолии Хитой ба 1569,6 миллион нафар ва аҳолии Ҳиндустон ба 1384,6 миллион нафар мерасад. Дар нимаи дуюми асри XX дар натиҷаи таъсири як қатор омилҳои географӣ ба нишондодҳои муҳоҷирати берунаи аҳолии ҷаҳон низ дигаргуниҳои куллӣ пеш омад. Ин масъала бештар баъди ҷанги дуюми ҷаҳон зиёд гардидани талабот ба захираҳои меҳнатӣ алоқаманд аст.

*Ҷадвали №1*

**Зиёдшавии аҳолии кураи замин дар асри XX**
**(млн нафар)**

| Солҳо | 1900 | 1950 | 1980 | 1990 | 1997 |
|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми ҷаҳон | 1660 | 2100 | 4431 | 5231 | 5840 |
| Европаи Хориҷӣ | 290 | 392 | 483 | 499 | 582 |
| Осиёи Хориҷӣ | 965 | 1392 | 1577 | 3057 | 3552 |
| Африка | 126 | 220 | 470 | 685 | 743 |
| Америкаи Шимолӣ | 90 | 166 | 247 | 273 | 298 |
| Америкаи Лотинӣ | 67 | 164 | 363 | 459 | 453 |
| Австралия ва Океания | 8 | 13 | 22 | 26 | 29 |
| ИДМ | 120 | 180 | 264,5 | 281* | 263 |

**Якҷоя бо давлатҳои назди Балтика. Манбаъ: Максаковский В.П. Географическая картина мира ч. 1 - Ярославль; Верхневолжское издательство, 1996; Симагин Ю.А. Территориальная организация населения. М, 2004**

Дар давлатҳои қафомондае, ки саноат дар онҳо тараққӣ наёфта буд, шумораи бекорон афзуд. Зиёду кам гардидани қувваи корӣ дар минтақаҳо ба ҷараёни муҳоҷират таъсири худро расонид. Масалан, солҳои 1946-1957 аз Европа 5900 ҳазор нафар ба давлатҳои аз ҷиҳати саноат ва кишоварзӣ рушдёфта кӯчиданд, ки аз онҳо 3200 ҳазор нафар ба Америкаи Шимолӣ (ИМА ва Канада), 1200 ҳазор нафар ба Америкаи Лотинӣ, 300 ҳазор нафар ба Африка ва 1 миллион нафар ба Австралия ва Океания кӯчиданд (Ҷадвали №2).

*Ҷадвали №2*

**Натиҷаи муҳоҷирати байналмиллалии аҳолӣ дар қитъаҳои кураи замин**
*(ҳазор нафар)*

| Қитъаҳо | Солҳои 1946-1957 | Солҳои 1960-1962 |
|---|---|---|
| Европа | -5900 | +400-500 |
| Америкаи Шимолӣ | +3200 | +750-800 |
| Америкаи Лотинӣ | +1200 | -250-350 |
| Африка | +300 | -900-1000 |
| Осиё | +200 | -50-150 |
| Австралия ва Океания | +1000 | +250 |

**Манбаъ: Слука А.Е., Слука Н.А. География населения с основами демографии. Учебно-методическое пособие. –М.: Изд. МГУ. 2000.**

Дар солҳои баъдиҷанги вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлатҳои ҷаҳон каме беҳтар гардид. Масалан, дар давоми солҳои 1960-1962 муҳоҷирати аҳоли дар Европа каме авҷ гирифта ба нишондиҳандаҳои мусбӣ ноил гардид. Дар давлатҳои Африка, Осиё ва Америкаи Лотинӣ бошад баракс салдои муҳоҷират ба нишондиҳандахои манфӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар ИМА ва Австралия бошад нишондиҳандахои муҳоҷирати аҳоли дар шакли барқароршавӣ рушд ёфт (Ҷадвали №3).

Соли 1960 дар тамоми Европаи Ғарбӣ шумораи муҳоҷирони хориҷӣ (аз дигар минтақаҳои ҷаҳон) 5 миллион нафарро ташкил медод. Аз ин миқдор 2 миллионашон дар Франсия, 2 миллион дар Германия ва Англия 700 ҳазор дар Шветсария фаъолият мекарданд.

Дар ин давра давлати Франсия, Германия, ИМА, Англия, Австралия ва Шветсария ва ба давлати иммигратсия, Алҷазоир, Италия, Испания, Юнон, Мексика ва Португалия бошад ба эмигратсия табдил ёфтанд. Дар ин давра барои дар саноати вазнин фаъолият намудан танҳо мардҳо лозим буданд. Масалан, соли 1964 ҳиссаи кормандони хориҷӣ, ки ҳамагӣ мардон буданд дар саноати ангишти Белгия 40%-ро ташкил медод.

***Ҷадвали №3***

**Салдои муҳоҷирати берунаи аҳолӣ**

***(ҳазор нафар)***

| Салдои муҳоҷирати берунаи аҳолӣ дар солҳои 1960-1962 *(ҳазор нафар)* | | | |
|---|---|---|---|
| **Давлатҳои иммигратсия** | | **Давлатлатҳои эмигратсия** | |
| **Номи давлат** | **Нишондод** | **Номи давлат** | **Нишондод** |
| Франция | +1180 | Алҷазоир | -900 |
| Германия | +1080 | Италия | -515 |
| ИМА | +820 | Испания | -500 |
| Англия | +300 | Гретсия | -190 |
| Австралия | +200 | Мексика | -130 |
| Шветсария | +180 | Португалия | -100 |

**Манбаъ: Слука А.Е., Слука Н.А. География населения с основами демографии. Учебно-методическое пособие. –М.: Изд. МГУ. 2000.**

Ҷараёни муҳоҷират дар ин давра ба тамоми соҳаҳои иктисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири худро расонид (Ҷадвали №4). Айни замон муҳоҷирати аҳолӣ ба манбаи таткикотии

илмҳои демография, географияи аҳолӣ, иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ, иҷтимоиёт, омор ва этнография табдил гардидааст. Агар камее ба қафо назар кунем, пас дидан душвор нест, ки ба муҳоҷирати аҳолӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Масалан, кашф намудани қитъаи Америка, омӯзиши канданиҳои фоиданоки Африка боиси тезу тунд шудани ҷараёнҳои муҳоҷират дар қитъаҳои Америка, Африка ва Европа гардид.

Салдои муҳоҷирати солонаи аҳолӣ дар соли 1990 қариб ба 1 миллион расид, яъне дар давлатҳои муҳоҷиронро қабулкунанда шумораи омадагон нисбат ба шумораи рафтагон 1 миллион зиёд буд. Ба ақидаи олимони соҳа беҳшавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар оянда боиси кам шудани салдои муҳоҷират хоҳад гашт.

***Ҷадвали №4***

**Ҷараёнҳои муҳоҷират**

| | 2004 | | | 2005 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи омадагон | Шумораи рафтагон | Шумораи омадагон | Шумораи рафтагон | Афзоиши миграционӣ (+), камшавӣ(-) | Афзоиши миграционӣ (+), камшавӣ(-) |
| Миграция | 147398 | 243490 | -96092 | 144778 | 246386 | -101608 |
| Дохилӣ, ҳудудӣ | 140669 | 148009 | -7340 | 137599 | 141395 | -3796 |
| Миграцияи ҷаҳонӣ | 6729 | 95481 | -78752 | 7179 | 104991 | -97812 |
| Бо иштироки давлатҳои ИДМ ва Балтика | 6597 | 92690 | -86093 | 6989 | 102990 | -96001 |
| Бе иштироки давлатҳои ИДМ ва Балтика | 132 | 2791 | -2659 | 190 | 2001 | -1811 |

**Манба: Слука А.Е., Слука Н.А. География населения с основами демографии. Учебно-методическое пособие. –М.: Изд. МГУ. 2000.**

Эмиграция ба иқтисодиёти давлатҳои дорои захираи зиёди меҳнатӣ дошта таъсири калон мерасонад, зеро ба берун баромадани қувваи корӣ шумораи бекоронро кам меку-

над. Масалан, соли 1970 ҳукумати Миср бо мақсади кам кардани бекорон дастури махсусро қабул намуд. Дар он масъалаи кам кардани бекорон аз ҳисоби муҳоҷирати онҳо ба давлатҳои нимҷазираи Арабистон пешбини шуда буд. Дар Пуэрто-Рико аз сабаби кам будани маоши ҳадди ақал ба ИМА рафтани аз се як ҳиссаи аҳоли пешбинӣ шуда буд.

«Талафоти ақлонӣ» дар қисми зиёди давлатҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла барои давлатҳои Африка (Малави, Судан, Заир, Замбия) яке аз муаммоҳои ҷидди ба ҳисоб меравад. Беҳтар шудани вазъияти иқтисодӣ дар ҳар сурат боиси барҳам хӯрдани «талафоти ақлонӣ» мегардад. Масалан, олимони ҳиндустоние, ки солҳои тӯлони дар коорпаратсияҳои ИМА ва давлатҳои Аврупо фаъолият мекарданд, баъди каме беҳтар шудани шароити иқтисодии Ҳиндустон ҳамоно барои ҷори намудани дастурҳои компютерӣ дар саноати ватанӣ асос гузоштанд.

Самаранокии иммигратсия дар бисёр мавридҳо манфӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Ин ба он хотир, ки коргарони хориҷӣ ба мамлакат ворид шуда, ҷойҳои кориро банд мекунанд ва дар натиҷа дар байни аҳолии маҳаллӣ бекори авҷ мегирад. Иммигратсия тарафҳои мусбӣ низ дорад зеро онҳо бо худ таҷриба, дониш ва таълимро меоранд. Яке аз давлатҳои мутараққии ҷаҳон ИМА ва Канада инчунин Австралия дар натиҷаи иммигратсия ба муваффақиятҳои калон дар соҳаҳои мухталиф ноил гардиданд.

Дар бисёр маврид муҳоҷирон барои равнақи як соҳаи ба онҳо наздик имкон медиҳанд. Масалан, мутахасисони хитоӣ дар рушди соҳаи саноати сабуки Индонезия ва Малайзия, ҳиндую ливаниҳо дар рушди соҳаи савдо дар Африка асос гузоштаанд. Ғайр аз ин онҳо омода ҳастанд, ки дар корҳои вазнине, ки аҳолии маҳаллӣ аз он даст кашидаанд фаъолият кунанд. Мухоҷирони меҳнатие, ки аз Туркия ва Африкаи Шимолӣ ба Европа меоянд 60-80% онҳо дар давлатҳои Германия ва Франсияро ҷой мегиранд. Мухоҷирони меҳнатии индонезиягӣ дар Малайзия, Боливиягӣ дар Аргентина омода ҳастанд, ки дар корҳои вазнинтарин кор кунанд. Айнан дар Руссия ҳам муҳоҷирони ӯзбек, туркман, тоҷик ва қирғиз чунин корҳоро ба ҷо меоранд. Инчунин баъзе аз соҳаҳое, ки дар баланд бардоштани

иқтисодиёти кишвар мавқеи хосса доранд, агар муҳоҷирони меҳнатӣ набошанд ба ҳолати вазнин рӯ ба рӯ мешаванд. Саноати маъдани кӯҳии Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ, плантатсияи кишоварзии Малайзия ва Испания, саноати резинбарорӣ ва каучуки Малайзия дар чунин ҳолат қарор доранд. Тарафҳои манфии ин муҳоҷирон дар он аст, ки омадани онҳо боиси кам шудани ҳадди аққали маоши кормандони бе ихтисос дар ин давлатҳо мегардад.

Қисми асосии муҳоҷирони меҳнатӣ ба давлатҳое мераванд, ки ҳади ақали маош ва даромаднокии он нисбат ба давлатҳои худашон зиёд бошад. Аз солҳои баъдиҷанги дуюми ҷаҳонӣ то ҳол самти ҳаракати муҳоҷират дар ҷаҳон айнан бо чунин тамоил амал мекунад.

Бо сабаби ба дараҷаи баланд рушд ёфтани иқтисодиёти давлатҳои ИМА, Канада, Австралия ва давлатҳои Европаи Ғарбӣ ҳиссаи зиёди муҳоҷирони баландихтисос ба ҳамин давлатҳо меоянд. Вале қувваи кории бе ихтисос ба ИМА бештар аз давлатҳои ҳамсояи Америкаи Лотинӣ меоянд. Хизматчиёни баландихтисос бошад қариб ки аз ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ба ИМА меоянд, ки қисми зиёди онҳо ба давлатҳои Европаи Ғарбӣ, Россия, Ҳиндустон рост меояд. Таи солҳои 1990 шумораи муҳоҷирон дар ИМА ва Канада 900 ҳазор нафарро ташкил медод. Ба ИМА бо таври расмӣ ҳар сол 740 ҳазор муҳоҷир ворид шуда, шумораи аҳолии маҳалие, ки аз давлат берун мешаванд 160 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Салдои иммигратсияи дар ИМА ба 580 ҳазор нафар баробар аст.

Давлатҳои мутараққии Европаи Ғарбӣ сараввал қувваи кориро аз давлатҳои ҳамсоя ва баъдан аз Африкаи Шимолӣ, давлатҳои Шарқи Наздик, ҷанубии Сахара ва Европаи Шарқӣ ҷалб мекунанд. Яке аз омилҳои асосии бе душворӣ ҷалб намудани муҳоҷирони меҳнатӣ аз Африка ба Европаи Ғарбӣ ин:

- паст будани дараҷаи иқтисодиёти давлатҳои Африка;
- зиёд будани аҳолии қобили меҳнат дар давлатҳои Африка;
- солҳои тӯлони мустамликаи давлатҳои Европа будани як қатор давлатҳои Африка;
- донистани забони англисӣ ва ғайра..

Соли 1990 шумораи солонаи муҳоҷироне, ки аз давлатҳои Африка ба Европаи Ғарбӣ мерафтанд 180 миллион нафарро ташкил медод. Соли 1990 дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ низ ҳолати омадани муҳоҷирони меҳнатӣ авҷ гирифт. Одатан самти муҳоҷирати меҳнатӣ бештар ба давлатҳои дар роҳи ислоҳоти иқтисодӣ қарордошта равона карда шуда аст. Масалан, муҳоҷирони муваққатии меҳнатии Америкаи Лотинӣ бештар ба Мексика ва Аргентина мераванд. Дар Африка бошад қариб 50% муҳоҷирони меҳнатӣ дар минтақаҳои қисми ҷанубии Сахара, Соҳилҳои Устухони Фил, Нигерия ва Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ бо кор банд мебошанд. Аз сабаби нооромиҳои минтақаи халиҷи Форс қариб 1 миллион мисриҳо аз Ироқ, 100 ҳазор яманиҳо аз Арабистони Саудӣ, 500 ҳазор фаластиниҳо ва урдуниҳо аз Қувайт баромада рафтанд, ки ҷои онҳоро муҳоҷирони меҳнатии ҳиндустонӣ ва мисрӣ ишғол намуданд.

Бо беҳтар шудани иқтисодиёти давлатҳои нави саноатии Осиёи Ҷанубу-Шарқӣ шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ низ дар ин минтақа зиёд гардид. Дар он давлатҳое, ки шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар онҳо дар як сол 25 ҳазорро ташкил медиҳад маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) ин давлатҳо ба сари аҳолӣ аз 6900 доллар зиёд мебошад. Манбаъи эмигратсия давлатҳои рӯ ба тараққи буда, дар байни онҳо Мексика ва давлатҳои Осиё пешсаф мебошанд. Мамлакатҳои тараққикарда маркази асосии қабули иммигратсия ва давлатҳои рӯ ба тараққӣ бошад маркази асосии омода намудани эмигрантҳо ба ҳисоб меравад.

Таърихи инсоният гувоҳи бисёр муҳоҷиратҳои дохилию хориҷӣ гардидааст. Одамон аз як минтақа ба минтақаи дигар бо мақсадҳои гуногун, аз ҷумла бо мақсади дарёфти ҷои кор ва беҳтар намудани шароити зиндагӣ мекӯчанд. Ҷараёни муҳоҷират дар дусад соли охир хеле авҷ гирифт.

Муҳоҷирати дар давоми ду асри охирон рух додаро метавон ба чор давра ҷудо намуд.

<u>Давраи якум</u> асри XIX ва аввали асри XX -ро (то соли 1914) дар бар мегирад. Дар ин давра ғайр аз Россия ба тамоми мамлакатҳои Европа аз як давлат ба давлати дигар одамон бемалол бе ягон иҷозатнома ва иваз намудани шиносномa ворид мешуданд. Танҳо дар 100 сол яъне дар асри XIX

муҳоҷирон 12% аҳолии Европаро ташкил доданд. Аз ин лиҳоз дар бораи маҳдуд намудани воридшавии онҳо қарорҳои махсус қабул карда шуд (махсусан барои муҳоҷирон аз қитъаи Осиё). Барои хитойиҳо то асри XIX воридшавӣ ба ИМА манъ карда шуда буд.

Давраи дуюм солҳои 1914-1945-ро дар бар мегирад. Дар ин давра қисми зиёди давлатҳои Европа барои манъ намудани воридшавии муҳоҷирони хориҷӣ қарорҳои махсус қабул намуданд. Зеро дар давраи ҷанги якуми ҷаҳон ва оғози ҷанги дуюми ҷаҳон миллионҳо нафар одамон бинобар таъқибҳои сиёсӣ Европаро тарк намуда, ба дигар минтақаҳо кӯч бастанд. Солҳои 1921-1924 дар ИМА ба шумораи муҳоҷирон квота эълон намуданд. Мувофиқи ин квота миқдори онҳо дар як сол бояд аз 162 ҳазор нафар зиёд набошад. Дар ин давра англисҳо ба мустамликаҳои хеш, европоиҳо бошанд ба Америкаи Лотинӣ ва Африка кӯчиданд. Соли 1922 дар Европа барои эмигрантҳо қонуни махсус қабул карда шуд. Мувофиқи ин қонун англисҳое, ки ба давлатҳои мустамликаи Англия мекӯчиданд ҳатман кӯмакҳои молиявию моддӣ дода мешуд. Дар замони ҳозира дар қисми зиёди давлатҳое, ки мустамликаи Англия буданд ва ё бо Англия ҳамкории зич доштанд шумораи англисҳо нисбат ба аҳолии маҳаллӣ зиёд мебошад. Масалан, дар Австралия 96%, дар Канада 45% ва дар Зеландияи Нав 75-80% аҳолиро англисҳо ташкил медиҳанд.

Давраи сеюм солҳои 1945-1975-ро дар бар мегирад. Дар ин давра ба муҳоҷирати аҳолӣ оқибатҳои ҷанги дуюми ҷаҳон ва бӯҳрони нефт таъсир мерасонад. Миллионҳо одамоне, ки аз тарафи немисҳо асир гирифта шуда буданд ва немисҳое, ки аз Германия рафта буданд ба ватани хеш баргаштанд. Чунин ҷараёни муҳоҷират соли 1946 дар қитъаи Осиё низ рух дод. Аз Манҷурияи Хитой ва Кореяи Ҷанубӣ зиёда аз 6 миллион япониҳо бароварда шуданд. Соли 1947 бошад Ҳиндустон ба ду қисм ҷудо шуда, Ҷумҳурии Покистон ташкил шуд. Бо ин муносибат 8 миллион ҳиндуҳо аз Покистон ба Ҳиндустон ва 6 миллион мусулмонҳо аз Ҳиндустон ба Покистон кӯчиданд.

Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон барои барқарор намудани иқтисодиёти мамлакат қувваи кории иловаги лозим буд. Аз

ин лиҳоз як қатор давлатҳои ҷаҳон қонунҳои махсусро барои ҷалби муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ қабул намуда, қонунҳои пештарае, ки воридшавии муҳоҷиронро душвор мекард бекор намуданд. Масалан, ИМА квотаи воридшавии муҳоҷиронро бекор намуда, қонуни наве қабул намуд, ки мувофиқи ин қонун муҳоҷират ба ин давлат озод буд. Баъди қабул шудани ин қонун дар тӯли 20 сол яъне аз соли 1946 то соли 1966 ба ИМА 4,3 миллион муҳоҷирон кӯчида омаданд, ки аз онҳо 2,9 миллион нафарашон аз европа буданд. Дар ҳамин давра (солҳои 1946-1966) шумораи иммигрантҳо дар Канада 1 миллион нафарро ташкил медод. Европаи Ғарбӣ солҳои 1948-1963 маркази асосии муҳоҷирон ба ҳисоб мерафт. Масалан, дар 30 сол, яъне аз соли 1950 то соли 1980 ба Европаи Ғарбӣ 10 миллион муҳоҷирон кӯчида омаданд.

Давраи чорум аз соли 1970 то замони ҳозираро дар бар мегирад. Дар ин давра барои муҳоҷироне, ки ба мамлакатҳои Европа ва собиқ Шӯравӣ ворид шудан мехостанд қонунҳои маҳдудсозанда қабул карда шуд. Давлатҳои аъзои Иттиҳоди Европа соли 1994 нисбат ба соли 1992 иҷозатномаи воридшавии муҳоҷиронро ду баробар кам намуд. Дар давлатҳои аз ҷиҳати рушти саноат пешсафи Осиё низ барои маҳдудсозии воридшавии муҳоҷирони бе ихтисос қонунҳои махсус қабул карда шуда аст.

Соли 1991 Иттиҳоди Шӯравӣ барҳам хӯрда ба ҷои он давлатҳои нави соҳибистиқлол барпо ёфтанд. Дар ин давлатҳо миллатҳои гуногун аз ҷумла зиёда аз 25 миллион русҳо (ғайр аз Россия) зиндаги мекарданд, ки то ҳол қисми зиёди онҳо ба Россия ва дигар давлатҳо кӯчида рафтанд.

Федератсияи Россия дар байни давлатҳои ИДМ маркази қабули муҳоҷирон ба ҳисоб меравад, ки сабаби асосии он:

1. Вазъияти номусоиди демографӣ. Соли 2003 дар Россия коэффисенти таваллуд 9‰, коэффисенти фавт 15‰, афзоиши табиии бошад -6,0‰-ро ташкил дод.
2. Россия майдони фаррохи васеъ дошта, дар он азхудкунии сарватҳои табиии хуб ба роҳ монда шуда аст.
3. Қисми зиёди аҳолии собиқ Шӯравӣ бо забони русӣ ҳарф зада метавонанд.
4. Дар тӯли 70 сол ҳамаи давлатҳои ба ном ИДМ дар ҳайъати СССР буданд.

Дар арсаи ҷаҳонӣ нисбати муҳоҷирати меҳнатӣ муносибат якхела нест. Масалан, дар Хитой ба муҳоҷироне, ки берун аз ҷумҳури ба кор мераванд аз тарафи давлат кӯмак карда мешавад, ва баъди бозгашт онҳо барои пешрафти илму фарҳанг ва баланд бардоштани иқтисодиёти Хитой ҳиссаи хешро мегузоранд. Ҳоло дар мамлакатҳои хориҷа зиёда аз 30 миллион хитоиҳо зиндагӣ мекунанд, ки онҳоро «Хуатсяо» меноманд. Дар айни замон хитоиҳое, ки ба ватани хеш бар гашта, ҳамчун дотсент ё профессор фаъолият мекунанд, онҳо 30% устодони донишкадаҳои олии Хитойро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр муҳоҷирати байналмиллалӣ ба тамоми самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва экологии давлатҳо таъсири назаррас дорад.

3. Муҳоҷирати байналмиллалии қувваи корӣ. Муҳоҷирати байналмиллаии қувваи корӣ, яъне аз як мамлакат ба мамлакати дигар бо мақсади дарёфти ҷои кор кӯчида гаштани аҳолии қобили меҳнат яке аз шаклҳои муҳими алоқаҳои иқтисодии беруна ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар замони муосир аз ҳар даҳ оила якеаш аз як ҷо ба ҷои дигар мекӯчад, ки аз 3/4 ҳиссааш ба муҳоҷирати меҳнатӣ рост меояд. Дар ҷаҳон шумораи умумии чунин қувваи кори ба 25 миллион нафар мерасад. Дараҷаи ҳозираи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва аҳамияти қувваи кориро тамоман дигаргун намуд. Бозори байналмиллалии меҳнат ин механизми ба тартиб дароварандаи муносибатҳои байни истеъмолкунанда ва истеҳсолкунандаи қувваи кори ба ҳисоб меравад. Дар бозори ҷаҳонии меҳнат ба монанди бозорҳои дигар вазъият дар асоси пешниҳод ва талабот муайян карда шуда, бо якчанд омилҳо пайваст мебошанд. Ин омилҳо иқтисодӣ, демографӣ ва сиёсӣ буда, бо ягдигар зич алоқаманданд. Дар байни онҳо омили иқтисодӣ мавқеи хосса дорад, зеро қисми зиёди дигар омилҳо ба оқибатҳои иқтисодӣ меоваранд. Масалан, бекорӣ дар мамлакат нисбати бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ. Зери мафҳуми омилҳои иқтисодӣ иқтидор ва дараҷаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат фаҳмида мешавад. Дар байни мамлакатҳои ҷаҳон мавҷуд будани фарқияти истеҳсолӣ ва шароитҳои меҳнатӣ боиси дар

байни мамлакатҳо авҷ гирифтани муҳоҷирати қувваи корӣ гардид. Масалан, фарқияти ҳадди ақали маош ва даромаднокӣ байни давлатҳои ИМА ва Мексика сабаби ба ИМА ба кор омадани мексикоиҳо гаштааст. Дар аввали солҳои 80-ум дар давлатҳои аъзои ИЕ (Иттиҳоди Европа) ММД (маҷмӯи маҳсулоти доҳила) нисбат ба давлатҳое, ки дар қитъаи Европа ҷойгиранду ба ИЕ аъзо набуданд 4,7 маротиба зиёд буд. Ин ҳодиса низ ба муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат сабаб гардид. Давлатҳои мутараққи омили асосии амалкунии бозори байналмиллалии меҳнат ба ҳисоб меравад.

Вазъи бозори байналмиллалии меҳнат ба дигаргунша-вии суръати рушти иқтисодии ин ё он давлатҳо низ алоқаманд аст. Паст ва баландшавии дараҷаи иқтисодии мамлакатҳои мутараққӣ ва абалқудрат ба талаботҳои қувваи кори таъсири назаррас мерасонад. Масалан, солҳои 1991-1992 дар давлатҳои мутараққӣ пастшавии нишондодҳои иқтисодӣ ба вуҷуд омад, ки дар натиҷаи он шумораи расмии бекорон ба 30 миллион нафар расид. Дараҷаи бекори соли 1994 аз 5,2% ба 6,0% баланд шуд. Ин ҳолат дар давлатҳои рӯ ба тараққи боиси паст гардидани талабот ба қувваи кории хориҷӣ гардид.

Афзоиши босуръати аҳолии давлатҳои қитъаи Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ вазъи иқтисодии ин мамлакатҳоро боз ҳам душвортар гардонида, ба муҳоҷирати беруна шароит муҳайё намуд, ки дар натиҷа ин давлатҳо ба марказҳои таёркунандаи қувваи корӣ табдил ёфтанд.

Мувофиқи маълумоти олимони соҳаи демография чу-нин вазъи демографӣ дар дунё то аввали асри XXI боқӣ ме-монад. Ноустувории вазъи сиёсии баъзе давлатҳои ҷаҳон боиси боз ҳам зиёд шудани муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ба хориҷа мегардад. Масалан, сиёсати собиқ Шӯравӣ барои ба СССР омадани муҳоҷирони хориҷӣ ва берун аз Шӯравӣ рафтани аҳолии маҳалли монеъ мешуд. Барҳам хӯрдани собиқ Шӯравӣ маҳдудиятҳои ба берун баромадани аҳолиро аз байн бурд, ки дар натиҷа шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар байни давлатҳои собиқ Шӯравӣ ва берун аз он ва ба ин давлатҳо воридшавии хориҷиҳоро тезонд. Дар охирҳои солҳои 1990 низ дар давлатҳои дигари ҷаҳон ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ тезу тунд гардид (Ҷадвали №6). Сарав-

вал собиқ Югославия баъдан Венгрия ва Полша ба маркази содиркунандаи қувваи корӣ мубаддал гардиданд.

Солҳои охир ба қатори ин давлатҳо давлатҳои ИДМ низ дохил мешавад. Мувофиқи маълумоти мутахасисони ИДМ дар солҳои наздик аз давлатҳои собиқ Шӯравӣ эҳтимолияти 250 ҳазор нафар ва мувофиқи маълумоти мутахасисони Европоӣ эҳтимолияти 500 ҳазор нафар аҳолӣ ба Европа (бо мақсади кор ва зистан) хоҳиши кӯчидан доранд. Таъсири умумии омилҳои иқтисодӣ, демографӣ ва сиёсӣ вазъи бозори ҷаҳонии меҳнатро муайян мекунад.

**Ҷадвали №6**

**Тақсимшавии қувваи корӣ дар минтақа ва мамлакатҳои алоҳида (нафар)**

| Минтақа ва мамлакатҳо | 1980 с | 1990 с | Суръати афзоиш бо % |
|---|---|---|---|
| Тамоми дунё | 1.957374 | 236354 7 | 120,7 |
| Мамлакатҳои руштёфта: Америкаи Шимолӣ | 121 721 | 135367 | 111,2 |
| Европа | 130080 | 159579 | 106,3 |
| Австралия- Зеландияи Нав | 8077 | 9533 | 118,0 |
| Япония | 57097 | 62202 | 108,9 |
| Туркия | 19090 | 23697 | 121,1 |
| Исроил | 1946 | 1906 | 124,2 |
| Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ (ҶАҶ) | 9449 | 12434 | 131,6 |
| Давлатҳои рӯ ба тараққӣ: Европаи Шарқӣ | 7566 | 71785 | 106,3 |

**Манбаъ:** Маълумотномаи СММ

Муҳоҷирати байналмиллаии меҳнат, айни замон шакли муҳими муносибатҳои байналмиллалии иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар давоми солҳои тӯлони маркази муҳими таткиқотҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ҳам содиркунанда ва воридкунандаи қувваи корӣ барои муайян намудани тарафҳои манфӣ ва мусбии муҳоҷират як қатор назарияҳои иқтисодиро пешкаш намудаанд. Дар байни онҳо аз ҳама маъмулаш ин назарияи «Баланс» яъне баробарӣ, мувозинат ва «Ассиметрия» яъне номутаносибӣ, нобаробарӣ, номунтазамии муҳоҷирати байналмиллалии меҳнат буда, ҳар яки онҳо аз як мамлакат ба мамлакати дигар кӯчидани қувваи кориро ифода мекунад.

Намояндагони назарияи «Баланс»-и муҳоҷирати аҳолӣ дар он ақидаанд, ки бояд барои истифода бурдани қувваи кори маблағ пардохт карда шавад. Яъне давлате, ки қувваи кории як давлатро истифода мебаранд бояд ҳатман ба давлати интиқолдиҳандаи қувваи кори маблағ пардохт намоянд (ғайр аз маоши моҳонаи муҳоҷирони меҳнатӣ). Мувофиқи ин назария самаранокии муҳоҷирати меҳнат ва дараҷаи музди меҳнат дар натиҷаи зиёдшавии тафовути байни онҳо зиёд мегардад. Яъне агар дараҷаи музди меҳнат дар мамлакатҳои интиқолдиҳандаи қувваи кори оҳиста-оҳиста баланд шаваду дар давлатҳои қувваи кориро қабулкунанда паст шудан гирад пас арзиши қувваи кори дар ин мамлакатҳо баробар мегардаду зарурати аз як ҷо ба ҷои дигар кӯчидани қувваи кори намемонад.

Давлатҳои интиқолдиҳандаи қувваи корӣ аз интиқоли қувваи кори чунин бартарӣ ба даст меоранд:

1. Аҳолии қобили меҳнат бо ҷои кор таъмин мешавад;
2. Аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба давлат маблағи муайян ворид мешавад;
3. Маблағҳое, ки давлат барои бекорон ҷудо менамуд ба буҷаи давлат боқӣ мемонад;
4. Шумораи камбизоатон андаке бошад ҳам кам мешавад;
5. Муҳоҷирон меҳнатӣ соҳибӣ касбу ҳунар шуда, ба ватани хеш бар мегарданд.

Дар қисми зиёди давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла барои Миср, Покистон, Туркия, Словения, Хорватия, Сербию Ченогория, Босния ва Герсеговина, Салвадор, Никарагуа ва ғайраҳо ба берун баровардани қувваи корӣ манбаи муҳими даромаднокӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, солҳои 1978-1988 муҳоҷирони меҳнатии Туркия аз хориҷ ҳар сол аз 893 то 2490 млн доллари ИМА ба Туркия равон карданд, ки он 45% савдои хориҷии мамлакатро ташкил дод. Маблағҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирони меҳнатии давлатҳои Туркия, Португалия ва Марокаш соли 1989-ум 25-40% ҳаҷми содироти ин давлатҳоро ташкил намуд. Ин нишондиҳанда дар Миср 90% дар Покистон ба 80% расид. Дар давлатҳои Никарагуа ва Салвадор бошад, ҳаҷми маблағҳои

интиқолдиҳандаи муҳоҷирони меҳнати аз ҳаҷми маблағҳои аз ҳисоби содирот ба даст оварда зиёд мебошад.

Давлатҳои қабулкунандаи қувваи кори аз ҳисоби қуваи кории арзон дар дохили мамлакат пеши роҳи баландшавии музди меҳнатро мегирад, ки он хавфи «инфлятсия-беқурбшавии пул»-ро бартараф менамояд.

Дар хоҷагии умуммиҷаҳони озод аз як ҷо ба ҷои диғар кӯчидани қувваи корӣ барои зиёд намудани самаранокии иқтисоди мусоидат мекунад. Мувофиқи маълумотҳои мутахасисони соҳа ҳаҷми ММД-и ҷаҳониро аз ҳисоби ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар солҳои наздик метавон ба 15-16 триллион доллари ИМА расонид.

Тарафдорони назарияи «Баланс»-и муҳоҷирати аҳолӣ ва таъсири муҳоҷиратро ба таркиби синнусолии аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ ва ососиштагии ҷомеа ба инобат намегиранд. Тарафдорони «Ассиметрия»-и муҳоҷирати аҳолӣ бошад оқибатҳои таъсири муҳоҷирати аҳолиро васеътар меомӯзанд.

Давлатҳои содиркунандаи қувваи корӣ дар натиҷаи ин ҷараён қисми асосии қувваи кориро (аҳолии 24-40 сола) аз даст медиҳад. Мабалғҳои равонкардаи муҳоҷирон дар бисёр мавридҳо дар шакли инвеститсия не, балки барои истеъмоли рӯзмара истифода бурда мешавад. Дар натиҷа даромади ба даст овардаи муҳоҷирони меҳнатиро барои рушди иқтисодиёти кишвар истифода бурдан ғайриимкон мегардад. Ғайр аз ин давлатҳои интиқолдиҳандаи қувваи корӣ захираи зиёди интеллектуалиро низ аз даст медиҳанд. Масалан, ҳоло муҳоҷирати аҳолии интеллектуалии давлатҳои собиқ Шӯравӣ ҳар сол ба миқдори 60-70 миллион доллари ИМА баҳогузорӣ карда мешавад. Шумораи муҳоҷирати байналмиллалии захираи меҳнатӣ сол то сол зиёд гардида истодааст (Ҷадвали №7).

Захираи меҳнатӣ ба вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ ва маданиву динии мамлакатҳо таъсири калон мерасонад. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ соли 1990 дар Европаи Ғарбӣ 15,2 миллион хориҷиҳо истиқомат мекарданд. Ҳоло хориҷиҳо 5% аҳолии Европаро ташкил медиҳанд, ки ин нишондиҳанда дар давлатҳои алоҳидаи Европа тафовут дорад.

*Чадвали №7*

## Таклифи меҳнат дар мамлакатҳои ҷаҳон

| Мамлакатҳо | Захираҳои меҳнатӣ дар соли 1995 | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Коргарони 15-64 сола, ҳазор нафар | | Афзоиши миёнаи солона, фоиз | |
| | Мард | Зан | 1965-1991 | 1995-2025 |
| **Осиёи Ҷанубу-Шарқӣ** | | | | |
| Ветнам | 19299 | 16996 | 2, 53 | 2, 05 |
| Индонезия | 52766 | 24161 | 2,48 | 150 |
| Хитой | 406660 | 316623 | 2, 60 | 0,41 |
| Малайзия | 5365 | 3004 | 3, 49 | 2, 01 |
| Мянма | 12529 | 6983 | 2,38 | 190 |
| Таиланд | 16542 | 13084 | 2, 66 | 0, 63 |
| Филиппин | 17426 | 7644 | 2, 85 | 191 |
| **Европа ва Осиёи Марказӣ** | | | | |
| Озорбайҷон | 1670 | 1278 | 2,23 | |
| Арманистон | 387 | 754 | 2,71 | |
| Белоруссия | 2671 | 2554 | 1,42 | |
| Болгария | 2225 | 2007 | 0,00 | -0,07 |
| Венгрия | 2878 | 2398 | 0,34 | -0,15 |
| Грузия | 1381 | 1179 | 1,13 | |
| Қазоқистон | 4192 | 3608 | 2,80 | |
| Латвия | 962 | 827 | 2,41 | |
| Қирғизистон | 660 | 631 | 0,62 | -0,02 |
| Литва | 953 | 888 | 0,87 | 0,20 |
| Молдава | 1081 | 1025 | 1,13 | |
| Полша | 10583 | 36613 | 0,85 | 0,34 |
| Россия | 39212 | 9081 | 1,04 | |
| Руминия | 6112 | 5373 | 0,43 | 0,42 |
| Тоҷикистон | 1082 | 792 | 2,70 | |
| Туркманистон | 816 | 663 | 2,95 | |
| Туркия | 17067 | 8856 | 2,36 | 1,65 |
| Узбекистон | 4240 | 3644 | 2,83 | |
| Украина | 13060 | 12496 | 0,66 | |
| Эстония | 394 | 372 | 0,72 | |
| **Америкаи Лотинӣ** | | | | |
| Аргентина | 8472 | 3442 | 1,25 | 1,28 |
| Бразилия | 41470 | 16551 | 2,95 | 1,31 |
| Колумбия | 8788 | 2553 | 2,72 | 1,52 |
| Мексика | 23132 | 8937 | 3,58 | 1,83 |
| Венесуэла | 5351 | 2154 | 3,73 | 1,75 |
| **Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ** | | | | |
| Алҷазоир | 5926 | 676 | 3,06 | 3,32 |
| Миср | 14430 | 1687 | 2,70 | 2,35 |
| Эрон | 15765 | 3737 | 3,86 | 3,74 |
| Марокаш | 7100 | 1893 | 3,39 | 2,52 |
| Сурия | 2911 | 634 | 3,69 | 4,46 |
| **Давлатҳои аъзои ташкилоти тиҷорати ҳамкории иқтисодӣ** | | | | |
| Англия | 17290 | 10941 | 0,45 | -0,04 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Германия | 24381 | 15493 | 0,52 | 0,31 |
| Испания | 10741 | 3527 | 0,84 | 0,08 |
| Италия | 15653 | 7469 | 0,45 | 0,41 |
| Канада | 8353 | 5607 | 2,24 | 0,65 |
| ИМА | 73443 | 52242 | 1,70 | 0,44 |
| Франция | 15641 | 10721 | 0,95 | 0,07 |
| | 36799 | 23025 | 0,83 | 0,35 |
| Осиёи Ҷанубӣ | | | | |
| Бангладеш | 31458 | 2723 | 2,57 | 2,75 |
| Ҳиндистон | 260802 | 83502 | 2,09 | 1,61 |
| Покистон | 34008 | 5344 | 3,29 | 3,21 |
| Африка | | | | |
| Заир | 9530 | 5128 | 2,45 | 3,54 |
| Нигерия | 26686 | 13993 | 2,73 | 3,19 |
| Судан | 6630 | 2045 | 2,87 | 3,42 |
| Эфиопия | 13425 | 7777 | 2,17 | 2,86 |
| ҶАҶ | 9275 | 5250 | 2,56 | 2,40 |

**Манбаъ:** Маълумотномаи СММ

Дар навбати худ аз мамлакатҳои Европа низ ҳар сол миллионҳо одамон бо мақсади дарёфти ҷои кор ва музди меҳнати баланд ба қитъаҳои гуногуни ҷаҳон мекӯчанд.

Шумораи иммигрантҳо дар ИМА 5,6 миллион, дар Америкаи Лотинӣ 3-4 миллион, дар Шарқи наздик ва Канада 2,8 миллион ва дар Африкаи Ғарбӣ 1,3 миллион нафарро ташкил медиҳад. Ҳоло вобаста ба самти муҳоҷирати аҳолӣ чор маркази бозори қувваи корӣ ташаккул ёфтааст.

Маркази якум солҳои 1960-1970 дар натиҷаи рушди саноати нефт дар Шарқи Наздик ба вуҷуд омадааст. Ин давлатҳо талаботи ба қувваи кори будаи худро танҳо метавонистанд аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ қонеъ намоянд. Аз ҳамин давра оғоз намуда, ҷараёни муҳоҷират дар ин минтақа авҷ гирифт. Қисми зиёди иммигрантҳои ин минтақаро ҳиндустониҳо, покистониҳо, кореягиҳо, филиппиниҳо ва дигар миллатҳо ташкил медиҳанд. Масалан, коргарони хориҷӣ дар АМА 90%, дар Қатар 80%, дар Кувайт 70%, дар Арабистони Саудӣ ва Баҳрайн 40%-ро ташкил медиҳанд.

Маркази дуюм давлатҳои рушдёфтаи Европа (Европаи Ғарбӣ) ба ҳисоб меравад. Ин давлатҳо баъди ҷанги дуюми ҷаҳон бо мақсади рушд додани иқтисодиёти хеш ислоҳоти иқтисодӣ гузарониданд, ки барои он қувваи кории арзон лозим буд. Аз ин лиҳоз ҳазорҳо мутахасисон ва коргарони бе ихтисоси хориҷӣ ҷалб карда шуд. Дар замони муосир низ қувваи корӣ дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ истифода

бурда мешавад. Масалан, 70% коргарони соҳаҳои саноати мошинасозӣ, саноати кӯҳӣ ва металлургияро хориҷиҳо ташкил медиҳанд.

Дар доираи 15 мамлакати Европа ташкил намудани бозори ягонаи меҳнат боиси боз ҳам зиёдтар шудани муҳоҷирати меҳнатӣ ба ин минтақа гардид.

Маркази сеюми бозори меҳнат дар ҷаҳон ин ИМА ва Канада (Америкаи Шимолӣ) ба ҳисоб меравад. Ба ин минтақа қариб аз тамоми минтақаҳои кураи Замин муҳоҷирони меҳнати меоянд. Ғайр аз ин ИМА бе харҷи иловагӣ, яъне бе таёр намудани мутахасисон дар макотибҳои олии хеш мутахасисони хориҷиии баланд ихтисосро аз давлатҳои гуногуни ҷаҳон ҷалб мекунад.

Маркази чоруми бозори меҳнат дар ҷаҳон ин Аргентина ба ҳисоб меравад. Ба вуҷуд омадани вазъияти устувори иқтисодӣ боиси аз давлатҳои ҳамсояи гирду атроф воридшавии муҳоҷирони меҳнатӣ гардид.

Бозори байналмиллаии меҳнат низ ба монанди бозорҳои дигари байналмилали қонун ва қоидаҳои махсусро қабул намуда дар асоси он амалкуниро тақозо дорад. Ин қонун ва қоидаҳо асосан ба зиммаи давлатҳои интиқол ва воридкунандаи қувваи корӣ вогузор карда мешавад. Давлатҳо аз қадимулайём дар ҷараёни муҳоҷират иштирок мекарданд. Масалан, дар асрҳои XIII-XIX низ барои гирифтани пеши роҳи муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ монеаҳо вуҷуд доштанд. Дар замони муосир низ ҳаракати озоди муҳоҷирати меҳнатии аҳолиро бо як қатор воситаҳо аз ҷумла бо усулҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ, маъданӣ, забон, иҷтимоӣ ва ғайра идора карда истодаанд. Аз ин воситаҳо танҳо воситаҳои ҳуқуқӣ ва маъмуриро худи давлат метавонад ҷори кунаду бартараф намояд.

Дар ташкил намудани муҳоҷирати меҳнатии беруна саҳми ташкилотҳои байналмиллаи назаррас аст. Масалан, ташкилоти байналмиллалии меҳнат (ТБМ) вазъи захираҳои меҳнатӣ ва иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳонро таҳлил намуда, ба давлатҳо вобаста ба вазъи демографӣ ва иқтисодӣ ворид ва содир намудани қувваи кориро ба низом меоранд. Ҳамаи ин масъалаҳо дар доираи давлат ва шартномаи махсус амалӣ карда мешавад. ТБМ дар бисёр маврид сараввал ба аҳолие,

ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд забон ва касб (агар забони хориҷиро надонад ва ихтисос надошта бошад) меомӯзонад. Вобаста ба ҳамин масъала ТБМ аз соли 1919 то соли 1993 174 конвенсия гузаронид, ки дар он 181 тавсияҳо қабул карда шуд. Дар он масъалаи ба низом даровардани ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Масалан, соли 1949 дар конвенияи ТБМ масъалаи ба кор қабул намудани муҳоҷирон ва ба онҳо пардохт намудани ҳаққи хизмат, гирифтани пеши роҳи вайрон намудани ҳуқуқҳои муҳоҷирон дида баромада шуд. Айнан чунин масъалаҳо дар қарорҳое, ки соли 1958 ва соли 1962 аз тарафи ТБМ қабул шуда буд низ мавриди барраси қарор гирифт.

Соли 1975 бошад аз тарафи ТБМ дар бораи муҳоҷирон қарорҳои нав қабул карда шуд. Дар ин ҳуҷҷат масъалаи дидани чора ва тадбирҳо нисбасти шахсоне, ки муҳоҷиронро ғайриқонуни ба давлат ворид мекунанд ва доир ба аъзо намудани муҳоҷирони меҳнати ба Иттифоқи касаба, ҳимоя намудани ҳуқуқҳои муҳоҷирон ҷой дошт.

Омилҳое, ки ба суръати афзоиши аҳолӣ, зиёд ва ё камшавии шумораи аҳолӣ алоқаманд аст омилҳои демографӣ меноманд. Аз меъёр зиёд шудани афзоиши табии аҳолӣ дар минтақаҳои Африка, Осиё ва Америкаи Лотинӣ боиси боз ҳам бадтар шудани вазъи иқтисодии ин минтақаҳо гардида, ба авҷ гирифтани муҳоҷирати меҳнатӣ шароит муҳайё намуд.

Давлатҳои Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ, Исроил ва Малайзия аз ҳисоби қувваи кории хориҷӣ даромади зиёд ба даст меоранд. Қисми зиёди маблағҳои шахсие, ки аз тарафи шахсони алоҳида равона карда мешавад ба давлатҳои мутараққии ИМА, Германия, Япония, Англия ва давлатҳои аз ҷиҳати захираи нефт бой буда (Қувайт, Арабистони Саудӣ ва Венесуэла) равона карда мешавад. Маблағҳои равонкардашуда бисёртар аз ҳисоби филиалҳои корхонаҳои бузург дар хориҷа, кормандони онҳо ва аз ҳисоби кормандони ҳарбие, ки дар хориҷа адои хизмат мекунанд равона карда мешаванд. Маблағҳое, ки аз ҳисоби муҳоҷирон равона карда мешаванд дар баъзе маврид аз 25 то 50% маблағҳое, ки давлат аз ҳисоби содирот ба даст оварда аст баробар аст. Масалан, дар давлатҳои Бангладеш, Буркина Фасо, Миср, Юнон,

Ямайка, Малави, Марокаш, Покистон, Португалия, Шри-Ланка, Судан, Туркия, Иордания, Лесото ва Яман маблағҳои фиристодаи шахсони алоҳида қариб 10-15% маблағҳое, ки давлат аз ҳисоби содирот ба даст меорад баробар аст.

Солҳои охир зиёдшавии гурезаҳои ба муҳоҷирати аҳоли алоқаманд ҳамаро ба ташвиш гузоштааст. Қисми зиёди гурезаҳо ба ҳиссаи Афғонистон, Ҳиндустон, Шри-Ланка, Ироқ, Кипр, давлатҳои собиқ Шӯравӣ, Эфиопия, Сомали, Руанда, Бурунди, ҶХДК, Конго, Сере Леоне, Колумбия, Эквадор, Перу ва Югославия рост меояд. Масалан, ба панҷ давлат ҷудошавии Югославия ва ҷангҳои баъди тақсимшавии Югославия оғоз гардида, боиси ба қатори гурезаҳо дохилшавии 2,5 миллион ахолии осоишта дар ин кишвар гардид. Сол то сол шумораи гурезаҳо дар миқёси ҷаҳон зиёд шуда истодааст, ки он бештар ба омилҳои сиёсӣ, низоъҳои милливу динӣ, омилҳои иқтисодӣ ва ғайра алоқаманд аст.

### Маълумотҳои иловагӣ

**Муҳоҷират (мигратсия)** – аз як ҳудуд ба ҳудуди дигар кӯчидани аҳолӣ.

**Иммигратсия** – ба ягон малакат кӯчида омадани шаҳрвандони дигар мамлакат.

**Эмигратсия** – аз ягон мамлакат ба мамлакати дигар кӯчида рафтани шаҳрвандон.

**Салдои муҳоҷират** – фарқияти нисбии байни иммигратсия ва эмигратсия.

**Муҳоҷирати байналмилалӣ** – ҳолат ва хусусиятҳои дар миқёси давлатҳои ҷаҳон кӯчидани аҳолӣ.

**Муҳоҷирати захираи меҳнатӣ** – аз як давлат ба давлати дигар дар давоми аз як сол ва ё зиёдтар кӯчидани аҳолии қобили меҳнат.

**Талафоти ақлонӣ** – муҳоҷирати байналмилалии мутахасисоне, ки малакаву маҳорати баланди тахасусӣ доранд.

**Резмигратсия** – бо мақсади зиндагии осуда ба ватани хеш баргаштани эмигрантҳо.

**Муҳоҷирати беруна** – аз як давлат ба давлати дигар кӯчидани аҳолӣ.

**Муҳоҷирати дохилӣ** – дар дохили як давлат аз як ҷо ба ҷои дигар кӯчидани аҳолӣ.

**Муҳоҷирати мавсимӣ** – муҳоҷирати ба корҳои мавсимӣ алоқаманд.

Ноҳия ва мамлакатҳои иммигратсионӣ: ИМА, Канада, Австралия, Зеландияи Нав, Изроил, мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ, Арабистони Саудӣ, Қувайт, Баҳрайн, Қатар, АМА ва ғайраҳо.

Ноҳия ва мамлакатҳои эмигратсионӣ: Испания, Португалия, Босния, Хорватия, Черногория, Македония, Словения, Гретсия ва дигар давлатҳои баҳри Миёназамин, Ҳиндистон, Покистон, Бангладеш, Яман, Иордания, Сурия, Миср, Судан, мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ, Россия, Қазоқистон.

**Афзоиши миграционӣ** – аз ҳисоби муҳоҷирони воридшуда зиёдшавии шумораи аҳолӣ.

**Муҳоҷирати моқувор** – дар як ҳудуд зиндагӣ намуда, дар ҳудуди дигар фаъолият намудани захираҳои меҳнатӣ.

**Мувофиқи маълумоти мутахасисони СММ сабабҳои муҳоҷирати дохилӣ инҳоянд**:

- Бекорӣ, шароити вазнини корӣ дар деҳот ва кишоварзӣ.
- Паст будани дараҷаи музди меҳнат.
- Вазнин будани шароити зиндагӣ дар деҳот нисбат ба шаҳр.
- Равона карда шудани зиёда аз 80% буҷети давлатӣ бо мақсади рушди шаҳрҳо.
- Кам будани ҷойҳои дилхушӣ дар деҳот.
- Дар шаҳрҳо мавҷуд будани шароити мусоид оиди ба дарёфти музди меҳнат.
- Дар оилаҳо зиёд будани шумораи фарзандон.

Барои омӯзиши муҳоҷирати беруна ва дохилаи аҳолӣ гузаронидани пурсишнома мувофиқи матлаб аст.

**Дар пурсишнома бояд саволҳои зерин гузошта шаванд:**

1. Шумо хоҳиши иваз намудани ҷои истиқоматии хешро доред?
2. Бо кадом мақсад ҷои истиқоматии хешро иваз кардан мехоҳед?
3. Агар майли кӯчиданро хоҳед, ба куҷо мехоҳед кӯчед?

4. Агар ба ягон давлати дигар кӯчидан хоҳед сабабашро нишон диҳед!
5. Майли ба дигар минтақаи Тоҷикистон кӯчиданро дошта бошед сабабашро нишон диҳед.
6. Оё аз байни аъзоёни оилаи Шумо нафаре дар минтақаҳои дигари Тоҷикистон таҳсил ва ё кор мекунад?
7. Ҳоло аз байни аъзоёни оилаи Шумо касе дар хориҷа таҳсил ва ё кор мекунад?

**Саволҳои назоратӣ**

1. *Миграция аз кадом калима гирифта шуда аст ва чӣ маъноро ифода мекунад?*
2. *Муҳоҷират вобаста ба кадом нишондиҳандаҳо ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешавад?*
3. *Сабабҳои муҳоҷират дар чист?*
4. *Доир ба таърихи пайдоиши муҳоҷират маълумот диҳед.*
5. *Географияи ҳудудии муҳоҷирати аҳолӣ дар таърих чӣ гуна буд?*
6. *Ҷараёнҳои рӯзмараи молиявии ба муҳоҷирати байналмилалии меҳнат алоқаманд чанд долларо ташкил медиҳад?*
7. *Маркази эмиграция ва иммиграция кадом минтақаҳо ба ҳисоб меравад?*
8. *Муҳоҷирати дар давоми ду асри охирон руҳ додаро ба чанд давра ҷудо намудан мумкин аст?*
9. *Тарафҳои манфӣ ва мусбии муҳоҷирати меҳнатиро тавсиф диҳед.*
10. *Дар минтақа ва мамлакатҳои алоҳида тақсимшавии қувваи корӣ чӣ гуна аст?*
11. *Давлатҳои интиқолдиҳандаи ва қабулкунандаи қувваи корӣ аз ҳисоби он чӣ гуна даромад мегиранд?*
12. *Дар замони муосир вобаста ба географияи самти муҳоҷирати аҳолӣ чанд маркази бозори қувваи корӣ ташаккул ёфтааст ва доир ба онҳо маълумот диҳед.*

# УРБАНИЗАТСИЯ. ГЕОГРАФИЯИ ШАҲРҲО

1. *Географияи шаҳрҳо*
2. *Агломератсияи шаҳрҳо.*
3. *Урбанизатсия.*

1.Географияи шаҳрҳо. Урбанистика ё худ географияи шаҳрҳо, аҳолии шаҳр ва хусусиятҳои хоси шаҳрҳоро омӯхта, яке аз шохаҳои рушдёфтаи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки аввалин шаҳрҳо дар делтаи Нил ва Месопотамия (Вавилон) ба сифати маркази савдо, ҳунармандӣ ва ҳарбӣ пайдо шудаанд. Бо рушд ёфтани капитализм шумора ва ҳиссаи шаҳрҳо низ зиёд гардиданд. Мавқеи шаҳрҳо ба сифати марказҳои иқтисодӣ-маъмурӣ ва фарҳангӣ устувор гардид. Шаҳрҳо низ дорои таърихи хеле қадима мебошанд. Ин таърих аз таърихи инсоният нисбатан кӯтоҳтар буда, ба таърихи ҷамъият мувофиқ меояд. Шаҳрҳо ба сифати маркази иҷтимоии ҷамъият дар давраи ғуломдорӣ ба вуҷуд омадаанд. Пайдоиши шаҳрҳоро аксар ба тақсимоти иҷтимоии меҳнат алоқаманд медонанд. Аввалин тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бошад, ин аз чорводорӣ ҷудо шудани зироаткорӣ буд. Пайдоиши зироаткорӣ махсусан зироаткории обӣ ба пайдоиши манзилгоҳҳои муқимӣ (доимӣ) асос гузошт. Аввалин иншоотҳои обёрикунандаро якҷоя месохтанд, якҷоя истифода мебурданд ва якҷоя муҳофизат менамуданд. Дар ҳамин асос ҷамоати қадимаи инсоният (ҷамъият не!) ба вуҷуд меояд, ки онро на шаҳр ва на деҳот меномиданд.

Шаҳр ва зинаи навбатии тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар натиҷаи аз зироаткорӣ ҷудо шудани ҳунармандӣ ва савдо ба вуҷуд омад. Дар ҷамъият нафароне, пайдо шуданд, ки дар ҷои мувофиқӣ маҳали аҳолинишин истиқомат ва фаъолият карда, ба кишоварзӣ машғул намешуданд ва ба омода намудани ҳар гуна олотҳо, инчунин ба иваз намудани як маҳсулотҳо ба маҳсулоти дигар машғул буданд. Баъдан чунин ҷойҳоро «шаҳр» номиданд.

Дар давраи ғуломдорӣ шаҳрҳо маркази хариду фурӯши ғуломон ва пойтахти давлат ба ҳисоб мерафт, ки дар натиҷа шаҳр-давлат (шаҳр-полис) ба вуҷуд омад. Масалан, Рим, Афина, Византия, Вавилон, Бухоро, Самарқанд аз ҷумлаи чунин шаҳрҳо мебошанд. Дар давраи феодализм бошад рушди шаҳрҳо ба ис-

тифодаи замин алоқаманд буд. Шаҳрҳо вазифаи маркази сиёсӣ, динӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳудуди калонро иҷро менамуданд. Минбаъд рушд намудани шаҳрҳо дар натиҷаи бо ҳам омадани тамоми соҳаҳои иқтсиодиёт ба вуҷуд омада аст.

Шаҳр мафҳуми мураккаб буда, он аз тарафи намояндагони гуногуни илм ҳар хел маънидод карда мешавад. Масалан, барои иқтисод маркази саноат ва истеҳсолот, барои сотсиология муҳити ба худ хоси ҷои зист, барои таърих маконест, ки аз гузаштаи айём гувоҳӣ медиҳад. Барои географияи иқтисодӣ бошад, шаҳр ин ташкили ҳудудии соҳаҳои ғайри кишоварзӣ ва аҳолии бо он машғулшаванда ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми омӯзиши географияи шаҳрҳо бояд ба тартиб ва қоидаи зерин риоя намуд:

1. Шароитҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки дар пайдоиш ва рушти шаҳрҳо таъсир мерасонанд.
2. Таҳлили таърихӣ-географии шаҳрҳо. Марҳилаҳои ташаккул ва рушди шаҳрҳо.
3. Вазъи кунунии шаҳрҳо, типҳои функсионалӣ ва класификатсияи онҳо, демографияи шаҳрҳо, саноати шаҳрҳо, нақлиёт ва ғайра.
4. Агломератсияи шаҳрҳо ва хусусиятҳои хоси онҳо.
5. Муаммоҳои умумии рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳрҳо.
6. Дурнамои рушди шаҳрҳо.

Муайян намудани соҳаи махсусгардонидашуда ва вазифаи иҷрокунандагии шаҳрҳо дар доираи типологияи функсионалӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи шаҳрҳо аслан аз рӯи таркиби шуғли аҳолӣ муайян икарда мешавад. Яъне дар кадом соҳа қисми зиёди захираҳои меҳнатӣ бо кор банд бошад ҳамон самт типи функсионалии шаҳри мазкурро ифода мекунад.

Дар бисёр маврид шаҳрҳо ба типҳои зерини функсионалӣ ҷудо карда мешаванд.

1. Марказҳои маъмурӣ-сиёсии бисёрфунксиягӣ, пойтахт-шаҳрҳо.
2. Шаҳрҳои бисёрфунксиягӣ-маркази вилоятҳо.
3. Шаҳрҳои саноатии бисёрсоҳавӣ.
4. Шаҳрҳои ба як ё якчанд соҳаҳои саноат махсусгардонидашуда.
5. Шаҳрҳои нақлиётӣ.

6. Шаҳрҳои агроиндустралӣ.
7. Шаҳрҳои рекреатсионӣ.
8. Шаҳрҳои илму фарҳангӣ.

Вобаста ба таткиқотҳои илмӣ шаҳрҳо класификатсияи махсуси худро доранд (Ҷадвали №1).

*Ҷадвали №1.*

| **Навъҳои шаҳрҳо** | **Дар ҳолати шумораи аҳолиаш ба адади зерин расидан чунин номро мегирад** |
|---|---|
| Шаҳрҳои ним хурд (шаҳрак) | 10 ҳазор |
| Шаҳрҳои хурд | 10-20 ҳазор нафар |
| Шаҳрҳои ним миёна | 20-50 ҳазор нафар |
| Шаҳрҳои миёна | 50-100 ҳазор нафар |
| Шаҳрҳои калон | 100-250 ҳазор нафар |
| Шаҳрҳои бузург | 250-500 ҳазор нафар |
| Шаҳрҳои аз ҳама бузург | 500-1000 ҳазор нафар |
| Шаҳрҳои миллионер | 1000 ҳазор нафар зиёд |

2. Агломератсияи шаҳрҳо. Дар натиҷаи ҷойгиркунӣ ва рушд додани қувваҳои истеҳсолкунанда типҳои гуногуни функсионалӣ ва як қатор шаҳрҳои калоне, ки дар як макон гирд омада, пайваст мегарданд, онҳоро дар адабиётҳои илмӣ агломератсияи шаҳрҳо меноманд. Дар геология «Агломерат» ин маънои дар як ҷо ҷамъ омаданро ифода мекунад. Дар иқтисодиёт ва махсусан дар иқтисодиёти минтақавии Ғарб агломератсияи саноат – ин мафҳумест, ки дар як ҷо ҷамъ омадани корхонаҳои саноатиро ифода мекунад. Инчунин мафҳуми «омилҳои агломератсионӣ» низ вуҷуд дорад.

Агломератсияи шаҳрҳо чунин ба вуҷуд меояд: Шаҳри дорои мавқеи мувофиқи географӣ оҳиста - оҳиста васеъ мегардад. Зеро ӯ тамоми корхонаҳои саноатии нав, муассисаҳои олии таълимӣ, ташкилотҳои бонкию молиявӣ ва дигар муассисаҳои хизматрасониро ба худ ҷалб мекунад. Дар натиҷаи он шаҳр ба қувваи аҳолиро ба худ ҷалбкунанда табдил мегардад.

Агар шаҳр ва шаҳрчаҳо бо якдигар наздик ва баъдан ҳамроҳ шаванд дар натиҷа шаҳри калон ба вуҷуд меояд, ки онро дар адабиётҳои илмии Ғарб «конурбатсия» меноманд. Конурбатсияи Лондон ва ҳавзаи Рур ба ин мисол шуда метавонад. Но-

вобаста аз оне, ки конурбатсия як шакли агломератсияро ифода мекунад, баъзе агломератсияҳо конурбатсия нестанд.

Як шакли мураккабби омехташавии шаҳрҳо мегаполис ба ҳисоб меравад. Мегаполияс калимаи лотинӣ буда, «Мега-калон, полис-шаҳр» яъне маънояш шаҳри калон мебошад. Мафҳуми мегаполисро дар илм олими амеркоӣ Жан Готман ворид намудааст. Мегаполисҳо дар натиҷаи якҷояшавии агломератсияҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, Босваш (Бостон-Вашингтон), Чигпитс (Чикаго-Питсбург) Токио-Иокогама ва ғайраҳо (Ҷадвали №2)

***Ҷадвали №2***

**Агломератсияҳои калонтарини ҷаҳон**

| Номи агломератсия | Географияи ҷойгиршавӣ |
|---|---|
| Босваш | ИМА |
| Чипите | ИМА |
| Сан-Сан | ИМА |
| Бирменгем | Англия |
| Манчестер | Англия |
| Ливерпул | Англия |
| Глазго | Англия |
| Рур | Германия |
| Рандштат Холланд | Нидерландия |
| Токайдо | Япония |
| Токио | Япония |
| Осака | Япония |

3.Урбанизатсия.Урбанизатсия аз калимаи лотинӣ гирифта шуда "урбан" –шаҳр, "затсия"-ҷараён мебошад. Урбанизатсия ин ҷараёни шаҳршавии мамлакат ва ё ҳудуди муайян мебошад. Урбанизатсия дар ҳудуди муайян зиёдшавии аҳолии шаҳр буда, таркиби муҳими тараққиёти иҷтимоиву-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Урбанизатсия ҷараёни муракаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва глобалии барои тамоми ҷаҳон хос ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои географии урбанизатсия хело зиёд мебошад. Зеро урбанизатсия дар мамлакат ва ноҳияҳои гуногун бо таври гуногун пайдо шуда истодааст. Дар вақти урбанизатсияи як давлатро бо урбанизатсияи давлати дигар муқоиса намудан ба масъалаҳои зерин бояд эътибор дод:

-мизони ташкил намудани шаҳр (масалан, дар ИМА барои он, ки шаҳрча номи шаҳрро гирад бояд шумораи аҳолии он 2500 нафар бошад, дар Кореяи Ҷанубӣ бошад 40 000 нафар. (Ҷадавли №3);

- шумораи умумии шаҳрҳо ва зичии онҳо;
- мавҷудияти шаҳрҳои бузург;
- дараҷаи рушди агломератсияи шаҳрҳо;
- шаҳр-деҳот ва муҳоҷирати мокувор;
- дараҷаи шуғл ва таркиби аҳолӣ;
- урбанизатсияи маҳалҳои деҳот, дар деҳотҳо мавҷудияти шароити мувофиқи ба монанди шаҳрчаҳо ва ғайра.

Аз сабаби оне, ки урбанизатсия ҳодисаи мураккаб ба ҳисоб меравад онро бо як мизон ифода ва муайян намудан ғайриимкон аст. Новобаста аз ин истифодаи як нишондиҳанда дар омӯзиши урбанизатсия мувофиқ ва осонтар аст. Ин ҳам бошад аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, чӣ қадар аҳолӣ дар шаҳр истиқомат мекунад ва ҳиссаи нисбии он ба чӣ баробар аст.

**Ҷадвали №3**

**Мафҳуми шаҳрро гирифтани шаҳрчаҳо вобаста ба шумораи аҳолӣ дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон**

| Номи давлат | Шумораи аҳолӣ |
|---|---|
| Дания, Шветсия, Финландия | Зиёда аз 200 нафар |
| Канада, Австралия | Зиёда аз 1000 нафар |
| Германия, Франсия, Куба | Зиёда аз 2000 нафар |
| ИМА, Мексика | Зиёда аз 2500 нафар |
| Австрия, Ҳиндустон, Эрон, Мадагаскар | Зиёда аз 5000 нафар |
| Швейтсария, Малайзия | Зиёда аз 10 000 нафар |
| Нигерия | Зиёда аз 20 000 нафар |
| Япония | Зиёда аз 30 000 нафар |
| Кореяи Ҷанубӣ | Зиёда аз 40 000 нафар |
| Ӯзбекистон | Зиёда аз 7000 |

Коэффисенти урбанизатсия дар Тоҷикистон 35%, дар Ӯзбекистон 38%, дар Афғонистон 19% ва дар Туркманистон 48% -ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар давлатҳои рушдёфта 90% ва аз он ҳам зиёдтар мебошад (Ҷадвали №4).

Дар байни урбанизатсия ва дараҷаи рушди иктисодии мамлакат алоқамандии зич мавҷуд аст.

Агар коэффисенти урбанизатсия тахминан 70-85% ва аз он зиёдтар бошад, дар ин ҳолат мамлакат аз ҷиҳати саноатии инкишофёфтаи индустралӣ ба ҳисоб меравад;

Агар коэффисенти урбанизатсия 50-70% бошад, онро мамлакати тараққикардаи аграриву-индустралӣ меноманд;

Агар коэффисенти урбанизатсия аз 30% камтар бошад онро мамлакати инкишофёфтаи аграрӣ меноманд;

***Ҷадвали №4***

| **Давлатҳои ҷаҳон, ки дараҷаи урбанизатсияашон баланд аст** | |
|---|---|
| Номи давлат | Дараҷаи урбанизатсия (бо %) |
| Сингапур | 100 |
| Белгия | 97 |
| Қувайт | 96 |
| Сахараи Ғарбӣ | 96 |
| Венесуела | 93 |
| **Давлатҳои ҷаҳон, ки дараҷаи урбанизатсияашон паст аст** | |
| Номи давлат | Дараҷаи урбанизатсия (бо %) |
| Руанда | 6 |
| Бутан | 7 |
| Бурунди | 9 |
| Оман | 13 |
| Уганда | 15 |

Дар замони муосир урбанизатсия дорои се хусусияти умумӣ аст:

1. Бо суръати баланд афзудани шумораи аҳолии давлатҳои рӯ ба инкишоф. Масалан, дар аввалҳои асри XX 14% аҳолии ҷаҳон дар шаҳр истиқомат карда бошанд, пас соли 1990 ин нишондиҳанда то 45% афзуд ва дар аввалҳои асри XXI бошад ба 49% расид. Ҳоло бошад зиёда аз 50% аҳолии ҷаҳон дар шаҳр истиқомат мекунанд.

2. Дар шаҳрҳои калон гирд омадани қисми асосии аҳоли ва хоҷагӣ. Сабаби асосии ин воқеа мураккабшавии алоқаҳои байни илму фан ва истеҳсолот мебошад. Дар аввали асри XX шумораи шаҳрҳои миллионер ба 10, соли 1980 ба 200 ва охирҳои асри XX бошад ба 400 расид. Ҳоло танҳо дар Россия шумораи шаҳрҳои миллионер ба 13 ва дар Осиёи марказӣ бошад ба 3 адад мерасад. Дар ҷаҳон шаҳрҳое, ки аҳолиашон аз 5 миллион зиёд аст 30 адад ва шаҳрҳое, ки

аҳолиашон аз 20 миллион зиёд аст (якҷоя бо агломератсияашон) 12 ададро ташкил медиҳанд (Ҷадвали №5).

3. Васеъшавии майдони шаҳрҳо, яъне агломератсияи шаҳрҳо. Барои агломератсия пойтахтҳо, марказҳои муҳими саноатӣ ва бандарҳо омили муҳим ба ҳисоб меравад.

Масалан, агломератсияи Мехико, Токио, Сан-Пауло, Нью-Йорк, ки дар ҳар яки онҳо 16-20 миллион ва аз он ҳам зиёдтар аҳоли истиқомат мекунанд. Ба агломератсияи Москва зиёда аз 100 шаҳрчаҳо, 1000 деҳот ворид шуда, дар онҳо 13,5 миллион аҳолӣ истиқомат мекунанд.

***Ҷадвали №5***

| **Номи шаҳрҳои калонтарини ҷаҳон** | **Географияи ҷойгиршавӣ (давлат)** | **Шумораи аҳолиаш дар соли 1994** | **Шумораи аҳолиаш дар соли 2015 (Дурнамо)** |
|---|---|---|---|
| Осака-Кобе-Кито | Япония | 10 585 000 | 10 600 000 |
| Ҷакарта | Издонезия | 11 017 000 | 21 200 000 |
| Сеул | Кореяи Ҷанубӣ | 11 451 000 | 13 100 000 |
| Калкута | Ҳиндустон | 11 485 000 | 17 600 000 |
| Пекин | Хитой | 12 030 000 | 19 400 000 |
| Лос-Анҷелес | ИМА | 12 232 000 | 14 300 000 |
| Мумбай | Ҳиндустон | 14 496 000 | 27 400 000 |
| Шанхай | Хитой | 14 709 000 | 23 400 000 |
| Мехико | Мексика | 15 525 000 | 18 800 000 |
| Сан-Паулу | Бразилия | 16 271 000 | 20 800 000 |
| Ню-Йорк | ИМА | 16 271 000 | 17 600 000 |
| Токио-Йокагама | Япония | 26 518 000 | 28 700 000 |

**Манбаъ: Слука А.Е., Слука Н.А. География населения с основами демографии. Учебно-методическое пособие. –М.: Изд. МГУ. 2000.**

Вобаста ба дараҷаи урбанизатсия мамлакатҳои ҷаҳон ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1. Мамлакатҳои дараҷаи баланди урбанизатсия. Дар онҳо ҳиссаи аҳолии шаҳр аз 50% зиёд аст. Ба ин гурӯҳ тамоми давлатҳои мутараққӣ ва Америкаи Лотинӣ, Россияю Қазоқистон дохил мешаванд.

2. Мамлакатҳои дараҷаи миёнаи урбанизатсия. Дар онҳо ҳиссаи аҳолии шаҳр аз 20% то 50% -ро ташкил медиҳад. Ба ин

гурӯҳ давлатҳои қитъаи Африка ва Осиё (аз ҷумла Хитой, давлатҳои Осиёи Миёна ва Ҳиндустон) дохил мешаванд.

3. Мамлакатҳои дараҷаи пасти урбанизатсия. Дар онҳо ҳиссаи аҳолии шаҳр аз 20% кам мебошад. Ба ин гурӯҳ давлатҳо як қатор давлатҳои аз ҷиҳати рушти иқтисодӣ қафомондаи ҷаҳон: Ботсвана, Мадагаскар, Эфиопия, Эритерия, Уганда, Чад, Нигер, Малӣ, Буркино-Фассо, Умон, Афғонистон, Лаос ва Кампучия дохил мешаванд.

Дараҷаи урбанизатсия дар давлатҳои мутараққӣ 72%-ро ва дар давлатҳои рӯ ба тараққи бошад 33%-ро ташкил медиҳад. Дараҷаи урбанизатсия ба дараҷаи тараққиёти мамлакат алоқаманд аст. Вайроншавии вазъи экологии шаҳрҳо боиси субурбанизатсия гардида истодааст.

Ҳудудҳои урбанизатсияҳо 1% масоҳати хушкиро ташкил намуда, дар он 47% аҳолии ҷаҳон истиқомат мекунанд. Ба ҳиссаи чунин ҳудудҳо 80% ММД-и ҷаҳонӣ ва 80% партов ва газҳои заҳарнок рост меояд.

Дар таркиби агломератсияи «Босваш»-и ИМА шаҳрҳои Бостон, Нью-Йорк, Филаделфия, Балтимор, Вашингтон, Хартфорд, Бриҷпорт ва Правидекс дохил мешавад. Дарозии ин агломератсия 1000 км, бараш 200 км ва аҳолиаш 50 миллион нафар мебошад. Ба ҳайати ин мегаполис 6 штат ва округҳои федералии Массашусетӣ, Род Айленд, Коннектикут, Ню-Ҷерсӣ, Делавер, Мериленд ва Колумбия дохил мешаванд.

Чунин агломератсияҳо дар Англия-Бирменгем, Манчестер, Ливерпул ва Глазго, дар Германия Рур, дар Нидерландия Амстердам, Роттердам, Гаага, Гарлем, Утрект, Лейден, дар Япония Токио, Нагая, Осака Кавасаки, Иокагама Кобе ба ҳисоб меравад.

### Маълумотҳои иловагӣ

**Урбанизатсия** – дар ҳудуди муайян зиёдшавии аҳолии шаҳр.

**Дараҷаи урбанизатсия** – ҳиссаи аҳолии шаҳр дар шумораи умумии аҳолӣ. Соли 1900 дар шаҳрҳо 14% аҳолии ҷаҳон, соли 1950 29%, соли 1990 45% зиндаги карда бошад ин нишондиҳанда ҳоло ба 50% расидааст. Масалан, аҳолии шаҳр дар ИМА 75%, дар Япония 77%, дар Англия 92%, дар Шветсия 88%, дар Австралия 86%, дар Мексика 70%, дар Ҳиндустон 26%, дар Нигерия 35%, дар Индонезия 29 %, дар Ал-ҷазоир

44%, дар Афғонистон 20 %, дар Эфиопия 16%, дар Чад 6%, дар Нигерия 20 %, ва дар Сомалӣ 20 %-ро ташкил медиҳад.

Дар аввали асри XX дар ҷаҳон 360 шаҳрҳои калон ба қайд гирифта шуда бошад, ҳоло шумораи онҳо аз 2,5 ҳазор расидааст. Агломератсияҳои калонтарини ҷаҳон дар атрофи Мексика, Токио, Сан-Паулу ва Нью-Йорк гирд омадаанд.

**Саволҳои назоратӣ**

1. *Аввалин шаҳрҳо дар куҷо пайдо шудаанд?*
2. *Ҳангоми омӯзиши географии шаҳрҳо бояд кадом тартибу низом ва қоидаҳоро риоя намуд?*
3. *Кадом навъҳои шаҳрҳо мавҷуд аст?*
4. *Агломератсия чист ва барои ташаккули агломератсияи шаҳрҳо кадом шароитҳо лозим аст?*
5. *Мегаполис чист?*
6. *Мегаполисҳои калонтарини ҷаҳонро номбар кунед.*
7. *Ҳангоми урбанизатсияи як давлатро бо давлати дигар муқоиса намудан ба кадом масъалаҳо эътибор бояд дод?*
8. *Давлатҳои дараҷаи урбанизатсияашон баланд ва пасти ҷаҳонро номбар кунед.*
9. *Дар замони муосир урбанизатсия дорои кадом хусусияти умумӣ мебошад?*
10. *Вобаста ба дараҷаи урбанизатсия мамлакатҳои ҷаҳон ба чанд гурӯҳ ҷудо карда мешаванд?*

# ТАРКИБИ ДИНИИ АҲОЛИИ ҶАҲОН

*1. Таркиби динии аҳолии ҷаҳон.*
*2. Географияи паҳншавии динҳо*

1. Таркиби динии аҳолии ҷаҳон. Аҳолии ҷаҳон вобаста ба таркиби динӣ ба 3 дини ҷаҳонӣ ва якчанд динҳои миллӣ ҷудо мешаванд (Ҷадавли №1):

А). Дини насронӣ. Яке аз динҳои бонуфузи ҷаҳон буда, ба он зиёда аз 2 миллиард аҳолӣ пайрави мекунанд. Ин дин ба шохаҳои католикӣ, протестантӣ ва православӣ ҷудо мешавад. Маркази инҳо шаҳрҳои Ватикан ва Ерусалим мебошанд. Дини насронӣ дар нимаи дуюми асри 1 дар вилоятҳои қисми шарқии Империяи Рим пайдо шуда аст. Дар давраи ғуломдорӣ, ки аҳолӣ ба бисёрхудогӣ эътиқод доштанд ва ба худоҳои зиёд бовар мекарданд ин дин арзи вуҷуд намуд. Дини насронӣ саравал дорои хусусиятҳои демократӣ дошт. Аз ин лиҳоз зуд ва бо осонӣ дар байни аҳолӣ эътибор ва тарафдорони зиёд пайдо намуд. Бо гузашти айём хусусияти демократии худро гум карда, ба дини табақаҳои ҳукмрон табдил ёфт.

Ҳомиёни дини насронӣ дар асри VI ба Осиё сафар намуда, дар ин минтақа бо ташфиқу тарғиб ақидаҳои худро паҳн менамоянд. Ҳатто дар байни хонигариҳои турк ва муғул низ ин дин оҳиста –оҳиста мавқеъи худро пайдо карда дар асри X ба Россия низ ворид мегардад. Ҳоло бошад дини насронӣ дар қитъаи Европа, Америка ва Австралия мавқеи хеле бузургро ноил аст.

Б) Дини ислом нисбатан ҷавон, вале дар кураи Замин ба эътибор хеле зиёд ноил гаштааст. Ба дини ислом зиёда аз 1 миллиард аҳолиии ҷаҳон эътиқот мекунанд. Маркази асосиаш шаҳрҳои Макка ва Мадина ба ҳисоб меравад. Ба ин дин дар замони муосир аҳолии як қатор давлатҳои ҷаҳон аз қабили Арабистони Саудӣ, Уммон, Яман, АМА, Ироқ, Сурия, Урдун, Туркия, Эрон, Миср, Ливия, Тунис, Алҷазоир, Марокаш, Судан, Сомалӣ, Покистон, Афғонистон, Банғладеш, Индонезия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Қазоқистон, Озорбойҷон, Кавкази шимолӣ ва давлатҳои соҳили Волга эътиқод мекунанд.

*Ҷадвали №1*

**Ҳайати динии аҳолии ҷаҳон**

| Динҳо | Шумораи эътиқоткунандагон (млн. нафар) | Ҳиссаи он дар аҳолии ҷаҳон, % |
|---|---|---|
| Насронӣ | 1995 | 33 |
| Ислом | 1180 | 19,5 |
| Индуизм | 885 | 14,7 |
| Буддизм | 354 | 5,9 |
| Эътикоткунандагони дини хитой | 233 | 3,9 |
| Эътикоткунандагони динҳои маҳаллӣ | 132 | 2,2 |
| Сикхизм | 23 | 0,4 |
| Иудаизм | 14 | 0,2 |
| Спиритизм | 12 | 0,2 |
| Динҳои дигар | 14 | 0,2 |
| Бе динҳо | 1208 | 20 |

Дини ислом охирҳои асри VI ва аввалҳои асри VII дар нимҷазираи Арабистон пайдо шудааст. Дар вақти пайдоиши дини ислом дар нимҷазираи Арабистон вазъи иқтисодию иҷтимоии аҳолӣ дар ҳолати вазнин қарор дошт ва аҳолӣ дар ин давра ба таълимоти нави динӣ эҳтиёҷ доштанд. Чунин вазъият боиси пайдо гардидани дини нав –ислом гардид. Дар нимаи дуюми асри VII дини ислом ба ду шохаи бузург «суннӣ» ва «шиа» ҷудо мешавад. Ҳоло 92,5% мусулмонон тарафдори шохаи суннӣ мебошанд.

В) Дини Буддоӣ қадимтарин буда, бештар дар Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ паҳн гардидааст. Ба ин дин зиёда аз 250 миллион аҳолӣ эътиқот мекунанд. Маркази ин дин дар шаҳри Лумбини Непал қарор дорад. Асосгузори ин дин Буддо ё Гаутамадир ном шахс, ки дар ҳазорсолаи пеш аз миллод умр ба сар мебурдааст ба ҳисоб меравад. Ӯ шахси таърихӣ буда, 80 сол умр дидааст.

Ин дин дар замони ҳукмронии император Ашока (солҳои 273-232 пеш аз милод) аз Ҳиндустон ба давлатҳои минтақаи Шимол, баъдан ба давлатҳои минтақаи Шарқ ва Осиёи Марказӣ васеъ паҳн гардидааст. Дар минтақаи давлати Кушониён ин дин мавқеи зиёде пайдо мекунад. Дар замони давлатдории Кушониён ғайр аз дини буддоӣ боз динҳои зардуштӣ ва насронӣ низ амал мекарданд. Ин дин низ минбаъд ба монанди

динҳои дигар ба якчанд шохаҳо тақсим мешавад. Масалан, дар Осиёи Ҷанубу-Шарқӣ бо номи ҳимаяна, дар Осиёи Шимолӣ бо номи маъаяна, дар Хитой бо номи даосизм, дар Япония бо номи синтоизм дар Тибет бо номи ламаизм машҳур аст.

2.Ба динҳои маҳаллӣ динҳои индуизм, конфутсӣ, даосизм, синтоизм, яҳудизм, ламанизм ва ғайра дохил мешавад. Чӣ тавре қайд намудем индуизм дар Ҳиндустон, конфутсӣ ва даосизм дар Хитой, синтоизм дар Япония, яҳудизм дар Исроил, ламанизм дар Муғулистон рушд ёфтааст. Дин ба афзоиши табиии аҳолӣ низ таъсир мерасонад. Масалан, дар Испания ва қисми зиёди давлатҳои Америкаи Лотинӣ, ки ба дини католикӣ эътиқот доранд ба мардҳо аз сини 14 солагӣ ва барои занҳо аз сини 12 солаги иҷозати акту никоҳ дода мешавад. Ё инки дар Муғулистон барои монаххо оиладор шудан ва фарзанд ба дунё овардан манъ аст. Дар Муғулистон бошад аз ду мард як нафарашон монах ё инки 40% аҳолии ҷинси мардҳо монах мебошанд. Агар дар Муғулистон дини ламанизм намебуд шояд аҳолии он ҳоло ба 10 миллион нафар мерасид.

Маркази дини яҳудизм Ерусалим, маркази дини индуизм Баранас ва Ганга, маркази дини даосизм Пекин ва маркази дини ламанизм Лхаса (Тибет) ба ҳисоб меравад.

Моҷароҳои маҳалӣ ва динӣ солҳои зиёд дар Ҳиндустон, Шриланка, Индонезия, Эриокио, Таереня, Судан, Сомалӣ, Малайзия, Хитой ва дигар давлату минтақаҳо давом доранд. Моҷароҳои сиёсӣ ва динӣ, ки қариб ним аср дар байни Исроил ва давлатҳои Миср, Ливан, Сурия, Урдун давом дошт дар натиҷаи гуфтушунидҳо бо дахолати СММ каме ҳали худро ёфт. Дин дар тарзи ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири калон дорад. Омӯзиш ва дуруст баҳо додани таркиби динии аҳолии ҷаҳон барои дуруст дарк намудани қисми зиёди воқеа ва ҳодисаҳо имконияти зиёд медиҳад. Дар Европа тамоми шохаҳои дини насронӣ васеъ амал мекунанд. Дини католикӣ дар қисми ҷанубӣ ва қисман дар қисми ғарбӣ ва маркази қитъаи Европа, православӣ бошад дар дар қисми шарқӣ ва ҷанубу шарқии қитъаи Европа паҳн гаштааст. Дар қитъаи Осиё тамоми динҳои ҷаҳонӣ ва динҳои бузурги миллӣ мавҷуд буда, дини ислом мавқеи хосса дорад. Ба шохаи сунии дини ислом аҳолии Индонезия, Малайзия як қисм дар

Ҳиндустон, Бангладеш, Покистон, Афғонистон, давлатҳои Осиёи Марказӣ ва давлатҳои арабии Осиёи Ҷанубу-Ғарбӣ эътиқот доранд. Шохаи шиаи дини ислом бошад дар Эрон, Озарбайҷон, Ироқ, Яман, ва қисман дар Филиппин, Камбоджа, Таиланд, Кипр ва Шриланка паҳн гаштааст (Ҷадвали №2).

*Ҷадвали №2*

**Нишондодҳои асосии географияи динҳои насронӣ ва ислом**

| Дин | Шумораи эътиқоткунандагон (млн. нафар) | Мамлакат ва минтақаҳои паҳнгардида |
|---|---|---|
| Насронӣ, аз ҷумла: | Аз 1995 зиёдтар | Франция, Испания, Португалия, Италия, Австралия, Белгия, Ирландия, Полша, Литва, Украина, Чехия, Словакия, Венгрия, Словения, ИМА, Хорватия, Канада, Кипр, Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ, Филиппин, давлатҳои Африкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ, Корея, Япония, Хитой |
| Католикӣ | 1100 | Дар минтақаҳои гуногун |
| Протестантӣ | 590 | Давлатҳои Европаи шимолӣ, Англия, Германия, Нидерландия, Шветсария, Латвия, Эстония, ИМА, Австралия, Зеландияи Нав, ҶАҶ, давлатҳои Африкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ, Корея, Япония, Хитой |
| Провославлй | 305 | Россия, Украина, Белоруссия, Молдава, Грузия, Руминия, Сербия ва Черногория. |
| Ислом | Аз 1000 зиёдтар | Албания, Босния, Туркия, Саудия Арабистони, АМА, Миср, Эрон, Ироқ, Покистон, Афғонистон, Тоҷикистон, Озарбайҷон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Малайзия. |

Дар мамлакатҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ буддизм ва ламаизм васеъ паҳн гардидааст. Ба дини индуизм қисми зиёди аҳолии Ҳиндустон ва Непал эътиқот доранд.

Динҳои даосизм ва конфутсӣ дини асосии Хитой, синтоизм бошад дини асосии Япония ба ҳисоб меравад. Дар Хитой, Япония, Корея, Индонезия, Малайзия ва дигар давлатҳо нафаронӣ ба дини насронӣ эътиқотдошта низ мавҷуданд. Дар қисми зиёди мамлакатҳои Африкаи Шимолӣ, Ғарбӣ ва Шарқӣ низ шохаи суннии дини ислом ҳукмрон аст. Масалан, аз чор ҷумҳурии исломие, ки дар ҷаҳон мавҷуд аст (Эрон, Афғонистон, Покистон, Мавритания) як тояш яъне Ҷумҳурии Исломии Мавритания дар Африкаи Ғарбӣ ҷойгир шуда аст. Дар давлатҳои Эфиопия ва Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ дини насронӣ паҳн гардидааст. Қисми зиёди аҳолии Африкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ ба динҳои маҳаллӣ эътиқот мекунанд (Ҷадвали №3).

Дар Америкаи Шимолӣ ду шохаи дини насронӣ: католикӣ ва протестантӣ васеъ паҳн гардидааст. Қисми зиёди аҳолии ИМА ба шохаи протестанти қисми аксари аҳолии Канада бошад ба шохаи католикӣ эътиқот мекунанд. Дар Америкаи Марказӣ ва Америкаи Ҷанубӣ бошад қисми зиёди аҳолӣ пайрави шохаи католикии дини насронӣ мебошанд. Ба ҳиссаи қитъаи Америка аз нисф зиёди намояндагони шохаи католикии дини насронӣ рост меояд.

*Ҷадвали №3*

**Тақсимшавии динҳо дар қитъаи Африка**

| Динҳо | Ҳиссаи аҳолии ба ин дин эътиқоткунанда | Шумораи давлатҳое, ки қисми зиёди аҳолиашон ба ин дин эътиқот доранд |
|---|---|---|
| Ислом | 2/5 | 16 |
| Динҳои маҳаллӣ | 1/3 | 15 |
| Насронӣ | 1/5 | 13 |

Дар қитъаи Америка намояндагони дини ислом дар ИМА ва давлатҳои ҳавзаи баҳри Кариб зиндагӣ мекунанд. Дар Австралия ва Океания шохаи католикии дини насронӣ васеъ паҳн гардидааст. Солҳои охир дар муносибатҳои байналмиллалӣ, сиёсат, иқтисодиёт, маданият аҳамият ва мавқеи дини ислом боло рафта истодааст.

**Маълумотҳои иловагӣ**

**Дини насронӣ** – яке аз динҳои аз ҷиҳати шумораи эътиқоткунандагон пешсафи ҷаҳон.

**Католикӣ** – яке аз шохаҳои асосии дини насронӣ буда, онро папаи Рим идора мекунад. Лекин ин шохаи дин дар давлати Бразилия хубтар рушт ёфтааст.

**Протестантӣ** – шохаи дини насронӣ буда, дорои якчанд шохаҳо мебошад: калвинизм, лютеранӣ, баптизм, англиканӣ ва дигарҳо.

**Православӣ** – шохаи дини насронӣ буда, дар гурӯҳи халқҳои славянӣ васеъ паҳн гардидааст. Лекин на ҳамаи гурӯҳи халқҳои славянӣ ба шохаи православӣ эътиқот доранд. Масалан, полякҳо худро католик руминиҳо православ меҳисобанд.

Резидентсияи папаи Римро мувофики анъана, швейтсариягиҳо муҳофизат мекунанд. Шакли либосҳои ҳарбии муҳофизони швеитсариягӣ аз соли 1505 то ин ҷониб иваз карда нашудааст. Резидентсияи аввалаи папаи Рим дар Авинонд ҷойгир буд, ки он соли 1377 ба Ватикан кӯчониданд ва соли 1925 Ватикан давлати мустақил эълон шуд.

**Дини ислом** – яке аз динҳои бузурги ҷаҳонӣ буда, аз ҷиҳати шумораи эътиқоткунандагон дар ҷаҳон ҷои думро ишғол мекунад.

**Шиа**- яке аз шохаҳои дини ислом буда, нуфузи он махсусан дар Эрон ва Озорбойҷон хело зиёд аст.

**Суннӣ**- яке аз шохаҳои дини ислом буда, қариб, ки дар ҳаммаи давлатҳои исломӣ нуфуз дорад.

**Буддоӣ** –яке аз динҳои ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Расми 1. Схемаи динҳо.




## Саволҳои назоратӣ

1. *Аҳолии ҷаҳон вобаста ба таркиби динӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?*

2. ***Аҳамияти дин дар рушди ҷомеа чӣ гуна аст?***
3. ***Дин ба афзоиши табиии аҳолӣ чӣ гуна таъсир расонида метавонад?***
4. ***Ба динҳои ҷаҳонӣ кадом динҳо дохил мешавад ва доир ба таърихи пайдоиши онҳо маълумот диҳед?***
5. ***Доир ба географияи паҳншавии динҳои ҷаҳонӣ маълумот диҳед?***
6. ***Ба динҳои маҳаллӣ кадом динҳо дохил мешаванд?***
7. ***Доир ба паҳншавии динҳои маҳаллӣ маълумот диҳед?***

# ТАРКИБИ МИЛЛӢ ВА ЭТНИКИИ АҲОЛИИ ҶАҲОН

*1. Таркиби миллии ахолии ҷаҳон.*
*2. Географияи паҳншавшавии миллат ва халқиятҳо.*

1.Таркиби миллии ахолӣ. Таркиби миллии аҳолии баъзе давлат ва тамоми ҷаҳонро муайян намудан хело душвор аст. Сабаб он аст, ки ҳангоми тартиб додани рӯйхати халқҳо на ҳама гурӯҳҳо ба таркиби ягон миллат дохил мешаванд. Масалан, гурӯҳҳои гуногуни этнографӣ аз ҷиҳати тарзи ҳаётгузаронӣ ва урфу одат ба ягон наздик нестанд, вале аз ҷиҳати забон ба ягон миллати ҳамҳудуд ворид мешавад. Маълумоти дақиқро доир ба халқиятҳои кураи Замин танҳо дар сурати гузаронидани барӯихатгирии аҳолӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон муаян намудан мумкин аст.

Рушди халқиятҳо ҳодисаи таърихӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар як халқ дар таърихи ташакулёбии хеш як қатор зинаҳоро тай намудааст. Ҷараёнҳои этникӣ дар таърихи халқиятҳои гуногун мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Дар замони муосир зиёда аз 3-4 ҳазор этносҳои гуногун мавҷуд буда, шумораи нафарони ба онҳо мансуб аз якчанд нафар то ба садҳо миллион нафар мерасад (Ҷадвали №1).

Дар кураи Замин айни замон 10 халқияти зиёда аз 100 миллион аҳолидошта мавҷуд аст, ки онҳо 50% аҳолии кураи Заминро ташкил медиҳад.

Забон омили асосии фарққунандаи миллатҳо ба ҳисоб меравад. Дар халқиятҳои кураи Замин раванди ташакулёбии забон зери таъсири омилҳои: шароити табии-географӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мегузарад. Забони гуфтугӯии байни ду фард оғоз аз давраи ташаккулёбии қабилаҳо рӯ ба рушд ниҳод. Луғати забонҳои қадима хело камбағал ва аз ҷиҳати имлоӣ ғалатҳои зиёд дошт. Тақсимшавии ҳудудӣ ва дар ҷаҳон паҳншавии қабилаҳои давраи ибтидоӣ боиси пайдоишу рушди забонҳои нав гардид.

Айни замон шумораи умумии забонҳои дар ҷаҳон мавҷуд буда, қариб ба 3 ҳазор мерасад. Аммо шумораи аниқи онҳоро гуфтан ғайриимкон аст, зеро қисми зиёди забонҳо то ҳоло пурра омӯхта нашудаанд ва ба кадом гурӯҳи забонҳо мансуб буданашон низ муайян карда нашудааст.

*Ҷадвали №1*

**Халқиятҳо ва забонҳои васеъ паҳнгардидаи ҷаҳон**

| № | Халқиятҳои калонтарини ҷаҳон | Шумора (млн нафар) | Забонҳои дар ҷаҳон васеъ паҳнгардида | Аҳолии бо ҳамин забон гапзананда (млн. нафар) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Чиниҳо | 1100 | Хитоӣ (Чинӣ) | 1100 |
| 2 | Ҳиндуҳо | 220 | Англисӣ | 350 |
| 3 | Америкоиҳо | 190 | Испанӣ | 250 |
| 4 | Банголиҳо | 180 | Арабӣ | 220 |
| 5 | Руссҳо | 150 | Ҳиндӣ | 200 |
| 6 | Бразилиягиҳо | 140 | Банголӣ | 160 |
| 7 | Японҳо | 125 | Португалӣ | 160 |
| 8 | Панҷобиҳо | 90 | Русӣ | 150 |
| 9 | Бихариҳо | 90 | Японӣ | 125 |
| 10 | Мексикоиҳо | 85 | Немисӣ | 90 |

Дар бисёр мавридҳо забон ва лаҳҷаро бо ҳам омехта мекунанд, ки ин нодуруст аст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, тавсифи забонҳои ҷаҳон хуб омӯхта шудааст ва пайдоиши қисми зиёди миллат ва забонҳои алоҳидаи ҷаҳон аниқ карда шудааст.

Ҳодисаҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсие, ки дар давоми таърихи ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омадааст боиси дар дунё васеъ паҳншавии забонҳо ва ё нестшавии забонҳои дигар гардидааст. Масалан, аз тарафи европоиҳо забт ва зери мустамлика шудани як қатор давлатҳои қитъаи Африка, Америка ва Осиё боиси дигаргунии зиёде дар ҳайёти миллӣ ва забонии ин миллатҳо гардидааст.

Забонҳое, ки бисёртар дар муомила ва гуфтугӯи байни миллатҳо қарор доранд онҳоро забонҳои ҷаҳонӣ меноманд. Қисми зиёди музокираҳои расмӣ ва тамоми алоқаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра бо ҳамин забонҳо бурда мешавад. Ба забонҳои ҷаҳонӣ забонҳои англисӣ, франсузӣ, немисӣ, арабӣ, хитоӣ, русӣ, ҳиндуӣ, португалӣ ва испанӣ дохил мешаванд.

Дар байни ин забонҳо аз ҳамма бештар забонҳои англисӣ, испанӣ ва франсузӣ паҳн гаштаанд. Дар 76 давлати ҷаҳон забони англисиро ҳамчун забони расмии давлатӣ истифода мебаранд, ки 40% ин давлатҳо дар қитъаи Америка ва 30% дар қитъаи Африка ҷойгиранд. Дар 34 давлати ҷаҳон (60% дар қитъаи Африка) забони франсавӣ ва дар 21 давлати

ҷаҳон (78% он дар қитъаи Америка) забони испанӣ забони расмии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Айни ҳол забони англисӣ ба сифати забони давлатӣ дар Гвинея-Биссау, Сера-Леоне, Либерия, Гана, Нигерия, Намибия, Зимбабве ҳамчун забони давлатӣ шинохта шуда, дар давлатҳои Уганда, Кения, Танзания, Ҷазираҳои Комор, Ботсвана, Свазиленд, Лесото, ҶАҶ, Малавӣ, Ҷазираҳои Сейшел бошад якҷоя бо забони маҳаллӣ истифода бурда мешавад.

Забони франсавӣ дар давлатҳои Сенегал, Гвинея, Кот-Дивуар, Того, Бенин, Габон, Конго, Заир, ҶАМ, Нигер ва Мали ҳамчун забони давлатӣ шинохта шудааст ва дар давлатҳои Бурунди ва Руанда якҷоя бо забонҳои маҳаллӣ истифода бурда мешавад. Забонҳои англисӣ ва франсавӣ якҷоя дар Камерун, ҷазираҳои Сейшел ва ҷазираҳои Камор низ истифода бурда мешавад. Забони арабӣ дар давлатҳои Африкаи Шимолӣ ҳамчун забони расмии давлатӣ шинохта шуда, дар давлати Чад бошад забони арабӣ ва франсавӣ якҷоя истифода мешаванд. Забони испанӣ дар Гвинеяи Экваториалӣ (ғайр аз давлатҳои Америкаи Лотинӣ) забони португалӣ бошад дар Ангола, Сан-Томе ва Принстсипӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

2.Географияи паҳншавии миллат ва халкиятҳо. Дар ҳудуди давлатҳои гуногуни ҷаҳон аз қадимулайём миллатҳои аз якдигар ба куллӣ фарқкунанда истиқомат мекунанд. Ин вазъият дар давоми асрҳо идома ёфта тарзи ҳайёти иқтисодӣ ва иҷтимоии миллатҳоро муайян менамояд.

Вобаста ба таркиби миллии аҳолӣ 5 гурӯҳи давлатҳо ҷудо карда мешавад:

1. Давлатҳои аз як миллат иборат (миллати асоси 90% аҳолиро ташкил медиҳад). Ба қатори чунин давлатҳо қариб нисфи давлатҳои кураи Замин шомил аст. Масалан, қисми зиёди давлатҳои Европа, Шарқи Наздик ва Америкаи Лотинӣ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд.

2. Давлатҳое, ки шумораи як миллат аз миллати дигар хеле зиёд аст. Ба қатори ин гурӯҳ давлатҳо Англия, Франсия, Испания, Руминия, Хитой, Муғулистон, ИМА, Иттифоқи Австралия, Зеландияи Нав ва ғайраҳо… дохил мешаванд.

3. Давлатҳое, ки аз ду миллат иборат мебошанд. Ба ин гурӯҳ давлатҳо Канада ва Белгия мисол шуда метавонад.

4. Давлатҳое, ки таркиби мураккаб, вале муносибатҳои этникии наздик доранд. Ба қатори ин гурҳ давлатҳо Эрон, Афғонистон, Покистон, Малайзия, Лаос, давлатҳои Африкаи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ дохил мешаванд.

5. Давлатҳое, ки сермиллат буда, муносибатҳои мураккаби этникӣ ва пайдоиши ҳар хела доранд. Ба қатори ин гурӯҳ давлатҳо Ҳиндустон (дар ҳудуди Ҳиндустон зиёда аз 1500 халқият истиқомат мекунанд), Россия, Швецария, Индонезия, Филиппин, қисми зиёди давлатҳои Африкаи Ғарбӣ ва Ҷанубӣ дохил мешаванд.

Қитъаи Осиё таркиби гуногуни миллӣ дошта, дар он халқҳои дар ҷаҳон аз ҷиҳати шумораашон пешсаф зиндагӣ мекунанд. Дар Осиё 110 халқияти шумораашон аз 1 миллион зиёд мавҷуд буда, онҳо 98% аҳолии қитъаро ташкил медиҳад. Қисми зиёди мамлакатҳои Осиё давлатҳои сермиллат мебошанд. Масалан, дар Ҳиндустон ва Индонезия зиёда аз 150 халқият, дар Филиппин 100, дар Ветнам ва Хитой зиёда аз 50, дар Эрон, Афғонистон ва Таиланд зиёда аз 30 халқият истиқомат мекунанд.

Тақсим ва ҷойгиршавии ҳудудии миллатҳо, халқият ва этносҳо дар баъзе давлатҳои ҷаҳон боиси ба вуҷуд омадани низоъҳои этникиву сиёсӣ гардидааст. Масалан, Шарқи Наздик, Туркия, Россия, Хитой, Индонезия, Малайзия, Ҳиндустон, Руанда, Бурунди ва ғайраҳо. Агар сарҳади этникӣ бо сарҳади сиёсӣ мувофиқ ояд давлатҳои иборат аз як миллат ташкил мешавад.

***Ҷадвали № 2***

| Оилаи забонҳо | Гурӯҳи забонҳо | Халқҳо | Ҳудудҳои асосии зист ва паҳншавӣ |
|---|---|---|---|
| ОИЛАИ ЗАБОНИИ ҲИНДУ-ЕВРОПОӢ | Гурӯҳи Славянӣ | 1. Русҳо | Россия, ИДМ, ИМА, Канада, давлатҳои Европа |
| | | 2. Украинҳо | Украина, Россия, ИМА, Канада, Полша |
| | | 3. Белорусҳо | Белоруссия, Россия, Полша |
| | | 4. Полякҳо | Полша, Франсия, ИМА, Канада, Украина, Белоруссия |
| | | 5. Чехҳо | Чехия, ИМА |
| | | 6. Словакҳо | Словакия, ИМА |
| | | 7. Словенҳо | Словения, ИМА |
| | | 8. Хорватҳо | Хорватия, ИМА |
| | | 9. Босниягиҳо | Босния, Гертсоговина |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | 10. Сербҳо | Сербия, Черногория, Босния, Хорватия |
| | | 11. Македониҳо | Македония |
| | | 12. Болгариҳо | Болгария, Россия |
| | Гурӯҳи Лето-Литвӣ | 1 Литвагиҳо | Литва, ИМА, Канада |
| | | 2. Латишхо | Латвия, ИМА, Канада |
| | Гурӯҳи германӣ | 1. Немисҳо | Германия, Руминия, Венгрия, Чехия, ИМА, Канада, Бразилия, Россия |
| | | 2. Немисҳои шветсариягӣ | Шветсария, ИМА |
| | | 3. Австралиягиҳо | Австралия, Италия, ИМА |
| | | 4. Елзас ва Лотарингиягиҳо | Франсия |
| | | 5. Голандиҳо | Нидерландия, ИМА, Канада |
| | | 6. Фламандҳо | Белгия, Франсия, ИМА |
| | | 7 Африканерҳо (бурҳо) | ҶАҶ |
| | | 8. Шведҳо | Шветсия, Финландия, ИМА |
| | | 9. Норвегиҳо | Норвегия, Канада, ИМА |
| | | 10. Даниягиҳо | Дания, ИМА |
| | | 11. Исландиҳо | Исландия |
| | | 12. Англисҳо | Англия, ҶАҶ, ИМА, Канада, Австралия |
| | | 13. Шотландиҳо | Англия, ИМА, Канада, Австралия |
| | | 14. Англисҳои австралиягӣ | Австралия ва Океания |
| | | 15. Англисҳои Зеландияи Нав | Зеландияи Нав |
| | | 16. Англисҳои Канада | Канада, ИМА |
| | | 17. Америкоиҳо | ИМА, Канада |
| | | 18. Ямайкагиҳо | Ямайка, Англия |
| | Гурӯҳи Келт | 1. Ирландиҳо | Ирландия, Англия |
| | | 2. Бретониҳо | Франсия |
| | | 3. Уэлсҳо | Англия |
| | Гурӯҳи Романӣ | 1. Италиянҳо | Италия, Франсия, Шветсария, ИМА, Канада, Аргентина, Африка, Австралия |
| | | 2. Франсузҳо | Франсия, Алҷир, ИМА |
| | | 3. Франко-Шветсариягиҳо | Шветсария |
| | | 4. Валонҳо | Белгия |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ОИЛАИ ЗАБОНИИ ҲИНДУ-ЕВРОПОӢ | | 5 Франко-канадагиҳо | Канада, ИМА |
| | | Гаитиҳо | Гаитӣ |
| | | 7 Испаниҳо | Испания, Франсия, Аргентина |
| | | 8 Каталониягиҳо | Испания, Франсия |
| | | 9 Мексикагиҳо | Мексика, ИМА |
| | | 10 Кубагиҳо | Куба |
| | | 11 Халқҳои Америкаи Марказӣ | Давлатҳои Америкаи Марказӣ |
| | | 12 Давлатҳои Америкаи Ҷанубӣ | Давлатҳои Америкаи Ҷанубӣ |
| | | 13 Португалиягиҳо | Португалия, ИМА, Бразилия, Ангола |
| | | 14 Галисиягиҳо | Испания, ИМА |
| | | 15 Руминиягиҳо | Руминия, ИМА, Молдовия |
| | | 16 Молдаванҳо | Молдовия, Руссия |
| | Гурӯҳи албанӣ | 1. Албаниҳо | Албания, Сербия |
| | Гурӯҳи юнонӣ | 1. Юнониҳо | Гретсия, Туркия, Кипр, ИМА, давлатҳои паси кавказ |
| | Гурӯҳи эронӣ | 1. Форсҳо<br>2. Гилянҳо<br>3. Курдҳо<br>4. Тоҷикҳо<br>5. Ҳазораҳо<br>6. Афғонҳо (пуштунҳо, урдунҳо)<br>7. Балуҷҳо<br>8. Осетенҳо | 1. Эрон<br>2. Эрон<br>3. Туркия, Эрон, Ироқ, Сурия<br>4. Тоҷикистон, Афғонистон, давлатҳои Осиёи Марказӣ<br>5. Афғонистон<br>6. Афғонистон, Покистон<br>7. Покистон, Эрон<br>8. Россия, Осетияи Ҷанубӣ |
| | Гурӯҳи Ҳиндӣ | 1. Бенгалҳо<br>2. Асамликҳо<br>3. Ориҳо<br>4. Бихариҳо<br>5. Ҳиндустониҳо<br>6. Роҷастониҳо<br>7. Панҷобиҳо<br>8. Гуҷоратиҳо<br>9. Бхиҳо<br>10. Непалиҳо | 1. Покистон, Ҳиндустон<br>2. Ҳиндустон, Бутан<br>3. Ҳиндустон<br>4. Ҳиндустон, Непал<br>5. Ҳиндустон, Африка<br>6. Ҳиндустон<br>7. Покистон, Ҳиндустон<br>8. Ҳиндустон, Покистон<br>9. Ҳиндустон<br>10. Непал, Ҳиндустон |
| | Гурӯҳи Арманӣ | 1. Арманиҳо | Арманистон, Сурия, Эрон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Яхудиҳо | 1.Яхудиҳо | Изроил, ИМА, Европа |
| ОИЛАИ КАВКАЗ | Гурӯҳи Картвел | 1.Гурчиҳо (17 гурӯҳи этникӣ) | Грузия, Россия |
| | Гурӯҳи Адигея-Абхаз | 1.Адигеяҳо<br>2.Абхазиҳо<br>3.Чеченҳо<br>4.Ингушҳо<br>5.Аварҳо<br>6.Ачарҳо<br>7.Черкасҳо<br>8.Лазгинҳо | Давлатҳои кавказ |
| | Гурӯҳи Доғистон | 1. Доғиҳо<br>2. Қорачойҳо<br>3. Болгорҳо | Россия |
| | Буришҳо | 1.Буришҳо | Ҳиндустон |
| | Баскҳо | 1.Баскҳо | Испания, Франсия |
| ОИЛАИ ХОМ-СОМ | Гурӯҳи Сом | 1. Арабҳо<br>2. Амхараҳо<br>3. Яҳудиҳои Изроил<br>4. Тиграиҳо | 1. Давлатҳои Араб<br>2. Эфиопия<br>3. Изроил<br>4. Эфиопия |
| | Гурӯҳи Куч | 1. Галла<br>2. Сомалӣ | 1. Эфиопия<br>2. Сомали |
| | Гурӯҳи Барбарӣ | 1. Гобиҳо<br>2. Тамазиғтҳо<br>3. Шлуохҳо | 1. Алҷир<br>2. Марокко<br>3. марокко |
| | Гурӯҳи Хаус | 1.Хаусҳо | Нигерия, Нигер |
| ОИЛАИ БАНТУ | Гурӯҳҳои Банту | Халқҳои Африка* | Африкаи Марказӣ, Шарқӣ ва Ҷанубӣ |
| ОИЛАИ НИГЕР-КОРДО-ФАН | | Халқҳои Африка* | Давлатҳои Африкаи Марказӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ОИЛАИ МАНДЕ | | 1. Мандигоиҳо | Давлатҳои халиҷи Гвинея |
| | Гурӯҳи Гвинея | 1. Халқҳои халиҷи Гвинея | Давлатҳои халиҷи Гвинея |
| ОИЛАИ НИЛОТ | | 1. Халқҳои Африкаи шарқӣ | Давлатҳои Африкаи Шарқӣ |
| ОИЛАИ УРАЛ | Гурӯҳи Финӣ | 1. Финиҳо<br>2. Эстонҳо<br>3. Мордавҳо<br>4. Саамҳо<br>5. Лопарҳо<br>6. Мариҳо<br>7. Удмуртҳо<br>8. Карелҳо | 1. Финландия<br>2. Эстония<br>3.Россия (Ҷум.Мордова)<br>4. Финландия<br>5. Норвегия<br>6. Россия (Ҷум. Мари)<br>7. Россия (Ҷум. Удмуртя)<br>8. Россия |
| | Гурӯҳи Угорӣ | 1.Венгерҳо<br>2.Хантиҳо<br>3.Мансиҳо<br>4.Коми-Пермякҳо | 1.Венгрия, Руминия, Чехия<br>2. Россия<br>3. Россия<br>4. Россия |
| ОИЛАИ ОЛТОЙ | Гурӯҳи Туркӣ | 1. Ӯзбекҳо<br>2. Қазоқҳо<br>3. Туркҳо<br>4. Қирғизҳо<br>5. Туркманҳо<br>6. Озарбайҷониҳо<br>7. Тоторҳо<br>8. Бошқирдҳо<br>9. Чувашҳо<br>10. Уйғуриҳо | 1. Узбекистон, давлатҳои Осиёи Миёна, Афғонистон<br>2.Қазоқистон, Хитой, Осиёи Миёна.<br>3.Туркия, Кипр, Болгария<br>4.Қирғизистон, Осиёи Миена<br>5.Туркманистон, Эрон, Афғонистон<br>6.Озарбайҷон, Эрон<br>7. Россия<br>8. Россия<br>9. Россия<br>10. Хитой, Осиёи Миёна |
| | Гурӯҳи Муғулӣ | 1. Муғулҳо | Муғулистон, Хитой |
| | Гурӯҳи Тунгус-Манчур | 1.Манчуриҳо<br>2. Тунгусиҳо | 1.Хитой<br>2. Россия |
| Корес | | 1.Коресҳо | Корея, Хитой |
| Япон. | | 1. Японҳо | Япония, ИМА |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ОИЛАИ ХИТОЙ-ТИБЕТ | Гурӯҳи Хитой | 1. Хитой<br>2. Дунганҳо | 1. Хитой, ИМА<br>2. Хитой |
| | Гурӯҳи Тайчуан | 1. Сиамлиҳо<br>2. Лао<br>3. Шан<br>4. Чҷуаниҳо | 1. Таиланд<br>2. Лаос<br>3. Миянма<br>4. Хитой |
| | Гурӯҳи Тибет-Бирма | 1. Тибетиҳо<br>2. Итсзуиҳо<br>3. Бирмагиҳо<br>4. Каренҳо | 1. Хитой<br>2. Хитой<br>3. Миянма<br>4. Миянма |
| | Гурӯҳи Ветнамӣ | 1. Ветнамиҳо | 1. Ветнам |
| ОИЛАИ МОН-КХМЕР | | 1.Кхмериҳо | Давлатҳои Осиёи Ҷанубу-Шарқӣ |
| ОИЛАИ МУНДА | | 1.Санталиҳо | Ҳиндустон |
| ОИЛАИ ДРА-ВИД | | 1. Телугиҳо<br>2. Тамиҳо<br>3. Малаягиҳо<br>4. Канара<br>5. Гондҳо | 1. Ҳиндустон<br>2. Ҳиндустон<br>3. Ҳиндустон<br>4. Ҳиндустон<br>5. Ҳиндустон |
| АНДА-МАЛИКҲО | | 1.Андамаликҳо | 1. Ҳиндустон |
| ОИЛАИ МАЛАЯ-ПОЛИНЕЗИЯ | Гурӯҳи Индонезӣ | 1. Халкҳои ҷазираҳои Индонезия<br>2. Малаягиҳо<br>3. Малгашҳо | 1. Индонезия<br>2. Малайзия<br>3. Мадагаскар |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Гурӯҳи Полинезия, Микронезия, Меланезия | 1 Халқҳои полинезия, меланезия, микронезия | Океания |
| ПАПУАС | | 1 Халқҳои папуас | Папуа Гвинеяи Нав |
| | | Аянҳо | Япония |
| | | Эскимос -Алеутҳо | ИМА, Россия |
| ХАЛҚҲОИ ҲИНДӢ | | 1. Оилаи Надене<br>2.Оилаи Алгонкин-вакаш<br>3.Оилаи Хока-сиу<br>4. Оилаи Атстек<br>5.Оилаи Маййа -Соке<br>6.Оилаи Отоми-миштекӣ<br>7. Оилаи Чибча<br>8. Оилаи Тупи-гуаранӣ<br>9.Парагвай гуаранӣ<br>10. Кечуа<br>11. Аймара<br>12. Арауканҳо<br>13. Аравакҳо<br>14. Кариб<br>15. Пано | 1. ИМА<br>2. ИМА, Канада<br>3. ИМА<br>4. Мексика<br>5.Мексика, Гватемала<br>6. Мексика<br>7. Колумбия, Панама<br>8. Парагвай<br>9. Парагвай<br>10. Перу, эквадор, Боливия<br>11. Боливия, Перу<br>12. Чилӣ<br>13. Перу, Колумбия<br>14. Перу, Колумбия<br>15. Перу, Колумбия |

**Манбаъ: Слука А.Е., Слука Н.А. География населения с основами демографии. Учебно-методическое пособие. –М.: Изд. МГУ. 2000.**

Нимаи дуюми асри XX дар давлатҳои таркиби мураккаби этникӣ дошта, муносибатҳои миллӣ тезу тунд гардид. Ҳар гуна зиддият ва моҷароҳо ба вуҷуд омаданд, ки ҳамаи он сабабҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ доранд. Дар давлатҳое, ки бо мурури замон аз зери мустамлика озод шуданд вайронкунии ҳуқуқҳои аҳолӣ ва пастзании иззати нафси онҳо зуд-зуд ба назар мерасад. Омили дуюми зиддиятҳо ин поймол кардан ва эътироф накардани ҳуқуқи миллатҳои камшумор мебошад. Масалан, дар Англия шотландиҳо ва уэлсҳо, дар Испания баскҳо, дар Франсия корсиколикҳо, дар Канада франкканадагиҳо ва ғайра.

Ҳангоми омӯзиши миллату халқҳо онҳоро бояд вобаста ба хусусиятҳои муайян тақсим ё ба гурӯҳҳо ҷудо намудан лозим

аст. Вобаста ба хусусият ва нишондиҳандаҳо халқҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд.

1. Таснифоти шумораи аҳолӣ. Олими рус В.В. Покшишевский халқҳоро вобаста ба шумораашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунад:

- халқҳое, ки шумораи он зиёда аз 100 миллион мебошад(хитоиҳо, амеркоиҳо, ҳиндуҳо, японҳо);
- халқҳое, ки шумораи онҳо аз 50 миллион то 100 миллион нафарро ташкил медиҳанд (бразилиягиҳо, немисҳо, банғолҳо, италянҳо, бихариҳо);
- халқҳое, ки шумораи онҳо аз 10 то 50 миллион нафар мерасад;
- халқҳое, ки шумораи онҳо аз 1 миллион то 10 миллион нафар мерасад;
- халқҳое, ки шумораи онҳо аз 1 миллион кам мебошад.

2. Вобаста ба ҷойгиршавии ҳудудӣ гурӯҳбанди намудани халқҳо. Ҳар як халқ дорои ҳудуди этникии хеш мешавад. Айнан дар ҳамин ҳудуд ӯ маданият ва маънавиёти худро барпо мекунад ва усулҳои ба худ хоси истифодабарии сарватҳои табиатро ба кор мебарад ва гайра... Халқҳое, ки дар ҳудуди муайяни бо ҳам дурру дароз зиндагӣ намудаанд, тарзи хоҷагидорӣ, зиндагӣ, маданият ва урфу одатҳои онҳо дар бисёр маврид ба якдигар хеле наздик ва якхела мешавад. Айнан чунин ҳудудҳое, ки аз ҷиҳати нишона ва хусусиятҳо монанди доранд онҳоро вилоятҳои таърихӣ-этнографӣ меноманд.

3. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ-хоҷагӣ низ гурӯҳбанди намудани халқиятҳо бештар хусусияти таърихӣ дорад. Вобаста ба ин навъи гурӯҳбандӣ халқҳоро ба «халқҳои деҳқон», «халқҳои чорвопарвар» ва «халқҳои шикорчӣ» ва ғайра ҷудо мекунанд. Ин навъи гурӯҳбанди сол то сол аҳамияти худро гум намуда истодааст.

4. Гурӯҳбандии лингвистикии халқҳо. Ҳангоми вобаста ба забон гурӯҳбандӣ намудани халқҳо бисёр забонҳои бо ҳам наздик ба як оила ҳамроҳ карда мешаванд, ки онҳо дар навбати худ боз ба шохаҳо ҷудо мешаванд.

**Маълумотҳои иловагӣ**

**Қабила** – гурӯҳи одамоне, ки бо дараҷаҳои гуногуни хешутаборӣ бо ҳам алоқамандананд.

Тарзи зиндагии қабилагӣ аз замонҳои қадим вуҷуд дошт ва ҳоло низ давлатҳое дучор мешаванд, ки дар онҳо то ҳоло тарзи зиндагии қабилагӣ бо шаклҳои гуногун боқӣ мондааст.

**Елатҳо** – дар натиҷаи якҷояшавии қабилаҳо ба вуҷуд меоянд. Елатҳои аввалин дар давраи шоҳигарии қадима ба вуҷуд омада, боиси тараққиёти ҷамъият ва пайдоиши миллатҳо гардидааст.

**Шартҳои шаклгирии миллат** а) дараҷаи баланди худшиносӣ; б) дар ҳудуди як давлати муайян зисту зиндагӣ намудан.

Ҷараёнҳои замонавии этникиро чунин тасвир намудан мумкин аст:




**Интегратсияи байни этносҳо-** дар ҳудуди як давлат ё ки федератсия дар ҳолати нигоҳ доштани хусусиятҳои миллии худ ривоҷ ёфтани якчанд миллатҳо. Ин ҷараёнро дар давлатҳои сермиллат ба монанди Хитой, Ҳиндустон ва Россия дидан мумкин аст.

**Ассимилиятсия** - дар ҷараёни ҳамчун миллат шакл гирифтани як елат дар дохили миллатҳои дигар омехта шуданашро меноманд. Дар асрҳои қадим ва миёна чунин ҷараёнҳо боиси аз байн рафтани якчанд миллатҳои дигар шуд.

**Консолидатсия-** алоқаҳои доимӣ ва якҷояи якчанд миллатҳое, ки хусусиятҳои ба худ хоси миллиро нигоҳ доштаанд. Ин ҷараёнро дар замони ҳозира дар сиёсати як қатор давлатҳои қитъаи Европа дидан мумкин аст.

**Халқҳои бузург** – халқҳое, ки дар кураи Замин шумораи онҳо аз 100 млн нафар зиёд аст.

**Оилаи забонҳо** – якҷоя шудани забонҳои аз ҷиҳати этникӣ пайдоиши якхела доштаро меноманд.

**Забонҳои ҷаҳонӣ** – забонҳое, ки аз тарафи халқҳои ҷаҳон дар муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ васеъ истифода бурда мешавад.

**Забони давлатӣ** –забоне, ки дар муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлат расман қабул карда шуда аст.

**Саволҳои назоратӣ**

1. *Сабаби душвор будани омӯзиши таркиби миллии аҳолии ҷаҳон дар чист?*
2. *Халқиятҳо ва забонҳои васеъ паҳнгардидаи ҷаҳонро номбар кунед.*
3. *Дар ҷаҳон ҳоло чанд забон вуҷуд дорад?*
4. *Кадом забонҳоро забонҳои ҷаҳонӣ меноманд?*
5. *Дар чанд давлати ҷаҳон забони англисӣ, франсавӣ, арабӣ, испанӣ ҳамчун забони расмии давлатӣ истифода бурда мешавад.*
6. *Сабаби васеъ паҳншавии забонҳои испанӣ, франсавӣ, англисӣ, русӣ ва англисӣ дар чист?*
7. *Вобаста ба таркиби миллии аҳолӣ давлатҳои ҷаҳонро ба чанд гурӯҳ ҷудо кардан мешаванд?*
8. *Сабаби асосии ба вуҷуд омадани низоъҳои миллӣ дар чист?*

# ТАРКИБИ НАЖОДИИ АҲОЛИИ КУРАИ ЗАМИН

1. Мафҳум ва пайдоиши нажод
2. Нажодҳои бузург, миёна ва омехта.
3. Хусусиятҳои географии тақсимшавии нажодҳо

4. 1. Мафҳум ва пайдоиши нажод. Вобаста ба шакли беруна, нишонаҳои ҷисмонӣ ба гурӯҳҳо ҷудо намудани аҳолии кураи заминро нажод меноманд. Аз замонҳои қадим одамонро асосан аз рӯи ранги пӯст ба се нажоди калон «сафедпӯст», «сиёҳпӯст» ва «зардпӯст» ҷудо менамуданд. Аммо таткиқотҳои махсуси илмӣ исбот намуд, ки нажодҳоро на танҳо аз рӯи ранги пӯст, балки барои муайян кардани нишонаҳои нажодӣ маҷмӯи нишонаҳои беруна ва дарунаи инсон бояд ба инобат гирифта шавад. Маҷмӯи нишонаҳои беруна ва дарунае, ки нажодҳои инсонии кураи замин ифода меёбанд онҳоро нишонаҳои нажодӣ меноманд.

Классификатсияи аввалини нажодҳои инсоният дар асри XVIII гузаронида шуда буд, ки дар он низ омили асосии муайянкунандаи нажодҳо ранги пӯст ба ҳисоб мерафт. Дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX нишонаҳои ҷудокунандаи нажодҳо зиёд гардид, лекин қисми зиёди онҳо нишонаҳои беруна буданд. Дар замони муосир ба қатори нишонаҳои нажоди ғайр аз нишонаҳои беруна боз таркиби хун, намунаҳои ҳиссиёти бадан ва дигар нишонаҳои физиологиву психологӣ низ дохил карда шудаанд.

Ба қатори нишонаҳои асосии се нажоди калонро тавсифдиҳанда ғайр аз ранги пӯст боз шакли мӯй, гафс ё тунукии ришу мӯйҳои бадан ва қиёфаи рӯй низ дохил мешавад (Ҷадвали №1). Дар ташакулёбии нишонаҳои нажодӣ шароитҳои табиӣ-географӣ таъсири калон мерасонад.

Мафҳуми нажод танҳо характери иҷтимоӣ дошта, байни аҳолӣ ҳеҷ гуна тафовутҳои биологӣ ва психологӣ, махсусан фаркияти интелектуалиро ба вуҷуд намеорад. Омӯзиши географияи нажодҳо аз нуқтаи назари илмӣ хело шавқовар ва муҳим мебошад. Вале бояд қайд намуд, ки байни нажодҳои калон сарҳад гузоштан ғайриимкон аст. Зеро намояндагони нажодҳоро қариб, ки дар тамоми минтақаҳои кураи Замин вохӯрдан мумкин аст.

Ҷадвали №1

| Нишонаҳо | Нажодҳои калон | | |
|---|---|---|---|
| | **Негроид** | **Европоид** | **Муғулоид** |
| **Ранги пӯст** | сиёҳ | Сафед ё инки гандумранг | Аз сафед то гандуманг |
| **Шакли мӯй** | Ҷингалак | Маҳини рост | Рости сахт |
| **Фарқияти риш ва бадани мардҳо** | Мӯътадил ё инки кам | Ғафс ё инки мӯътадил | Кам |
| **Шакли рӯй** | Рӯшан, устухонаш мӯътадил (prognatizm) | Рӯшан, устухонаш ба берун набаромада, устухони ҷоғ вертикал (ortognatizm) | Рӯшан, устухонаш ба берун баромада, устухони ҷоғаш мӯътадил (mezognatizm) |
| **Бинӣ** | паҳн | Борик ва дароз | Мӯътадили ҳамвор ва фурӯрафта |
| **Лабҳо** | ғафс | Нафис | Миёна |

Дар авлодҳои қадимаи инсон нишонаҳои алоҳидаи нажодӣ мавҷуд набуд. Нишонаҳои нажодӣ дар натиҷаи дар як минтақаи географӣ садсолаҳо истиқомат намудан боиси ба ҳамин ба ҳамин муҳити географӣ мутобиқ шудани аҳолӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз агар баъзе аз халқҳоро намояндаи як нажод ҳисобем, дар бизёре аз халқҳои ҷаҳон бошад муштаракии нишонаҳои нажодӣ акс ёфтааст.

Ҳоло нажодҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд:

А) Нажодҳои бузург.

Б) Шакли қадимаи мобайнӣ.

В) Шаклҳои омехтаи асри миёнагӣ.

Г) Шаклҳои омехтаи замони нави муосир.

Дар айни замон 69% аҳолии ҷаҳонро нажодҳои бузург (42,9% нажоди европоид, 19,1% нажоди муғулоид, 7% нажоди негроид), 0,3% нажоди австралоид ва боқимонда 30% -ро нажодҳои мобайни ва омехта ташкил медиҳанд.

Ба нажодҳои бузург нажодҳои европоӣ, муғулоид ва негроид дохил мешаванд.

Нажоди европоӣ дар Европа, Осиё ва Америка паҳн шуда аст. Ин нажод ба шохаҳои шимолӣ ва ҷанубӣ ҷудо мешавад. Ин шохаҳо аз ягдигар бо ранги мӯй ва чашм фарқ мекунанд. Ба шохаи ҷанубии нажоди европоид ғайр аз аҳолии қитъаи Европа боз аҳолии Африкаи шимолӣ ва як қатор халқҳои Осиё низ дохил мешавад. Қисми зиёди ҳудуди Европа ба шакли минтақаи мобайнӣ дохил мешавад, ки ин шакл на ба шохаи шимолӣ ва на ба шохаи ҷанубии нажоди европоид мансуб аст.

Қисми зиёди намояндагони нажоди негроид бошад дар қитъаи Африка ва қисман дар Америка ва Европа зиндаги мекунанд. Ба гурӯҳи алоҳида танҳо пигмейҳои пастқад ҷудо карда мешаванд. Ғайр аз қад дар пигмейҳо як қатор нишонаҳои фарққунанда низ мавҷуд аст. Ранги пӯсти онҳо сиёҳи зардчаранг ва аз ҷиҳати шакли рӯй ба муғулоидҳо монанди доранд, аммо мӯи сарашон монанди мӯи сари негроидҳо чингала ва бинияшон ҳамвор мебошад. Ин далели он аст, ки нишонаҳои нажодӣ зери таъсири омилҳои табиӣ ташакул меёбанд.

Қисми зиёди намояндагони нажоди муғулоид дар Осиё маскун шудаанд. Намояндагони ин нажодро дар тамоми қитъаҳои кураи Замин вохӯрдан мумкин аст. Шохаи Осиёгии нажоди муғулоид ба се гурӯҳ ҷудо карда мешавад: муғулоидҳои шимолӣ, шарқӣ ва ҷанубӣ.

Аҳолии қисми шимолии хитой ба шохаи муғулоидҳои шарқӣ, муғулҳо, бурятҳо, ёқутиҳо, тувагиҳо, евек ва дигарон бошад ба шохаи муғулоидҳои шимолӣ мансуб мебошанд.

Дар эскимосҳо, чукчаҳо ва корякҳо нишонаи шохаи шимолӣ ва шарқӣ мавҷуд аст. Ғайр аз ин дар онҳо нишонаи махсус( бинии ниҳоят борик) низ дида мешавад.

Ба шохаи ҷанубии нажоди муғулоид индонезиягиҳо, халқҳои нимҷазираи ҳиндухитой, хитоиҳои ҷанубӣ, филиппиниҳо дохил мешаванд. Япониҳо ба гурӯҳи мобайнӣ дохил мешаванд. Ҳиндуҳои қитъаи Америка ба шохаи амеркоии нажоди муғулоид дохил мешаванд. Дар онҳо нишонаҳои нажодҳои европоид ва монголоид бо хусусиятҳои ба худ хос омехта шудаанд.

Ба гурӯҳи қадимаи мобайнӣ халқҳое дохил мешаванд, ки онҳо дар натиҷаи ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ дар давраҳои қадим баъди омехта ва ё ҷудошавии нажодҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. Ин гурӯҳ аз ҷиҳати географӣ ба минтақаҳои зерин ҷудо карда мешавад:

1. Минтақаи мобайнии Африка. Минтақаи омехташавии нажоди негроид ва нажоди европоид мебошад. Африкаи Шарқӣ, Эфиопия ва Сомалӣ шакли мобайнии ба типи эфиопӣ мансуб ҷудо карда мешавад.

2. Минтақаи мобайнии ҳинд. Ин минтақа низ дар натиҷаи омехташавии нажодҳои европоид ва негроид ба

вуҷуд омада аст, ки ба онҳо халқҳои ҳиндуи мансуби муқими Ҳиндустон дохил мешаванд.

3. Минтакаи мобайнии Осиёи Ҷанубу-Шарқӣ. Дар натиҷаи омехташавии нажодҳои европоид ва муғулоид ба вуҷуд омадааст. Японҳо, микронезиягиҳо ва полинезиягиҳо ба ҳамин шакл мансубанд.

4. Минтақаи мобайнии Осиёи Шимолӣ. Ҳудуди Қазоқистони Шимолӣ ва Сибири Ғарбиро дар бар мегирад. Дар натиҷаи омехташавии нажоди монголоид ва европоид ба вуҷуд омада аст. Ин омехташавӣ ба халқҳои Қазоқистони Шимолӣ, халқҳои урал, чувашҳо, мариҳо, удмуртҳо, саамҳо ва дигарон таъсири калон расонид.

Шаклҳои омехтаи асри миёнагӣ. Ин шакли нажодҳо дар натиҷаи истилоҳҳо ва алоқаҳои иқтисодиву маданӣ ба вуҷуд омадаанд. Масалан, дар Африка дар натиҷаи юриши арабҳо ва паҳншавии дини ислом шакли омехтаи нажоди судонӣ ба вуҷуд омад.

Дар Осиёи Миёна бошад дар давраи муҳиҷирати халқҳо қисми зиёди қабилаҳои ин минтақа ба Сибири Ғарбӣ, Қазоқистон, минтақаи даштии Осиёи Миёна ва Европаи Шарқӣ кӯч бастанд. Дар натиҷаи омехташавии аҳолии маҳаллии ба нажоди европоид мансуб бо кӯчманчиёни муғулоид шакли нави нажодӣ яъне нажоди омехтаи осиёимиёнагӣ ва шакли омехтаи Сибири Ҷанубӣ ба вуҷуд меояд. Ба шакли дуюм ӯзбекон, туркманњо ва уйғурҳо дохил мешаванд.

Дар ҳавзаи уқёнуси Ҳинд бошад дар натиҷаи паҳншавии индонезиягиҳо ҷараёни ассимилятсияи халқҳо ба вуҷуд омада, дар натиҷаи омехташавии нажодҳои муғулоид ва европоид типи омехтаи нажоди индонезияи шарқӣ ҳосил шуд (дар натиҷаи омехташавии нажодҳои европоид ва муғулоид типии омехтаи нажоди малгаш низ ба вуҷуд омадааст, лекин он чуқур омӯхта нашудааст).

Шакли омехтаи замони нави муосир. Аз давраи кашфиётҳои бузурги географӣ европоиҳо ба тамоми ҷаҳон паҳн шуданд. Қисми зиёди халқҳо бо европоидҳо омехта шуда шакли нави нажодро ба вуҷуд оварданд. Сиёҳпӯстоне, ки аз қитъаи Африка оварда шуда буданд бо мурури замон бо халқҳои маҳаллӣ омехта шуданд. Бо ҳамин тарз дар натиҷаи омехташавии ҳиндуҳо

ва европоиҳо –метисҳо, дар натиҷаи омехташавии сиёҳпӯстон ва ҳиндуҳо –самбогиҳо, дар натиҷаи омехташавии сиёҳпӯстон ва европоидҳо бошад мулатҳо пайдо шуданд. Махсусан дар баъзе аз давлатҳои Америкаи Лотинӣ (Парагвай, Мексика) қисми зиёди аҳолиро метисҳо ташкил медиҳанд. Дар давлатҳои ҷазиравии ҳавзаи Кариб бошад қисми зиёди аҳолиро мулатҳо ташкил медиҳанд. Дар Африка авлоди сиёҳ ва сафедонро (ассимилятсияи халқҳо) бурҳо ва ё рангаҳо меноманд. Дар бисёр қитъаҳои кураи Замин фарзанде, ки дар натиҷаи омехташавии ду нажод ба вуҷуд омадааст метис номидан ба ҳукми анъана даромадааст.

Аз нуқтаи назари илми омӯхтани нажодҳои инсонӣ барои омӯзиши таъсири шароити табиӣ ба организми инсон, мутобиқшавии организми инсон, хусусиятҳои пайдоиш ва рушти инсон ва омӯзиши генетикаи инсон замина гузошта дар рушди фанни антрапология ҳиссаи калон мегузорад.

**Саволҳои назоратӣ**

1. *Мафҳуми нажодро шарҳ диҳед.*
2. *Дар пайдо шудани нишонаҳои нажодӣ шароитҳои табиигеографӣ чӣ гунна таъсир мерасонад.*
3. *Дар ҷаҳон чанд нажод мавҷуд аст ва онҳо чанд фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳанд?*
4. *Нажодҳо аз ягдигар бо кадом хусусиятҳо фарқ мекунад?*

# ГЕОГРАФИЯИ АҲОЛИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

1. *Тавсифи таърихиву этнографии аҳолии Осиёи Марказӣ*
2. *Хусусиятҳои рушти демографии аҳолии Осиёи Марказӣ*
3. *Омилҳои ба афзоиши табиии аҳолиии Осиёи Марказӣ таъсиррасонанда.*

1.Тавсифи таърихиву этнографии аҳолии Осиёи Марказӣ. Аҳолии Осиёи Марказӣ дорои хусусиятҳои гуногуни географӣ ва демографӣ мебошад. Зеро воқеаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии охири асри XX рух дода, ба тарзи ҳаёт ва тараққиёти демографии аҳолии минтақа таъсири худро расонид. Танҳо баъди таҳлили этнографиву демографӣ доир ба вазъи кунуни ва дурнамои рушди он хулосабарори намудан мумкин аст. Истиқлолият ба даст овардани давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷараёни ташакулёбии халқҳои минтақаро тезу тунд намуда, муносибатҳои нави иҷтимоиву сиёсиро ба вуҷуд овард. Як қатор анъана ва урфу одатҳои миллие, ки дар замони Шӯравӣ дар арафаи нестшавӣ қарор доштанд боз аз нав эҳё гардиданд. Омӯзиш ва таҳлили хусусиятҳои географӣ ва демографии аҳолии минтақа бояд аз омӯзиши ташакулёбии ҷараёнҳои таърихии халқҳо оғоз гардад.

Ҳоло 70% халқҳои Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати этникӣ ба ягдигар наздик мебошанд. Дар натиҷаи ҷараёнҳои этникӣ, ҳаракати зиёди муҳоҷирати аҳолӣ ва омехташавии халқҳои маҳаллӣ бо халқҳои дигар дар минтақа этносҳои бузург ташакул ёфтанд. Аҳолии маҳалӣ ба оилаи эронӣ ва туркӣ мансуб мебошанд. Дар давраи собиқ Шӯравӣ миллатҳои рус, тотор, украин, белорус, немис ва армянҳо ба ҳудуди Осиёи Марказӣ кӯчида омаданд, ки онҳо дар баъзе давлатҳои Осиёи Марказӣ фоизи зиёди аҳолиро ташкил медоданд. Ғайр аз ин дар ҳудуди минтақа миллатҳои аҳолиашон кам ба монанди арабҳо, эрониҳо, курдҳо, балуҷҳо, уйғурҳо, дунганиҳо, кореягиҳо ва дигарҳо низ истиқомат мекунанд. Айни замон 60% аҳолии Осиёи Марказӣ ба гурӯҳи туркӣ ва 38% ба гурӯҳи эронӣ мансуб аст. Дар давраи собиқ Шӯравӣ вобаста ба ҷойгиршавии миллатҳо давлатҳои миллӣ ташкил ёфта буданд, ки баъди Истиқлолият низ номҳои онҳо бетағир боқӣ монд.

Тоҷикон яке аз халқҳои муқимӣ ва қадимаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравaнд. Ба ташакулёбии халқи тоҷик сулолаҳои тоҷиктабор аз ҷумла сулолаи Сомониён ҳиссаи калон гузоштааст.

Аз сабаби оне, ки қисми асосии аҳолии Осиёи Марказӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба кор банд буданд, бинобар серфарзанди ба онҳо хос буд. Дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ хизматрасонии тиббӣ ва дигар ёриҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ беҳтар гардиданд, ки ин ба зиёдшавии суръати афзоиши табиии аҳолӣ оварда расонид. Дар давоми асри XX аҳолии минтақаи Осиёи Марказӣ 5,5 маротиба афзуд (Ҷадвали №1, №2).

***Ҷадвали №1***

**Динамикаи афзоиши аҳолии Осиёи Марказӣ дар солҳои 1939-1999 (ҳазор нафар)**

| Номи мамлакат | 1939 с | 1959с | 1970с | 1979с | 1989с | 1999с |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ўзбекистон | 6336 | 8109 | 11779 | 15391 | 19906 | 24000 |
| Қазоқистон | 6094 | 9225 | 13009 | 14684 | 16638 | 16500 |
| Қирғизистон | 1458 | 2006 | 2934 | 3529 | 4291 | 4500 |
| Тоҷикистон | 1484 | 1981 | 2900 | 3801 | 5112 | 7080 |
| Туркманистон | 1252 | 1516 | 2159 | 2759 | 3534 | 4600 |
| Осиёи Марказӣ | 16624 | 22977 | 32801 | 39164 | 49481 | 56600 |

**Манбаъ: Население России 2001. –М.: 2002**

***Ҷадвали №2***

**Нишондодҳои аҳолии Осиёи Марказӣ дар солҳои 1989-2004 (млн. нафар).**

| Давлатҳо | 1989с | 1994с | 2004с | Соли 2004 нисбат ба соли 1989 |
|---|---|---|---|---|
| Қозоғистон | 16,5 | 16,9 | 15,0 | 0,91 |
| Қирғизистон | 4,3 | 4,5 | 5,1 | 1,19 |
| Тоҷикистон | 5,1 | 5,7 | 6,6 | 1,29 |
| Туркманистон | 3,5 | 4,3 | 4,8 | 1,37 |
| Ўзбекистон | 19,9 | 22,2 | 25,1 | 1,26 |

***Манбаъ:* Население России 2001. –М.: 2002.**

Дар ин давра аҳолии Ӯзбекистон 3,8, аҳолии Туркманистон 3,7, аҳолии Қирғизистон 2,1, аҳолии Қазоқистон 2,7 ва аҳолии Тоҷикистон 2,6 маротиба афзуд. Афзоиши табиии аз ҳама баланди аҳолӣ соли 1995 дар Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба қайд гирифта шуда аст (Ҷадвали №3).

***Ҷадвали №3***

| Номи мамлакатҳо | Таваллуд, % | Фавт, % | Афзоиши табиӣ, %. |
|---|---|---|---|
| Қазоқистон | 19,9 | 8,1 | 11,8 |
| Қирғизистон | 28,6 | 7,2 | 21,4 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | 32,2 | 6.6 | 25.6 |
| Туркманистон | 34,0 | 7,1 | 26,9 |
| Ӯзбекистон | 33,1 | 6.5 | 26,6 |

***Манбаъ:*** **Население России 2001. –М.: 2002.**

Дар 10 соли аввали асри XXI рушти демографии аҳолии Осиёи Марказӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос дошт (Ҷадвали №4).

***Ҷадвали №4***

**Нишондодҳои демографии аҳолии Осиёи Марказӣ**

| Нишондодҳо | Қазоқистон | Қирғизистон | Тоҷикистон | Туркманистон | Ӯзбекистон |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳоли млн. нафар | | | | | |
| 1993 с | 17.0 | 4.5 | 5.6 | 4.3 | 21.7 |
| 1995 с | 16.9 | 4.4 | 5.8 | 4.5 | 22.7 |
| 2003 с | 16.8 | 4.9 | 6.9 | 4.8 | 26.0 |
| 2007 с | 15.5 | 5.2 | 7.1 | 5.4 | 26.5 |
| Масоҳат Ҳазор км² | 2717.3 | 198.5 | 143.1 | 488.9 | 448.9 |
| Зиччии аҳоли нафар/км² | | | | | |
| 1993 | 6.3 | 22.7 | 39.1 | 8.8 | 48.3 |
| 2007 | 5.7 | 26.2 | 49.6 | 11.1 | 59.0 |
| Дараҷаи урбанизатсия % | 57 | 35 | 26 | 47 | 36 |
| Коеффисенти таваллуд ‰ | | | | | |
| 1992 | 19.9 | 28.6 | 32.2 | 34.0 | 33.1 |
| 2006 | 20.0 | 23.0 | 26.0 | 25.0 | 24.0 |
| Коэффисенти фавт ‰ | | | | | |
| 1992 | 8.1 | 7.2 | 6.6 | 7.1 | 6.5 |
| 2006 | 10.0 | 7.0 | 7.0 | 8.0 | 7.0 |
| Коэффисенти фавти кӯдакон ‰ | | | | | |
| 1992 | 26.2 | 31.5 | 45.9 | 43.6 | 37.4 |
| 2006 | 29.0 | 50.0 | 65.0 | 74.0 | 58.0 |
| Маҷмӯи коэффисенти таваллуд ‰ | | | | | |
| 1995 | 2.3 | 3.3 | 4.3 | 4.0 | 3.8 |
| 2006 | 2.5 | 2.8 | 3.4 | 2.9 | 2.7 |
| Шумораи | 17.1 | 6.6 | 9.4 | 6.6 | 32.9 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| аҳоли мувофиқи дурнамои СММ дар соли 2025 | | | | | |
| Шумораи аҳоли мувофиқи дурнамои СММ дар соли 2050 | 17.4 | 8.1 | 11.4 | 7.4 | 37.2 |

*Манбаъ:* **Население России 2001. –М.: 2002. ва ҳисоби муаллиф.**

Давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати таърих, анъанаҳои миллӣ, урфу одатҳо ва як қатор хусусиятҳои дигар ба ягдигар монанди доранд. Аҳолии Осиёи Марказӣ мувофиқи маълумотҳои соли 1995 54,3 миллион нафаро ташкил медод, ки он 17% аҳолии ИДМ-ро ташкил медиҳад. Зиёдшавии шумораи аҳоли ва бозтавлиди он ба афзоиши механикӣ низ алоқаманди дорад (Ҷадвали №5).

Маълумоти мушаххас доир ба аҳолии пеш аз инқилобии Осиёи Марказӣ хеле кам мебошад. Вале маълум аст, ки бо сабаби паст будани дараҷаи хизматрасонии тиббӣ афзоиши табиии аҳоли низ хеле паст буд. Соли 1897 дар Осиёи Марказӣ 10,5 миллион, соли 1970 –ум 32,8 миллион ва соли 1995-ум бошад 54,3 миллион аҳоли истиқомат мекарданд. Солҳои 1897-1970 аҳолии Осиёи Марказӣ ба миқдори 1,3% афзудааст. Ба афзоиши аҳолии Осиёи Марказӣ Ҷанги Бузурги Ватанӣ таъсири манфӣ расонид. Дар ҷанг ҳазорҳо нафар аҳолӣ фавтиданд. Сиёсати демографии баъдиҷангии СССР ба афзоиши баланди табиии аҳоли оварда расонид. Солҳои 1979-1989 яъне дар давоми 10 сол аҳолии Осиёи Марказӣ ба 9,2 миллион нафар афзуд.

Аҳолии Осиёи Марказӣ дар давраи Шӯравӣ низ бо суръати баланд меафзуд. Масалан, соли 1926 ба ҳиссаи Осиёи Марказӣ 7% ва соли 1959 –ум 11% аҳолии СССР рост меомад, ки ҳоло ба ҳиссаи Осиёи Марказӣ 17% аҳолии ИДМ рост меояд. Бо чунин суръати баланд афзудани аҳолии Осиёи Марказӣ пеш аз ҳамма аз ҳисоби афзоиши табиии баланд ба вуҷуд омад. Аз ҷиҳати дараҷаи афзоиши табиии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ИДМ ҷои якумро ишғол мекунанд. Афзоиши табиии аҳолии минтақа дар соли 1989 дар Тоҷикистон ба 1000 нафар 32 кас, дар Ӯзбекистон 27 кас, дар Қирғизистон

24 кас, дар Қазоқистон 17 кас ва дар Туркманистон 27 касро ташкил медод. Ҳоло бошад афзоиши табии аҳолӣ ба 1000 нафар дар Тоҷикистон 25 кас, дар Ӯзбекистон 24 кас, дар Туркманистон 25 кас, дар Қирғизистон 18 кас ва дар Қазоқистон 10 касро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №5*

**Нишондодҳои муҳоҷирати аҳолии Осиёи Марказӣ дар солҳои 1989-2004 (ба ҳисоби ҳазор нафар).**

| Давлатҳо | 1989с | | | 2000с | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Иммигратсия | Эмигратсия | Салдои миграгсия | Иммигратсия | Эмигратсия | Салдои миграгсия |
| Қазоқистон | 176 | 216,2 | -40,2 | 31,6 | 133,4 | -101,8 |
| Қирғизистон | 43,4 | 43,5 | -0,1 | 5,3 | 18,1 | -12,8 |
| Тоҷикистон | 23,4 | 34,6 | -11,2 | 2 | 13,1 | -11,1 |
| Туркманистон | 24,6 | 28,8 | -4,2 | 1,15 | 9,9 | -8,7 |
| Ӯзбекистон | 79,8 | 167,6 | -87,8 | 5 | 52,4 | -47,4 |

***Манбаъ:*** **Население России 2001. –М.: 2002.**

Таркиби ҷинсӣ ва синусолии аҳолӣ нишондоди муҳими демографӣ буда, дар асоси ин нишондиҳандаҳо ба чӣ қадар расидани захираи меҳнатӣ, наврасон, ҷавонон, нафақахӯронро пешгӯи карда, истеҳсоли маҳсулотҳои истеъмолӣ ва сохтмони иншоотҳои хизматрасониву инфрасохториро ба нақша мегиранд. Дар асоси нишондодҳои ҷинсиву синусоли инчунин дар дурнамо чӣ гунна ё ба кадом дараҷа расидани бозтавлиди аҳолиро низ муайян намудан мумкин аст. Агар тафовути ҷинсӣ баробар ё инки бо ҳам наздик бошад баъзе аз проблемаҳои демографӣ ба монанди бисёрзанӣ, никоҳи пеш аз мӯҳлат ва ғайра кам мешавад. Дар давраи пеш аз замони шӯравӣ шумораи мардҳо нисбат ба занҳо зиёд буд. Сабабҳои асосии тафовути зан ва мард дар он давра чунинанд:

1. Мавқеи зан дар ҷомеа хеле паст буд;
2. Ҳамаи корҳои вазнини хона ба зимаи зан буд;
3. Духтарҳои ноболиғро ба шавҳар медоданд;
4. Хизматрасонии тиббӣ қариб вуҷуд надошт;
5. Фосилаи байни таваллуд риоя карда намешуд;
6. Бисёрфарзанди хело авҷ гирифта буд;

7. Фавти модарон ниҳоят зиёд буд;
8. Оилаҳо бештар хоҳиши таваллуд шудани писарро доштанд ва ғайра.

Мувофиқи барӯихатгирии умумишӯравӣ соли 1939 53% аҳолии Осиёи Марказиро мардҳо ва 47% занҳо ташкил медоданд. Ин нишондиҳанда дар давлатҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ низ гуногун буд. Ҳоло бошад 52% аҳолии Осиёи Марказиро занҳо ва 48% мардҳо ташкил медиҳанд.

Дар як қатор давлатҳои ҷаҳон (аз ҷумла дар давлатҳои қисми европоии ИДМ: Россия, Украина, Белоруссия) бо сабаби паст будани дараҷаи таваллуд пиршавии аҳолӣ ба назар мерасад ва баракс дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷавоншавии аҳолӣ дида мешавад.

Баъди истиқлолият давлатҳои Осиёи Марказӣ роҳи рушди индустриалиро пеш гирифтанд. Аз ин лиҳоз дараҷаи урбанизатсия низ бо ҳамин мувофиқ бояд бошад. Дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати дараҷаи урбанизатсия дар ҷои аввал Қазоқистон меистад, ки ин нишондиҳанда ба 58% мерасад.

Баланд бардоштани дараҷаи сатҳи зиндагии аҳолӣ дар замони муосир яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳукумати давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи таткиқотҳои коршиносони мустақил дар соли 2000 давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати дараҷаи зиндагӣ дар байни 173 давлати ҷаҳон мавқеи зеринро ишғол намуданд.

Қазоқистон - 79
Туркманистон- 87
Тоҷикистон - 95
Ӯзбекистон - 95
Қирғизистон - 102

